ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД: 891.550 (091) (83.3)

**ҲАМЗАЕВ МУҲРИДДИН ҚАЛАНДАРОВИЧ**

# ҶУСТУҶӮҲОИ ҲУНАРӢ ДАР ШЕЪРИ ТОҶИКИИ СОЛҲОИ 60-70-УМИ АСРИ XX

**(дар мисоли ашъори Ғоиб Сафарзода)**

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои филологӣ,
профессор, академики АМИТ
Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ

ДУШАНБЕ – 2024

# МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА.....................................................................................................3-8

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ............................................................................9-13

БОБИ I. РАВАНДИ НАВГАРОӢ ДАР ШЕЪРИ ТОҶИКИИ СОЛҲОИ 60-70..........................................................................14-61

1.1. Замина ва омилҳои асосии навоварӣ дар шеър....................................14-21

1.2. Мавқеи анвои суннатӣ ва навоварӣ дар он...........................................22-41

1.3. Пайдоиш ва таҳаввули анвои нави адабӣ дар шеър.............................42-61

БОБИ II. ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТИ АДАБИИ ҒОИБ САФАРЗОДА...62-95

2.1. Ташаккули шахсияти адабии шоир.......................................................62-69

2.2. Тарҷума – омили такомули маҳорати эҷодии Ғоиб Сафарзода............70-88

2.3. Нақди адабӣ – мактаби омӯзиш ва сайқали истеъдоди Ғоиб Сафарзода.........................................................................................89-95

БОБИ III. ҒОИБ САФАРЗОДА ВА ҶУСТОРҲОИ ҲУНАРӢ ДАР ШЕЪРИ ТОҶИКИИ СОЛҲОИ 60-70.........................................................96-147

3.1. Ҷустуҷӯҳои ҳунарии Ғоиб Сафарзода дар партави шеъри тоҷикии солҳои 60-70...............................................................................................96-117

3.2. Эҷодиёти Ғоиб Сафарзода дар манзари нақди адабии тоҷик...........118-129

3.3. Мақоми Ғоиб Сафарзода дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70.............130-147

ХУЛОСА...............................................................................................148-153

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ..........................................................................................154-156

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ........................................................................157-170

НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ......171-172

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Адабиёти тоҷик дар солҳои 60-70-уми асри бист марҳилаи наверо бо мушаххасбаёнӣ, тозакорию навҷӯӣ, нигоҳи тоза ба мавзуъҳои сиёсию иҷтимоӣ ва талошҳое барои бедории миллӣ тай намуд. Таҳаввули жанрҳои шеърӣ дар оғози садаи XX заминаи мустаҳкаме барои ба вуҷуд омадани шеъри нав дар Тоҷикистон гардид. Барои дарки дигаргунии мазмун ва маърифати бадеӣ дар шеъри солҳои 60-70-ум зарур аст, ки ба ҷараёни инкишофи он аз солҳои 30-юм ва пештар аз он назар афканда, вазъияти умумии шеъри тоҷикии нимаи аввали садаи бистро ба хотир оварем.

Навоварӣ дар шеъри тоҷик, хосатан дар шеъри солҳои 60-70, танҳо ба маънои шеъри нав ё нимоӣ набуда, балки бар асоси шеъри суннатӣ аз лиҳози ҷусторҳои ҳунарӣ, нав шудани мавзуъ, забону баён, таркибу ибораоройӣ ва халлоқият дар сохторҳои шеъри суннатӣ сурат гирифтааст.

Ғ. Сафарзода ба адабиёти тоҷик чун шоир ворид гардида, дар ин самт фаъолияти пурсамар намудааст. Фаъолияти шоирӣ ӯро дар як муддати кутоҳ ҳамчун адиби соҳибистеъдод ба ҷомеаи адабии Тоҷикстон шиносонид. Ғ. Сафарзода умри зиёд надид, аммо дар муддати 12-13 соли фаъолияти эҷодӣ тавонист худро ҳамчун шоири боистеъдод муаррифӣ намояд. Шеъри ӯ дар ҳамин муддати кӯтоҳи фаъолияти эҷодиаш марҳила ба марҳила тақвият ёфта, унсурҳои тасвиру таҳлили бадеии воқеияти имрӯзу гузаштаро доро гардидааст. Инчунин, ғалаёнҳои ботинии инсон дар шеъри ӯ қувват гирифта, ҷанбаи ҳунарии онро ба ҷойи аввал баровард.

Тадқиқоти анҷомдодаи мо фарогири вижагиҳои шеъри шоир буда, мақоми ӯро дар адабиёти солҳои 60-70, дар муқоиса бо ашъори ҳамзамонону ҳамнаслонаш, муайян менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Таҳқиқ ва омӯзиши илмии равандҳои таҳаввули шеъри оғози садаи XX ва дар баробари ин пажӯҳиши шеъри солҳои 60-70 заминае барои таҳқиқи шеъри замони истиқлол аст, ки бидуни

шинохти он муайян намудани равандҳои ташаккули шеъри имрӯз душвор аст.

Дар ин хусус адабиётшиносони ватанию хориҷӣ, аз қабили Абдулғанӣ Мирзоев дар мақолаи «Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асри X-XV» [Мирзоев 1977], Носирҷон Маъсумӣ дар «Адабиёти тоҷик дар асрҳои XVIII ва нимаи аввали асри XIX» [Маъсумӣ 1962], Шарифҷон Ҳусейнзода дар «Баъзе майлҳо дар шеъри муосири тоҷик» [Ҳусейнзода 1970, с. 225-242], Муҳаммадҷон Шукуров дар «Сухан аз лирика ва мазмуни ҳаётии он» [Шукуров 1970, с. 183-224], Р. Амонов дар «Лирикаи халқии тоҷикӣ» [Амонов 1968], Холиқ Мирзозода дар «Таърихи адабиёти тоҷик» [Мирзозода 1987], Расул Ҳодизода дар «Аз гузашта ва ҳозираи адабиёти тоҷик» [Ҳодизода 1974], Хуршеда Отахонова дар «Пайванди ҳис ва андеша» [Отахонова 1982] ва «Падидаҳои навҷӯӣ» [Отахонова 1966, с. 119-122] ва дигарон дар мақолаю рисола ва китобҳои алоҳидаи худ дар масъалаи пайдоиш ва хусусиятҳои ҳунарию сохтории жанрҳои адабӣ ва пайвастагии мустаҳками баъзеи онҳо бо баҳрҳои алоҳидаи аруз баҳсҳои доманадоре ба миён оварданд. Ҳарчанд дар оғози садаи бист ва баъди солҳои 50-ум як навъ «ҳуҷум» ба сари жанрҳои суннатӣ сар задааст, боз аксари шоирон ба эҷоди ғазал ва дигар анвои суннатӣ рӯ оварда буданд.

Баъдҳо барои ҳимояи анвои суннатӣ олимон, аз қабили Абдунабӣ Сатторов дар мақолаҳои «Баҳс идома дорад» [Сатторов 1976, с. 101-105] ва «Шеър ва зиндагӣ» [Сатторов 1975, с. 116-136], Аскар Ҳакимов дар китоби «Шеър ва замон» [Ҳакимов 1978] ва мақолаи «Аз ғазал то шеъри озод» [Ҳакимов 1975, с. 123-136], Худой Шарифов дар мақолаи «Функсияи маърифатии қасида» [Шарифов 1978, с. 103-111], Раҳим Мусулмонқулов дар китоби «Асрори сухан» [Мусулмонқулов 1980] ва «Фурӯғи шеъри ҷонпарвар» [Мусулмонқулов 1984, с. 225-230], Шоҳзамон Раҳмонов дар китоби «Мусаммат, таҳаввул ва ташаккули он» [Раҳмонов 1987] ва дигарон

ба дирӯзу имрӯзи инкишофи жанрҳои лирикӣ таваҷҷуҳи зиёд намуданд, ки масъалаи навоварӣ низ дар навиштаҳояшон аз аҳаммият холӣ нест.

Дар шинохти шеъри тоҷик ва таҳаввулу навоварӣ дар он таҳқиқоти адабиётшиносону адибони ҳавзаи форсизабон, ба мисли Парвиз Нотили Хонларӣ [155; 156], Шафеии Кадканӣ [183; 183], Муҳаммадҷаъфари Ёҳақӣ [200; 200], Алиасғари Шеърдӯст [173] Алӣ Мусавии Гармору́дӣ [187] Алиризо Қазва [182] аз Эрон ва Мӯҷиби Меҳрдод [192] аз Афғонистон низ арзишманд ба назар мерасанд. Аммо, мутаасифона, ин донишмандон, ки дар навиштаҳои худ ҳунари шоирии эҷодкорони ин давраро дар тарозуи нақду баррасӣ гузоштаанд, аз ҳама ҷанбаҳои осори онон ба таври комил воқиф набудаанд ва муҳимтарин осор дар дастраси онҳо қарор надоштааст. То андозае мешавад ба андешаҳои Муҳаммадҷаъфари Ёҳақӣ ва Алиасғари Шеърдӯст эътимод баст, ки дар арзишдоварии шеъри ин давра ба воқеият наздиктаранд. Агар Ёҳақӣ бо таваҷҷуҳ ба вазъи иҷтимоии замони шоирон андешаҳои худро иброз дошта, мақоми шоирии ононро нишон дода бошад, Алиасғари Шеърдӯст бештар ба ҷанбаъҳои ҳунарии шеъри муосири Тоҷикистон таваҷҷуҳ кардааст. Дар ин радиф, гоҳе ба дастовардҳо ва заъфи шеъри тоҷик низ ишораҳо дорад, ки ба назар ҷолиб менамояд. Нигоҳи Алиризо Қазва ва Мусавии Гармору́дӣ бештар ҷанбаи идеологӣ ба худ касб карда, дар навиштаҳои онҳо шеъри ин давра бо такя ба салиқаи шахсии худи онҳо баҳогузорӣ мешавад. Шеъри ин давраро аз дидгоҳи дину мазҳаб баҳо додани онҳо ба ҳақиқат созгор нест.

Нигоҳи муҳаққиқони аврупоӣ, аз қабили П.Ж. Сартр [168] И. Бечка [148] Я. Рипка [205] ва К. Ҳечинский [229] ва ҳамчунин таҳқиқу пажӯҳиши олимон ва шарқшиносони рус, аз қабили Е.Э. Бертелс [203] ва И.С Брагинский [202] дар шинохти шеъри муосири тоҷик аз аҳаммият холӣ нест.

Баррасӣ ва омӯзиши мавзуъ нишон медиҳад, ки дар ин замина таҳқиқоти мукаммали илмӣ анҷом нашудааст. Аксари таҳқиқоте, ки дар бораи шеъри тоҷик дар солҳои мавриди назар ба вуҷуд омадааст, бештар ҷанбаи идеологӣ доранд ва дар аксари онҳо вижагиҳои ҳунарӣ ва адабии шеър густурда тахқиқ нашудааст.

Солҳои 60-70-ум, ки солҳои ниҳоят пурбор дар таҳаввули шеъри тоҷик дониста мешаванд, бо кӯшишу ғайрати шоирони он солҳо ҷавон, ба мисли Муъмин Қаноат, Ғаффор Мирзо, Қутбӣ Киром, Мастон Шералӣ, Ҳабибулло Файзулло, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор ва дигарон, ки дар миёнашон Ғоиб Сафарзода ҳам аз чеҳраҳои ҷавони шинохта буд, ба тозакориҳои назаррас ноил гардид.

Аммо дар адабиётшиносии муосир то имрӯз касе дар бораи шеъри Ғоиб Сафарзода муфассал сухан нагуфтааст. Мутаассифона, дар навиштаҳои мунаққидону адабиётшиносоне, ки шеъри солҳои 60-70-умро баъдҳо баррасӣ кардаанд, зикри номи ин шоир хеле кам ба назар мерасад. Матолибе, ки оид ба нақду баррасии шеъри Ғоиб Сафарзода сурат гирифтаанд, баъд аз марги ӯ дар шакли мақолаҳои алоҳида рӯи чоп омадаанд, ки ағлаби онҳо мақолоти ёдбудианд.

Шеърҳои Ғоиб Сафарзода, пеш аз ҳама, тавассути тақризҳое, ки ба китобҳои алоҳидаи шоир навишта шудаанд, мавриди нақду баррасӣ қарор гирифтаанд. Баъди марги шоир дар солҳои гуногун мақолаҳои зиёде, аз қабили «Дар роҳ»-и Муъмин Қаноат [Сафарзода 2011 (б), с. 218-219], «Ӯ меваи нахли орзу ночида»-и Юусуф Акбаров [Акбаров 1990, с. 106-114], «Уқобе буд...»-и Абдулҳамид Самад [Сафарзода 2010, с. 34-45], «Ёди дӯст»-и Зуҳариддин Суярӣ [Суярӣ 1990], «Падида»-и Хушбахт Ҳайдаршоҳ [Ҳайдаршоҳ 1990], «Занҷири гусаста»-и Ҷумъахон Темурзода [Темурзода 1990], «Ташнаи ишқу набард»-и Субҳони Раҷаб [Сафарзода 2010, с. 95-99], «Диле пуршӯр омад»-и Абдулло Ашӯров [Ашӯров 1991], «Қадри меҳнати шоён»-и М. Шамсиддинов [Шамсиддинов 1991], «Шоир ва рӯзноманигор»-и

Шоҳайдар Ёдгорӣ [Ёдгорӣ 1992] «Чархи зиндагӣ»-и Раҷабалӣ Аҳмадов [Сафарзода 2010, с. 57-61], «Ёдгори ҷавонӣ»-и Субҳон Давронов [Давронов 1980, с. 149-151], «Навдаҳои бишкаста дар боғи пургул»-и Саидқосим Ҷалолов [Ҷалолов 1989, с. 129-144], «Як мушт орзу»-и Ҷумъахон Темурзода [Темурзода 1989], «Дар миёни ду мавҷи азим»-и Зиё Абдулло [Сафарзода 2010, с. 72-76], «Ташнаи ишқу набард»-и Раҳими Рафеъзод [Рафеъзод 2008], «Ғоиб ҳамеша бо мост»-и Асадулло Саъдуллоев [Саъдуллоев 2010], «Дар рӯи замин баланд бувад овозам»-и Насим Раҷаб [Сафарзода 2010, с. 67-71], «Ошёни андеша»-и Сипеҳри Ҳасанзод [Ҳасанзод 2016], «Шоири шеърҳои ливо»-и Муҳамадуллоҳ Табарӣ [Табарӣ 2016], «Наврӯзу баҳори шоир»-и Маҳтобӣ Мирзоева [Мирзоева 2016], «Қаламаш мурғи гӯё буд»-и Шамсӣ Араб [Араб 2017] ва ғайра аз тарафи адабиётшиносону мунаққидон, шоирону нависандагон ва рӯзноманигорони варзида интишор гардидаанд, ки ҳар кадоме барои шинохти шахсият ва омӯзиши шеър ва осори публитсистии шоир аз манфиат холӣ нест.

Гузашта аз ин, маълумоти мухтасари тарҷумаиҳолиеро мо дар китобҳои «Адибони Тоҷикистон» [А.Т. 2003, с. 495-496], (ҳамин маълумот баъдан дар китоби «Адибони Тоҷикистон» – 2014) [А.Т. 2014, с. 219], «Энсиклопедияи советии тоҷик» [ЭСТ. 1986, (б) с. 618], «Энсиклопедияи адабиёт ва санъат» [ЭСТ. 1989, с. 111] вомехӯрем, ки хонандаро бо ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Ғоиб Сафарзода ба таври умумӣ ё мухтасар ошно мекунанд. Дар баробари ин, Юсуф Акбаров дар китобҳои «Шеъри эҳсос ва тафаккур» [Акбаров 1985, с.18-21-188] ва «Қисмати инсон ва қисмати шеър» [Акбаров 1980, с. 25], Худойназар Асозода дар «Таърихи адабиёти тоҷик дар садаи XX» [Асозода 1999, с. 425-427] оид ба фаъолияти эҷодӣ ва шахсияти Ғоиб Сафарзода ба таври мухтасар изҳори назар кардаанд.

Бояд гуфт, ки осори Ғоиб Сафарзода бештар аз ҳама таваҷҷуҳи Шоҳайдар Ёдгориро ҷалб намудааст. Ӯро то андозае муҳаққиқи осори Ғоиб Сафарзода метавон ном бурд. Мавсуф дар мақолаҳои «Ошёни офтоб»

[Ёдгорӣ 1973], «Шоир ва рӯзноманигор» [Ёдгорӣ 1992] паҳлуҳои алоҳидаи шеъри шоирро мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода, дар пешгуфтори китобҳои «Мероси ҷавонӣ» [Сафарзода 1978], «Мунтахабот» [Сафарзода 2003, (а)] ва охирсухани китоби «Ҷавонӣ» [Сафарзода 1986], ки бо кӯшиш ва тавзеҳоти худи ӯ рӯи чоп омадаанд, шеър ва осори мансури шоирро аз нигоҳи мавзуъ ва мундариҷа нисбатан муфассал баррасӣ менамояд.

Мо дар ин рисола тасмим гирифтем, ки дар асоси маводи мавҷудаи илмӣ, донишномаҳо, рӯзномаю маҷаллаҳо, бойгонии шоир, ёдномаҳои адибону рӯзноманигорон, осори адабиётшиносию нақди адабӣ, хусусиятҳои вижаи шеъри Ғоиб Сафарзодаро дар муқоиса бо шеъри ҳамнаслони ӯ мавриди пажӯҳиш қарор диҳем ва ба ин васила мақоми ӯро дар назми солҳои 60-70-уми адабиёти асри XX-и тоҷик муайян намоем.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардида, бо барномаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии «Масъалаҳои таърих, нақд ва робитаҳои адабӣ дар адабиёти навини тоҷик» (2021-2025) робитаи зич дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Дар тадқиқоти мазкур дар заминаи маводи дастрас ба таври амиқ ва муфассал баррасӣ намудани ашъори Ғ. Сафарзода, пажуҳиши навъҳои шеърӣ ва ҷустуҷӯҳои ҳунарии ӯ дар шеър бо назардошти таҳаввули шеъри муосир ва раванди навоварии шеъри солҳои 60-70 пешбинӣ шуд.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Мақсади диссертатсия муайян намудани мақоми Ғ. Сафарзода дар шеъри солҳои 60-70 буда, бо назардошти ин, раванди таҳаввули шеъри муосир низ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Дар диссертатсия барои ҳаллу фасли вазифаҳои мушаххаси зерин саъй карда шудааст:

– баррасии навоварӣ дар суннат ва муайян намудани раванди навгароӣ дар шеъри солҳои 60-70-уми асри XX;

– таҳқиқи дигаргуниҳои сохторӣ дар шеъри суннатӣ ва заминагузорӣ барои шакл гирифтани арузи озод дар шеъри тоҷик;

– мушаххас намудани ҷусторҳои ҳунарию адабӣ дар мисоли ашъори Ғ. Сафарзода;

– ташаккули шахсияти адабии Ғ. Сафарзода;

– баррасии густариши анвои шеъри суннатӣ ва шеъри нав дар эҷодиёти шоир;

– хусусиятҳои ғоявии шеъри Ғ. Сафарзода;

– таъйини мақоми Ғ. Сафарзода дар шеъри солҳои 60-70.

**Объекти таҳқиқ.** Объекти асосии таҳқиқи диссертатсия пажуҳишҳои анҷомшуда дар ин замина тавассути адабиётшиносони маъруфи тоҷик, эронӣ, рус ва ҳамчунин осори Ғ. Сафарзода ва дигар адибони тоҷик дар солҳои 60-70 мебошад.

**Предмети таҳқиқ.** Предмети таҳқиқи диссертатсия раванди навоварӣ ва ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри Ғ. Сафарзода дар заминаи таҳқиқу

пажӯҳишҳои олимони тоҷик ва ашъори шоирони солҳои 60-70-уми асри XX мебошад.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Диссертатсия ҳангоми омӯзиш ва баррасии мавзуъ ба дастовардҳои илмию тадқиқотҳои донишмандону муҳаққиқони варзидаи ватанию хориҷӣ, бахусус, асарҳои Ш. Ҳусейнзода, А. Маниёзов, Н. Маъсумӣ, Х. Мирзозода, Б. Сирус, М. Шакурӣ, Р. Ҳодизода, Х. Отахонова, С. Табаров, Р. Амонов, В. Асрорӣ, Х. Шарифов, А. Сатторзода, Х. Асозода, Ю. Акбаров, М. Имомзода, А. Ҳакимов, А. Давронов, Ш. Ёдгорӣ, Ш. Раҳмонов, М. Мирзоюнус, Р. Ваҳҳоб, М. Маҳмудзода (Тоҷикистон), И. Бечка (Чехословакия), Е.Э. Бертелс, И.С. Брагиниский, В.В. Белинский, А.В. Луначарский (Русия), П. Хонларӣ, Ж. Бадеъ, Н. Нодирпур, Ш. Кадканӣ, М. Гарморудӣ, М. Ёҳақӣ, А. Шеърдӯст, А. Қазва, (Эрон), С. Накҳат, М. Меҳрдод (Афғонистон) ва дигарон такя кардааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Асоси методологии таҳқиқ бо такя ба равишҳои фарҳангӣ-таърихӣ, муқоисавӣ-татбиқӣ ошкор кардани хусусиятҳои хоси ташаккул ва таҳаввули шеъри тоҷик ва ҷусторҳои ҳунарӣ дар он мебошад. Ин усулҳо, бахусус, дар ҷараёни арзёбии масъалаҳои муҳимми ташаккул ва инкишофи жанрҳои тозаи адабӣ ва таҳаввули сохтории анвои суннатӣ бо таҳқиқи вижаи ҷанбаҳои ҳунарии шеър дар ашъори Ғ. Сафарзода мавриди истифода қарор гирифтанд.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ.** Ба сифати сарчашмаҳои асосии таҳқиқ маҷмуаҳои шеърии Ғ. Сафарзода, маҷмуаҳои алоҳидаи ашъори шоирони тоҷик аз оғози садаи XX то солҳои 70-ум ва баъд аз он, ёддошту хотираҳои адибон ва амсоли ин мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд. Ҳамчунин,дар раванди баррасии баҳсҳои аслию фаръии диссертатсия нақши шеъри шоирони русу Аврупо ва Эрон дар шаклгирӣ ва таҳаввули шеъри тоҷик дар солҳои 60-70 ва ҷанбаҳои ҳунарии он дар ойинаи ашъори шоирони тоҷик, аз ҷумла шеъри Ғ. Сафарзода, таҳқиқ гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ,** пеш аз ҳама аз интихоби мавзуъ ва гузориши масъала бармеояд. Дар диссертатсия шеъри Ғ. Сафарзода ба таври мураккаб ва дар шакли монографӣ омӯхта шуда, аз ҳамин нигоҳ арзишҳои ҳунарии шеъри шоир муайян мегардад. Тадқиқот барои пурра ва ҳаматарафа омӯхтани шеъри шоир мусоидат мекунад.

Дараҷа ва савияи имрӯзаи дарки масъалаи шеър моро водор кард, ки масъалаҳои мавриди таҳқиқро дар алоқамандӣ бо ҷараёни таҳаввули шеъри муосири тоҷик ба таҳлил гирем ва ҷанбаи мундариҷавию ғоявии онро муайян кунем.

Мо бори аввал ҷанбаҳои ҳунарӣ ва таҳаввули сохтории шеъри Ғ. Сафарзодаро дар манзари шеъри солҳои 60-70 дар қолаби диссертатсия мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додем, ки навгонии илмии таҳқиқотро ифода мекунад.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Масоили навоварӣ дар сохтор ва муҳтавои анвои суннатии шеъри тоҷикии солҳои 60-70-ум аз масъалаҳои мубрами шеършиносист, ки бидуни омӯхтан ва таҳқиқу пажӯҳиши он раванди гузариш ба шеъри нав ҳалношуда боқӣ мемонад. Равиши навоварӣ дар сохтори шеъри суннатӣ заминасози аслии шеъри нав дар адабиёти тоҷик аст, ки то кунун ба таври мукаммал омӯхта нашудааст. Азбаски саҳми шоирони солҳои 60-70 дар ташаккули шеъри нав аз роҳи навоварӣ дар суннат чашмрас аст, таҳқиқи ин мавзуъ ба қадри имкон фазои холии мавҷударо пур мекунад;

2. Равиши мустаъмали қолабшикании зоҳирӣ дар сохтори шеъри суннатӣ ва ба таври пиллаконӣ чидани мисраъҳо ба маънии арузи озод, ки аз шеъри шоирони оғози асри XX шуруъ гардида, дар солҳои 60-ум ба қуллаи авҷи худ расидааст, ҳанӯз ба таври густурда мавриди баррасӣ қарор нагирифта, мунҷар ба такрори ин заъф дар ашъори бархе аз шоирони солҳои 70 ва 80-ум шудааст. Ба ин далел, намунаҳое аз ашъори дар қолаби шеъри суннатӣ сурудашуда, ки ба зоҳир шакли арузи озодро гирифтаанд, мавриди

баррасӣ қарор гирифт ва ба ин васила намунаҳои воқеии арузи озод нишон дода шуд;

3. Аз назари ҳунарӣ дар шеъри солҳои 60-70 корбурди таркибу вожаҳои шоирона аз корҳои муҳим дар таҳаввули шеър арзёбӣ мегардад. Дар ин давра, на танҳо ба шеър таркибу вожаҳои нав ворид гардид, балки шоирон талош бар он намуданд, ки бархе аз таркибу вожаҳои шеъри куҳанро паҳлӯгардон кунанд ва аз онҳо ифодаҳои нав бисозанд. Баррасии ин масъала, метавонад, дар шинохти шеър аз назари ҳунарӣ кумак кунад;

4. Дар заминаи ин пешниҳодот ҷусторҳои ҳунарӣ, истифодаи таркибу вожаҳои шоирона, забону баёни шеър, корбасти анвои суннатӣ ва нав дар ашъори Ғоиб Сафарзода, ки яке аз чеҳраҳои адабист, дар партави ашъори шоирони солҳои мавриди назар ба баррасӣ гирифта шудааст, ки метавонад мақом ва ҷойгоҳи ӯро дар шеъри солҳои 60-70 мушаххас намояд.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Ин диссертатсия, ки дар асоси равишҳои нави таҳқиқ ва арзёбии ҳунари нигорандагӣ ва воқеияти шеъри он солҳо сурат гирифтааст, метавонад дар тадриси курси таърихи адабиёти тоҷик ба вижа дар таълими равандҳои ташаккули шеъри муосири тоҷикӣ ва дарсҳои амалию назариявии бахши филологии мактабҳои олии кишвар барои арзёбии осори адабии даврони истиқлол истифода шавад.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70-уми асри XX (дар мисоли ашъори Ғоиб Сафарзода)» ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқ.** Саҳми фардии муҳаққиқ дар омӯзиш ва баррасии шеъри солҳои 60-70-уми асри XX, ҷамъоварии маводи адабию илмӣ, дар баробари таълифоти илмии олимони тоҷик омӯзиши назарияҳои олимони муосири Русия, Аврупо ва Эрон роҷеъ ба мавзуи баҳси диссертатсия ва муқоисаи онҳо, таҳлилу муайян кардани вижагиҳои шеъри

давраи мазкур дар мисоли ашъори Ғ. Сафарзода аз назари ҳунарӣ, омода намудани мақолаю маърузаҳо доир ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад. Таҳқиқ дар шакли диссертатсия ба анҷом расидааст.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ.**Мундариҷа ва қисматҳои асосии диссертатсия дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии илмию назариявии зерин дар шакли маъруза баён шудаанд: конференсияҳои ҷумҳуриявӣ «Пешвои миллат ва рушди илм дар Тоҷикистон»(Хуҷанд, 27.04.2023), «Аминҷон Шукӯҳӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти нимаи дуюми садаи XX» (Душанбе, 09.06.2023) ва конференсияи байналмилалии «Масъалаҳои мубрами филологияи Шарқ ва равобити адабӣ» (Хуҷанд, 26-27.04.2024).

Диссертатсия дар маҷлиси кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 7-уми майи соли 2024 (суратҷаласаи № 11) баррасӣ гардида, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия.** Мазмуни асосии диссертатсия дар 9 мақола ифода ёфтааст, ки аз ин миён 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 мақола дар маводи конференсияҳои илмии ҷумҳуриявию баналмилалӣ ва 2 мақола дар маҷаллаи адабии «Садои Шарқ» чоп гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ,рӯйхати адабиётва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат аст. Ҳар боб дар навбати худ ба фаслҳои алоҳида гурӯҳбандӣ шуда, дар маҷмуъ, ҳаҷми диссертатсия 172 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

# БОБИ I

# РАВАНДИ НАВГАРОӢ ДАР ШЕЪРИ ТОҶИКИИ СОЛҲОИ 60-70

## 1.1. Замина ва омилҳои асосии навоварӣ дар шеър

Дар ҳама давру замон вобаста ба пешрафти тафаккури ҷомеа ва ба вуҷуд омадани унсурҳои муҳимми сиёсию иҷтимоӣ, нигариш ба зиндагӣ бар хилофи анъанаҳои пешин тағйир меёбад. Назми ғании тоҷик ҳам борҳо ба таҳаввулу дигаргуниҳое дар жанр ва сабку услуб дучор омадааст, ки бевосита замина ва омилҳои муҳимми сиёсию иҷтимоиро дар пай доштааст.

Ташаккули шеъри нав ҳам, ки бо навъҳои «шеъри нимоӣ», ё «арузи озод», «шеъри сафед» ва «чаҳорпора» рӯнамо гардид, яке аз заминаҳои фарох дар нав шудани андешаю афкор дар адабиёти муосир мебошад. Ин падидаи тозаи адабӣ дар қатори дигар таҷаддудкориҳои илмию адабӣ, ки адабиётро ба ду давраи бузурги таърихӣ – «адабиёти классикӣ» ва «адабиёти муосир» тақсим намуд, замина ва омилҳои муҳимми сиёсию иҷтимоӣ ва адабии худро дорад. Ҳамин тариқ, гузариши шеър аз як марҳила ба марҳилаи дигар, вобаста ба тафаккури ҷомеа ва инкишофи ақлонии инсонҳо дар ҳаёти мадании мардум боиси навназарӣ дар адабиёт гардидааст. Ин амр низ шоёни зикр аст, ки заминаи пайдоиши шеъри нав реша дар умқи таърих дорад. Ҳамон тавре ки адабиётшинос И.С. Брагинский мегӯяд, «шеъри нав аз давраҳои атиқа арзи вуҷуд дошт» [Брагинский 1968, с. 127 – 131], унсурҳои муҳимми онро мешавад ба тарзи дигар аз адабиёти гузашта низ ҷустуҷӯ кард.

Дигаргуниҳои сиёсию иҷтимоии охирҳои асри XIX яке аз омилҳои асосӣ дар нав гардидани шеъру адаби тоҷик дониста мешаванд. Масалан, ҳаракати Ғарб ба масъалаи саноатикунонии иқтисодиёт ва авҷ гирифтани андешаҳои инқилобӣ дар Русия дар тафаккури ҷомеаи адабӣ бетаъсир набуд. Зеро «...мардуми Осиёи Миёна бо фарҳанги аврупоӣ аз тариқи Русия иттилоъ пайдо карданд. Ошноии фарҳангӣ боиси он ҳам гардид, ки ҷунбишҳое ба

фаъолият пардохтанд, мисли ҷунбиши демокросии равшанфикрон» [Асозода 1996, с. 11].

Густариши робитаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва тиҷоратии Аморати Бухоро ва Русия ҷомеаи адабиро зери таъсир қарор дод ва боис ба он гардид, ки дар радифи ҳайатҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, зиёиён низ ҳузур пайдо кунанд. Ошноӣ бо дунёи нав омили дигари таҷаддудгароӣ дар адабиёт гардид ва дар ин замина бо талоши Аҳмади Дониш ҷараёни маорифпарварӣ бунёд гузошта шуд. Фарҳангу тамаддун, дастовардҳои илмию иқтисодии он кишвар андешаҳои инқилобиро дар зеҳни зиёиён вусъат дод. Маҳз дар ҳамин давра ва бо асари ҳамин гуна равобит «...адабиёте, ки инъикоскунандаи тамоюлоти мардум буд, густариш ёфт ва андешаҳои навинеро арзонӣ дошт» [Бечка 1372 ш/қ, с. 64].

Аз тарафи дигар, авҷ гирифтани зулму истисмори давраи амирӣ ва харобкориҳои он, ки дар иқтисод ва фарҳанги кишвар зарбаи сахт ворид намуда, оқибатҳои фоҷиабореро ба вуҷуд овард, боиси шакл гирифтани заминаҳои иҷтимоӣ барои пайдоиши ҷараёни маорифпарварӣ гардид.

Дар ин замина таъсири тамаддуни ғарбӣ низ қавӣ ба назар мерасад, ки аз тарафи адибони ҷаҳонгарди ин давра таблиғ гардид ва марҳилаи муҳимми тақвиятёбии адабиёти навин шуд. Шеъри ин давра бо касб намудани ифодаҳои сода ва корбурди истилоҳоти соҳавӣ марбут ба замони нав муҳтавои худро тағйир дод. Аз лиҳози мавзуъ ва моҳият аз дунёи нав ва мубориза алайҳи зулму истисмор қисса мекард. Дар радифи зиёиёни маорифпарвар чеҳраҳои шинохтае ҳам буданд, ки бо раванди суннатгароӣ дар адабиёт мақоми худро ҳифз менамуданд.

«Шумораи бисёре аз адибон ҳамчун гузашта ба гунаҳои суннатии адабиёт таваҷҷуҳ доштанд ва бори дигар базри андешаҳои ҳоким бар шеъри суфиёна ва мазҳабиро дар адабиёт пошиданд» [Бечка 1372 ш/қ, с. 64].

Сароҳатан адабиёти маорифпарварӣ адабиёти ҷадидияро ба вуҷуд овард ва ин ҷараён дар таҷдиди зиндагии мардум ва тафаккури инсонҳои

замони нав таъсири амиқ гузошт. Пайравони ин ҷараён дар баробари куҳнапарастон худро ҷадид меномиданд ва ягона мақсадашон ҷомеаро нав кардан ва миллатро аз хурофотпарастӣ берун овардан буд. Бо талошҳои пай дар пайи таҷаддудгароён илму фанни замон рӯ ба тараққӣ ниҳод ва миллат аз дастовардҳои илму маориф ва фарҳанги тозаи асри нав бархурдор гардид.

Ин омилҳо боиси пайдо шудани заминаҳои тоза дар шеър гардида, дарунмояи шеъри ин давраро, ки аз лиҳози қолаб ва сохтор бо шеъри суннатӣ тафовуте надошт, вобаста ба раванди иҷтимоии замон аз назари мавзуъ ва ифодаҳои содаю ҳамафаҳм нав кард. Тошхоҷаи Асирӣ яке аз намояндагони барҷастаи ин давра буд, ки бо шеърҳои худ мардумро ба дунёи нав мехонд:

Сару кори дигар бояд гирифтан,
Ба роҳи тоза бояд пеш рафтан.
Агар Чин аст ё Маскав, ба ҳар ҳол,
Сазад рафтан пайи такмили икмол...
Чи аз Олмону аз Афрангу русӣ,
Чи аз ёпунӣ ё худ англисӣ,
Ба лафзи миллӣ ё динӣ дароранд,
Ба нақлу тарҷума ҳиммат гуморанд [Асирӣ 1960, с. 57].

Ин шеър, ки чанд байти он ин ҷо иқтибос шуд, руҳи замони шоирро ба пуррагӣ фаро гирифта, мазмуни баланди иҷтимоӣ касб намудааст. Муҳимтарин вижагии ин порчаи шеърӣ аз шеъри гузашта мавзуъ ва забони он аст, ки тавонистааст шеъри замони муосир будани онро аз шеъри гузашта мутамоиз кардааст.

Ҳамчунон ки дар фарҷоми ин шеър хонда мешавад, як омили асосии дигар дар нав шудани адабиёт тарҷумаи муҳимтарин осори фарҳангию адабӣ ва хотираҳои матбуи зиёиён дар бораи дунёи нави кишварҳои Ғарб буд.

Аз тарафи дигар, вусъат ёфтани раванди муҳоҷирати русҳо ба бозорҳои Осиёи Миёна ва ҳиҷрати мардуми ин кишвар ба шаҳрҳои гуногуни Русия

барои пайдо кардани ҷойи кор дар рушди ҷаҳонбинии мардум таъсири амиқ гузошт, ки барои адабиёт, бавижа шеър, бетаъсир набуд.

Ба ин маънӣ, андешаҳои маорифпарваронаи Аҳмади Дониш, ки дар охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX пайдо шуда, дар фаъолияти минбаъдаи бисёре аз навгароён бо сабаби дигаргуниҳои сиёсию иҷтимоӣ ва рушди фарҳангу тамаддуни Ғарб, ҷаҳонгардӣ ва тиҷорат нақш гузоштаанд, аз аввалин заминаҳои таҷаддудкорӣ дар оғози адабиёти садаи XX маҳсуб мешаванд. Бо шарофати андешаҳои Аҳмади Дониш дар ҳамин давра шоироне чун Тошхоҷа Асирӣ, Садриддин Айнӣ, Аҳмадҷони Ҳамдӣ ва дигарон бо зевари озодихоҳӣ ва зарурати бунёди мактабҳои нав ва шиква аз рӯзгори нобасомони давр  шеъри худро бозтоб намуданд. Шеърҳои Тошхоҷа Асирӣ «Дар мазамматӣ мактаби кухна» [Асирӣ 1960,  с. 37], «Ба тараққиёт шуруъ кунед» [Асирӣ 1960,  с. 60-62 ], «Дар ҳаққи Осиёи Миёна» [Асирӣ 1960,  с. 55], «Саллаи панҷ карат бузург» [Асирӣ 1960,  с. 38-39] далели равшани ин даъвоянд.

Пас аз инқилоби аввали Русия дар соли 1905 ва таъсири бевоситаи он ба Осиёи Миёна низ фаъолияти таҷаддудхоҳӣ миёни ҷомеа густариш ёфта, таҳаввули тозае аз назари муҳтаво дар шеъри тоҷик ба вуҷуд омада буд. Дар ин марҳила омилҳои сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии дигаре буданд, ки бештар ба озодии инсон ва раҳидан аз банду қайдҳои феодалӣ далолат мекарданд. Дар қадами аввал шеъри маорифпарварона бо руҳияи пандуахлоқӣ мардумро ба донишандӯзӣ ва шинохти дунёи нав даъват кардан, вале дар идома, дар авоили асри XX-ум бо фаъолияти ҷадидон ва мактаби ҷадидия шеър бо соҳиб гардидани тобишҳои ватанхоҳона ва ҳимояи ҳуқуқи башарӣ муҳтавои худро то ҷое нав кард, ки бевосита дар он ворид гардидани фарҳанги Аврупо ва Русия нақш дошт.

Дар оғози асри XX барои нав шудани шеър аз лиҳози сохтор кӯшишҳои муваффақонае аз ҷониби Садриддин Айнӣ анҷом ёфтанд. Шеъри ӯ бо доштани руҳияи инқилобӣ ва пайвастагии амиқи сохторӣ бо шеъри суннатӣ

мардумро ҷасурона ба ҳимояи арзишҳои барои ҳаёти инсон муҳим даъват менамуд. Шеърҳои «Нидо ба ҷавонон» (1914), «Заминро бояд нафурӯшед» (1916) ва «Қиссаи кирмак ва парвона» (1917) аз ин лиҳоз муҳтавои шеъри ин давраро пурбор карданд. Муҳимтарин вижагии шеъри ин давра касб кардани мазмунҳои сиёсию иҷтимоӣ буд, ки дар ашъори Садриддин Айнӣ ва бархе ҳамнаслони ӯ вусъат пайдо намуд. Аммо навоварии сохторӣ дар шеър ҳанӯз дар мадди назари шоирон қарор надошт.

Таъсиси Давлати Шуравӣ ва ташкили ҷамоҳири мухтори сотсиалистӣ дар Осиёи Миёна, ки дар он робитаҳои сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангию ҳунарӣ миёни кишварҳои ғарбию шарқӣ вусъати бештар ёфтанд, барои шеър низ такони ҷиддие гардид ва заминаю имконоти бештареро дар омӯзиши фарҳангу адаби дигар давлатҳо барои шоирон муҳайё намуд ва ба ин васила ҷаҳонбинии адибон вусъати бештар касб кард. Муҳаммадҷон Шукуров ва Юсуф Акбаров дар асари худ «Анъана ва навоварӣ» дуруст натиҷагирӣ мекунанд, ки «навоварӣ бидуни ҷаҳонбинии пурвусъат ва чашмандози васеъ муяссар намегардад. Возеҳияти мавқеи ғоявӣ, дониши мукаммал ва вуқуфи комил ба рафти таърихи замони гузаштаю ҳозира барои фаҳмиши нави зиндагӣ ва инсон замина тайёр мекунад» [Шукуров 1976, с. 31].

Дар ин замина, аввалин шеъри навоваронаи тоҷик, ки қолаби шеъри суннатиро шикаст, «Марши ҳуррият»-и устод Садриддин Айнӣ буд. Шеъри «Марши ҳуррият» пас аз инқилоби Октябр, дар соли 1918 суруда шуд ва дар саргаҳи навовариҳои сохторӣ қарор гирифт ва заминаи муфиде барои нав шудани шеъри тоҷик дар солҳои баъд гардид. «Нахустин асари советии тоҷик марш буд ва муаллифи марш Садриддин Айнӣ буд... Садриддин Айнӣ ба назми советии тоҷик, ки дар байни оташи инқилоб таваллуд ёфта буд, бунёд гузошт» [Брагинский 1968, с. 57].

Ҳамон тавре ки барои мо маълум аст, дар охирҳои садаи XIX ва оғози садаи XX ҳам дар адабиёти Аврупо ва ҳам Русия ҷараёнҳои гуногуне дар шеър, аз қабили тамоюлоти шаклпарастӣ ва самбулизм зуҳур карда буданд,

ки аз нигоҳи муҳтаво ва сохтор тозагии хос доштанд. Дар адабиёти рус ҷустуҷӯҳои навоваронаи Маяковский назари бисёре аз муҳаққиқонро ба шеър дигар кард. Аз ин ҷост, ки А.В. Луначарский аввалин иқдоми Маяковскийро дар роҳи навгароӣ вайрон кардан ва инкор намудани унсурҳои мавҷуда ба хотири унсурҳои пурарзиштар ва муътамадтар арзёбӣ намуда, чунин навишта буд: «Аввалин иқдоми Маяковский дар роҳи инқилоб, дар маҷмуъ, кӯшише буд барои вайрон кардан ва инкор намудани чизи мавҷуд ба хотири чизи дигаре пурарзиштар ва муътамадтар» [Луначарский 1957, с. 312-398].

Ин амалро дар адабиёти мо Садриддин Айнӣ бо эҷоди «Марши ҳуррият» анҷом дод. Агарчанде ин шеър дар ин самт ягона буд, дар даҳаи 20-уми асри XX хидматҳои Пайрав Сулаймонӣ ва Ҳабиб Юсуфиро дар сохторшикании зоҳирии шеър намешавад нодида гирифт, ки заминаи муҳимме дар нав шудани шеъри мо дар солҳои 60-70-ум гардидаанд.

Бо назардошти ин нукта ва чанд масъалаи дигар, ки дар онҳо омилҳои нав шудани шеъри тоҷик арзёбӣ гардиданд, навоварии шеъри тоҷикро, хосатан дар солҳои 30-40-уми садаи XX, на дар сохторшикании зоҳирӣ, балки бештар дар нав гардидани дарунмояи шеър дар мисоли ворид шудани мавзуъҳои сиёсию иҷтимоӣ ҷустуҷӯ кардан аз манфиат холӣ нест.

Тозакорӣ дар сохтори дарунии шеър, ки бештар ба мавзуъ ва корбасти калимаҳо бастагӣ дорад, дарвоқеъ, як замина ва омили бисёр муҳимми дигаре буд, ки дар ташаккули шеъри солҳои 60-70-ум ҳамчун шеъри тасвирӣ бо руҳияи наву шоирона хидмат кард. Ҳарчанд таноби ҷусторҳо дар вазни арузи нав дар ин давра канда шуд, ҷойи онро падидаи тозае аз анвои адабӣ, ки чаҳорпора ном бурда мешуд, пур кард. Ин навъи адабӣ, ки ба қавли бисёре аз донишмандон маншаъ аз шеъри русӣ мегирифт, дар шеъри солҳои 40-50 ва ниҳоят 60-70-ум вусъати чашмрас дорад. Албатта, дар ташаккул ва ривоҷи он хидмати Абулқосим Лоҳутӣ хеле назаррас аст, ки мо дар фасли алоҳидаи рисола ба ин масъала амиқтар руҷуъ хоҳем кард.

Масъалаи навоварӣ дар вазни шеър, ки дар як фосилаи муайян аз мадди назар афтода буд, дар солҳои 60-70-ум дубора диққати шоиронро ба худ кашид. Баъд аз устод Садриддин Айнӣ аз аввалин шоироне, ки вазни арузи озодро дар шеъри худ таҷриба кард ва ба муваффаққиятҳои эҷодӣ ноил гардид, устод Муъмин Қаноат буданд. Тозакориҳое, ки шоирони пешин дар вазни аруз анҷом додан мехостанд, дубора ба мадди назар гирифта шуданд. Агар як омили асосии навназарӣ дар шеъри солҳои 60-70-ум ҳамоно анъанаҳои шеъри даврони инқилоб ва замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва баъд аз он шуда бошад, омили дигараш бевосита густариш пайдо кардани робитаҳои адабӣ бо Эрону Афғонистон ва кор гирифтан аз забони зиндаи мардум ва дар ниҳоят суд ҷӯстан аз ҷусторҳои ҳунарии шеъри қадимист, ки ин хусусият дар шеъри аксар шоирони навгӯю навовари он солҳо ба чашм мерасад.

Ин андеша бар он далел қобили таваҷҷуҳ аст, ки таҳаввули шеъри муосири тоҷикро наметавон бидуни таъсири сиёсию иҷтимоии даврони инқилоб, ки бо маршу шиорҳои гуногун таблиғ мешуд, тасаввур кард. Аз ҳамин дидгоҳ, замина ва омилҳои асосии навназарӣ дар шеър вобаста ба вазъи иҷтимоӣ, талаби замон ва вусъати тафаккури ҷомеаи адабӣ будааст. Бинобар ин, шеъри солҳои 60-70-умро, ки ғайр аз заминаҳои сиёсию иҷтимоӣ ва робитаҳои адабӣ бо шеъри русу Аврупо, дар сохтору мавзуъ ва ҳунари офариниш ба шеъри нави Эрону Афғонистон (дар мисоли арузи озод) низ қаробат дорад, тасаввур кардан ғайримумкин аст. Баҳсҳои доманадоре, ки дар симпозиуми шеъри форсӣ соли 1967 дар хусуси шеъри нав ба вуҷуд омаданд, натанҳо ба эҷодкорони шеър, балки ба шинохт ва тафаккури дастандаркорони нақду баррасӣ ҳам таъсири худро расониданд.

Ба назари мо, шеъри тоҷикро то марҳилаи таҳаввули чаҳоруми он, ки ба солҳои 60-ум, махсусан ба кӯшишҳои навоваронаи Муъмин Қаноат марбут мебошад, ба се давра метавон дастабандӣ кард.

Дар давраи аввал, ки фарогири андешаҳои маорифпарварона буд, шеъри тоҷик то соли 1905 бо доштани руҳияи ахлоқӣ ва корбурди калимаҳои соҳавӣ рӯ ба навгароӣ ниҳод.

Давраи дуюми таҳаввули шеър оғози асри XX, солҳои 1905-1918-ро дар бар мегирад. Ин давра барои шеъри тоҷик аз он лиҳоз қобили арзиш буд, ки мазмунҳои мушаххаси сиёсию иҷтимоӣ вориди он гардиданд.

Давраи сеюми шеъри тоҷикро метавон ба суруда шудани «Марши ҳуррият»-и устод Садриддин Айнӣ марбут донист, ки як шеъри аз ҷиҳати сохтор ва вазни аруз комилан навгароёна буд. Дар ин марҳила ҳам аз назари мундариҷа ва ҳам аз назари шакл дар шеър тағйирот ба вуҷуд омад, аммо ин дер давом накард ва шеър танҳо бо сохтори зоҳирӣ қолаби шеъри навро соҳиб гардид, вале масъалаи тағйири аруз ба фаромӯшӣ рафт.

Ба ҳар сурат, ин гуна талошҳо ва қолабшиканиҳо дар шеър, ки шоирон қасди нав кардани онро доштанд, боис гардид, ки бисёре аз анвои суннатӣ тағйири шакл кунанд ва бо сохторҳои мутафовит аз шеъри пешиниён рӯнамо шаванд.

## 1.2. Мавқеи анвои суннатӣ ва навоварӣ дар он

Таъкид бояд кард, ки навовариро танҳо дар манзари шеъри нав, яъне ба маънии арузи озод,  нашояд ҷустуҷӯ кард, зеро бо рӯнамо шудани шеъри нав шоирон тавонистанд руҳи онро ба қолаби шеъри суннатӣ ворид намоянд. Аз ин рӯ, вақте дар мавриди навоварӣ дар шеъри солҳои 60-70-ум сухан меравад, навовариро метавон дар манзари анвои мухталифи шеър ҷустуҷӯ кард, ки марбут ба забон, баён ва нигоҳи тоза ба мавзуъ ҳам ҳаст.

Баҳсу мунозираи донишмандону адибон дар масъалаи инкор ва ҳимояи анвои шеърӣ, аз ҷумла ғазал, натавонист қолабҳои суннатиро аз миён бардорад. Балки, баракс боиси авҷ гирифтани эҷоди ғазал ва дигар анвои суннатӣ гардид.

Шеъри арузи озод ҳам бо ҳузури худ натавонист қолабҳои суннатиро аз байн барад. Баракс, фарогири руҳи шеъри суннатӣ гардид ва дар мазмуну моҳияти он тағйироти зиёдеро созмон дод. Баъдҳо назарияҳои куллие барои пайванди шеъри суннатӣ ва шеъри озод ба вуҷуд омаданд. Дар миёни ин ду қувваи бузург, ки қаблан ба ҳам муқобил гузошта мешуданд, акнун шеърият ва тасвирҳои ноби шоирона ва мазомини бикр пайвандгари онҳо дониста мешуданд. Яъне барои муҳаққиқон ва шоирон «шеър қатъи назар аз он, ки ба шакли нав ва ё кухна навишта шудааст, агар дар мазмун, маънӣ, афкор, тарзи офариниш, сабку услуби ифода, дар бадеият навие надошта бошад» [Акбаров 1980, с. 158], шеъри асил ба ҳисоб намерафт.

Бо вуҷуди ҷони тоза гирифтани шеъри нав, анвои суннатӣ дар осори шоироне чун Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Муъмин Қаноат, Тилло Пӯлодӣ, Мастон Шералӣ, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор, Гулназар ва дигарон, бо руҳи навоварона ва  ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ густариши пурвусъат дошт. Профессор Иржи Бечка талоши як идда шоирони ҷавони тоҷик дар даҳаи шастро қобили тақдир медонад:

«Ба гунаи куллӣ метавон гуфт, ки... равиши суннатӣ дар шеър идома ёфта ва шоирон, бавижа шоирони ҷавон... дар қолаби ғазал, рубоӣ ва дигар анвои шеъри классик ҷома месароянд» [Бечка 1372, с. 217-218].

Ба ҳадде, ки бархе аз ин номбаршудагон (бо вуҷуди ривоҷ доштани анвои нави адабӣ) ашъорашонро дар  анвои шеъри суннатӣ эҷод намудаанд ва ин анъана то имрӯз пос дошта мешавад.

Корбурди анвои суннатӣ дар шеъри солҳои 60-70-ум дар мисоли мустазод, мусаммат, таркиббанду тарҷеъбанд ва дигар навъҳои адабии маъмул ба чашм мехӯрад, ки албатта, аз ягон ҷиҳат дар шеъри муосир тағйири сохторӣ кардаанд. Ба таври куллӣ метавон гуфт, ки ҳар мавзуе, ки дар ғазал, маснавӣ, рубоӣ, дубайтӣ, чаҳорпора ва  шеъри нимоӣ майдондорӣ мекард, бегумон, бори он бар дӯши дигар анвои адабӣ ба мисли қасида, қитъа, мусаммат, мустазод, таркиббанду тарҷеъбанд ва ғайра ҳам, ки хеле кам мавриди истифода қарор мегирифтанд, меафтод.

Маснавӣ дар адабиёти муосир, хосатан дар шеъри солҳои 60-70-ум, ки чун навъи асосӣ дар эҷоди достонҳои бузурги ҳамосию лирикӣ ба кор мерафт, дар шеърҳои хурди сужетдор низ зуҳур кард ва барои қувват гирифтани шеъри ҳикоягӣ дар назми муосири тоҷик ва такомули чаҳорпора хидмати арзанда намуд. Дар баъзе маврид, аз лиҳози банду баст бештар ба табиати чаҳорпора созгор омадани маснавӣ дар ашъори бархе аз шоирон ин андешаро собит месозад. Масалан, дар баъзе маснавиҳо дида мешавад, ки ду байт моҳиятан ифодакунандаи як мазмун мебошанд ва ба сурати як пора фикрро ҷамъбаст мекунанд. Яъне ду байт, ки ҷузви як пора маҳсуб мешаванд, дар алоҳидагӣ  бо ҳам истиқлоли маъноии худро аз даст медиҳанд ва фикр нотамом боқӣ мемонад.  Адабиётшинос Рустам Ваҳҳоб заминаи гузариши Муъмин Қаноатро аз чаҳорпора ба маснависароӣ мушоҳида намуда, шеъри «Боли орзу»-и шоирро, ки дар шакли маснавӣ суруда шудааст, ба сурати чаҳорпора тақсимбандӣ менамояд ва менависад:

«Ашъори сужетдори ӯ (Муъмин Қаноат – М.Ҳ.) минбаъд ба шакли маснавӣ навишта шуда бошанд ҳам, мазмунан ба чаҳорпора тақсим мешаванд. Масалан, шеъри «Боли орзу»-ро, ки дар қолаби маснавӣ аст, чунин навиштан мумкин мебошад:

Дар Кремл як ҷаҳон асрор буд,
Доҳии мо то саҳар бедор буд.
Нури фардоро ҳамекард ӯ суроғ,
Лек Маскав буд он шаб бечароғ:

Буду шуди қувваи барқи Ватан
Дар Кремл буд он шаб шуълазан,
То ки якто нақша нурафшон шавад,
Нақшаи Гоэлро тобон шавад...

Ва то охир шеърро ба ин шева метавон банд-банд кард. Дар миён танҳо ду байт мустақил мемонад. Маълум мегардад, ки агарчи шоир шакли маснавиро ихтиёр кардааст, вале фикри ӯ дар қолаби чаҳорпора ҳаракат мекунад» [Ваҳҳоб 2009, с. 26].

Дар ин навишта равшан мушоҳида мешавад, ки чаҳорпораи муосир барои ташаккули маснавиҳои хурди сужетнок, ки хосатан дар адабиёти муосир, минҷумла шеъри солҳои 60-70-ум, зиёд ба назар мерасанд, хидмати арзанда кардааст. Ҳоло мо дар шеъри солҳои мавриди назар даҳҳо намунаи хурди маснавиро шоҳид гаштаем, ки теъдоди абёташон зиёд нест, вале хатти сужети онҳо аз оғоз то анҷом як воқеаи муҳимми иҷтимоиро дар шакли мухтасар ифода намудааст.

Албатта, дар гузашта низ шеърҳои хурду сужетнокеро вохӯрдан мумкин аст, ки дар қолаби маснавӣ суруда шудаанд, аммо дар шеъри имрӯз зарурати пардохтан ба ин паҳлуи масъала дар он аст, ки ин жанр дар шеърҳои хурду сужетдор истифодаи фаровон касб кардааст.

Аз тарафи дигар маснавӣ, ки дар осори классикон бештар бо вазнҳои ҳазаҷ ва мутақориб зуҳур намуда буд, дар адабиёти муосир майдони худро дар вазн фарохтар карда, дар ҳама гуна вазн корбаст шуд. Ин дигаргунӣ ба он бурда расонид, ки маснавии муосир дар вазни анвои мухталифи адабӣ, аз ҷумла ғазал, рубоӣ ва аз анвои нави адабӣ дар сурати арузи озод ва чаҳорпора ҳам падидор гардид.

Ягона омили кӯч бастани маснавӣ ба вазнҳои гуногун аз тарзи қофиябандии он вобаста аст, ки ҳар байт ба таври алоҳида қофия дорад. Ин хусусият дар зеҳни шоирон, албатта, қасди маснавӣ суруданро бедор накарда, балки тарзи осонтар баён кардани фикрро бо қофияҳои алоҳида ба вуҷуд овардааст. Яъне дар зеҳни шоир байти аввал дар ҳар гуна вазне, ки шакл мегирифтааст, сипас ба хотири дар намондан дар қофиясозӣ мушаххасан тарзи қофиябандии маснавиро соҳиб мегардидааст.

Дар вазни рубоӣ офаридани маснавӣ аз тозакориҳои шеъри ин давра аст. Муъмин Қаноат аз шоирони сермаҳсулу ҷӯяндае буд, ки бештар аз ҳама маснавиро ӯ дар вазнҳои мухталифи анвои суннатӣ ва нав таҷриба кардааст. Маснавиро дар вазни рубоӣ гуфтан низ яке аз ҳамин таҷрибаҳои муваффақонаи ӯст. Мо дар манзумаи «Дасти пир»-и ӯ, ки соли 1962 эҷод гардидааст, маснавиро дар либоси рубоӣ мебинем, ки хеле шоирона ва ҳунармандона офарида шудааст:

Вақте ки чу ташна омадам бар лаби ҷӯ
Бар чашмаи маърифат чу як донишҷӯ,
Он сон ки ба ташнае диҳад косаи об,
Ин дасти сахо ба дасти ман дод китоб [Қаноат 1983, с. 97].

Ин маснавӣ мазмунан мушаххасоти рубоиро дар сурати аз оғоз то охир ду байтро ба як пора ҷудо кардан, натанҳо аз назари вазн, балки аз назари маъно ҳам тобиши рубоиро мегирад ва ҳар банд хусусияти ҷамъбастӣ пайдо менамояд. Байтҳои ҳар як банд барои тақвият додани маънои якдигар хидмат мекунанд. Навъи ин манзума аз лиҳози қофиябандӣ маснавист, вале аз

лиҳози сохтори вазн ҳар банд табиати рубоиро соҳиб гардида, фикри шоир дар қолаби рубоӣ ҳаракат мекунад. Танҳо чизе, ки миёни бандҳои он пайванди мустақим ба вуҷуд меорад, хати сужет аст.

Қофиябандии маснавӣ дар арузи нав низ имкониятҳои фарохро ба ихтиёри шоирон гузоштааст. Масалан, дар банди аввали шеъри «Дил»-и Лоиқ Шералӣ метавонем маснавиро дар қолаби арузи нав бубинем:

Аз муҳаббат то маломат,
Аз садоқат то хиёнат,
Аз замин то осмон,
Аз осмон то ресмон,
Дар сари як мӯй кардӣ дорбозӣ
Аз барои худшиносӣ [Шералӣ 1971, с. 32].

Чунон ки дида мешавад, дар ин пора ҳар байт бо қофияи алоҳида арзи вуҷуд карда, хусусияти маснавӣ доштани худро собит менамояд. Ҳатто байти охири онро, ки аз қофия берун шудааст, намешавад аз ин миён берун донист. Зеро калимаҳои «дорбозӣ» ва «худшиносӣ» аз ҷиҳати сохтор ба ҳам қофия набошанд ҳам, аз ҷиҳати оҳангнокӣ муқаффо шудаанд. Ё ба ин шеъри дар арузи нав навиштаи Мастон Шералӣ таваҷҷуҳ шавад, ки қофиябандии маснавӣ то кадом андоза дар он равшан аст:

Замоне, ки нахустин бор одам бар ҷаҳон омад,
Ба чашми офтобу моҳи дунёбин аён омад.
Сараввал ӯ зи роҳи чашми худ рӯйи ҷаҳонро дид,
Гумоне кард аз оғоз то анҷом,
замини бекаронро дид...
Замин буду само,
Ӯ дар миёна чун сутун танҳо... [Шералӣ 1979, с. 3].

Дар ин шеър ҳарчанд мисраи чорум ба назар аз қофия озод ва мустақил менамояд, он сархати мантиқии мисраи панҷум аст, ки ба таври шикаста ва пиллаконӣ омадааст. Агар ба шакли қофиябандии мисраъҳои сеюму панҷум

эътибор диҳем, ба пуррагӣ як байти муқаффо аз абёти маснавӣ ба вуҷуд меояд. Ин хусусият дар достонҳои Муъмин Қаноат, аз ҷумла дар охири банди чаҳоруми достони «Китобҳои захмин», ба таври алоҳида боз ҳам барҷастатару муҷаллотар намудор мешавад:

Ҳама меҳри дили худро,
Саводи комили худро
Ба коғаз нақш бинмудем бо хома,
Ба ҳам кардему пӯшондем
Ба мисли ҷомаи садпораи худ бар сухан ҷома:
Салом, устод!
Сабақҳои шуморо мекунем аз ёд... [Қаноат 1983, с. 10].

Дар ин шеър низ қофиябандии маснавӣ корбасти ошкоро дорад. Дар ин ҷо мисраи чорум ба сари худ мустақил набуда, шуруи бевоситаи мисраъи шашум аст, ки бар мабнои қофия бунёд ёфтааст. Мо дар ин пора ба сурати комил маснавиеро дар қолаби арузи озод мебинем, ки аз лиҳози сохтор пурра моил ба қавонини ин навъи адабист ва аз ҷиҳати қофиябандӣ махсуси маснавист.

Гоҳе шудааст, ки шоирон ба қасди сурудани маснавӣ шеърро оғоз кардаанд ва дар миёна ва фарҷоми матлаби худ ногузир ба арузи озод гузаштаанд. Дар шеъри «Солҳои эътиқод»-и Ғоиб Сафарзода ба назар мерасад, ки ҳарчанд қасди шоир сурудани маснавӣ будааст, он бегумон бо арузи нав тағйири сохторӣ кардааст. Оғози маснавӣ бо 8 байт дар як вазн ва бо қофияҳои аа, бб, вв суруда шудааст. Дар қисмати поёнии он, бидуни тағйир додани тарзи қофиябандии худ, бо арузи нав омезиши сохторӣ карда, бо дарозию кӯтоҳии мисраҳо зоҳир мегардад:

Дигар он солҳо рафтанд бе падруд,
Рабуда ошкоро давраҳои баччагӣ бо худ.
Вале он кулбае, ки мо сабақ омӯхтем аз ту,
Чароғи маърифат дар синаҳо афрӯхтем аз ту,

Агарчи нест акнун тарҳи девораш,

Агарчи хок гардидаст болораш,

Ҳанӯзам чун муқаддасгоҳ дар ёд аст,

Чу ёди кӯдакӣ дар синаам подору обод аст

[Сафарзода 1978, с. 31].

Ин гуна намунаҳоро мо дар шеъри солҳои 60-70-ум ба фаровонӣ метавонем пайдо кунем, ки ҳам аз нигоҳи сохторӣ ва ҳам аз нигоҳи ҳунарӣ як давраи мушаххаси навоварӣ дар суннатро таъйид менамоянд.

Маснавии муосир ғайр аз он, ки бо арузи нав ва чаҳорпораи муосир омезиши сохторӣ карда, дар вазнҳои гуногуни анвои адабӣ зоҳир гардид, инчунин анвои адабиро бо ҳам омезиш дод. Масалан, дар осори баъзе шоирон агар як қисмати он бо қофиябандии маъмулии маснавӣ суруда мешуд, қисмати дигараш бо қофиябандии ғазал, мусаммат, чаҳорпора ва ғайра зоҳир мегардид. Ин намунаи маснавиҳоро аввалин бор дар осори Мирзо Турсунзода ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Масалан, маснавии «Ба В. И. Ленин»-и шоир, ки дар атрофи он донишмандони зиёде баҳс намуда, муҳимтарин вижагиҳои мавзуӣ, ғояи шеър ва дигар хусусиятҳои онро баррасӣ намудаанд, маснавиест, ки бо ғазал омезиши сохторӣ кардааст. Оид ба ин масъалаи сохтор ва жанри ин манзума, аввал Соҳиб Табаров дар «Симои ҷовидонии пешво дар адабиёти тоҷик» [Табаров 1970, с. 32], баъд, Р. Мусулмонқулов дар «Фурӯғи шеъри ҷонпарвар» [Мусулмонқулов 1984, с. 32] ва хеле баъдтар Аскар Ҳакимов дар мақолаи «Аз ғазал то шеъри озод» [Ҳакимов 1975, с. 32] сухан ба миён оварда, онро маснавии омезишёфта бо ғазал арзёбӣ кардаанд. Аз ҷумла Аскар Ҳакимов дар ин хусус навиштааст: «Омезиши ғазал бо маснавӣ дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода дар шеъри ба ҳукми хрестоматӣ даромадаи ӯ «Ба В. И. Ленин» ҷой дорад. Оғози ин шеър 7 байт ғазал буда, баъд аз он 4 байт маснавӣ омадааст, ки ба ҳам омехта, як шакли рехта ва мустаҳкамро ба вуҷуд овардааст» [Ҳакимов 1978, с. 195].

Ин гуна кор гирифтан аз қолаби маснавӣ дар адабиёти солҳои 60-70-ум маъмул будааст, ки онро дар осори бисёре аз шоирон, аз ҷумла, Ғаффор Мирзо, Қутбӣ Киром, Аминҷон Шукӯҳӣ, Убайд Раҷаб, Ҳабибулло Файзулло, Мастон Шералӣ, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Бозор Собир ва дигарон камобеш мушоҳида менамоем.

Шакл гирифтани навъи мустазодро низ дар адабиёти муосир бо гунаҳои навоварона дар ашъори бисёре аз шоиронамон мушоҳида менамоем, ки дар радифи маснавӣ хидмати чашмрасе дар таҳаввули сохтории шеър кардааст. Ин навъи шеърӣ, ки дар адабиёти гузашта бо хусусиятҳои хоси худ тафовут дорад, дар назми муосир дубора серистеъмол шуда, барои нав гардидани шеър, бахусус вазни арузи озод, кумак кардааст.

Дар шеъри муосири тоҷик зарурати ба вуҷуд омадани мустазод, қабл аз ҳама, ба тақозои мазмун алоқаманд буд. Руҳи он барои ифода кардани мазмунҳои баланди иҷтимоӣ ва инқилобӣ созгор афтода буд. Порчаи иловагие, ки дар поёни ҳар мисраъ оварда мешуд, аз хотима ёфтани фикр дар як мисраъ шаҳодат медод, ки ин хусусият хоси мустазоди классикӣ буд. Ин навъи шеър натанҳо дар адабиёти муосири тоҷик, балки дар шеъри шоирони машрутахоҳи Эрон, аз ҷумла дар аввали инқилоб аз ҷониби Орифи Қазвинӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Баҳор, Мирзодаи Ишқӣ ба фаровонӣ суруда мешуданд, ки ҳар яке ифодагари мазмуни иҷтимоӣ ва мубориза барои озодихоҳӣ буданд.

Ба қавли Жола Бадеъ, ин шоирон «...аз майлу рағбати мардум ба мусиқӣ истифода карда, бо нағмаҳои инқилобии худ ҳисси озодихоҳӣ ва донишпарвариро дар дили онҳо бедор мекарданд... Бо такрор ёфтани калимаҳое, ки аксар шарҳи азобҳо ва умедҳо буд, кам-кам як силсила масъалаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ барои онҳо шикофта ва кушода мешуд» [Бадеъ 1967, с. 105].

Аз ин навиштаи Жола Бадеъ равшан мегардад, ки ин гуна шеърҳо бештар ба хотири такрори калимаҳо, ки ифодагари вазъи иҷтимоӣ буданд, дархӯри дарди ҷомеа мегардиданд. Ин навъи шеърӣ дар қатори дигар анвои

суннатӣ ба назми муосири тоҷик роҳ ёфта, дар ашъори инқилобии шоирони давраи аввали инқилоб ва баъдтар истифода гардид, ки дар ин радиф метавон шеъри «Ба шарафи Инқилоби Бухоро»-и Садриддин Айнӣ, «Зинда аст Ленин»-и Абулқлсим Лоҳутӣ, «Ба муносибати Инқилоби Бухоро»-и Пайрав Сулаймониро ном бурд, ки дар шакли мустазод суруда шудаанд. Шеъри устод Садриддин Айнӣ бо чунин сатрҳо оғоз меёбад:

Эй машъали рахшони адолат, зи куҷоӣ,
к-имрӯз ба моӣ.
Торикии бедод зи гетӣ бизудоӣ,
моно, ки зиёӣ [Айнӣ 1974, с. 11].

Агар дар шеъри Садриддин Айнӣ қавонини суннатии ин навъи адабӣ ба хубӣ риоя гардида бошад, дар шеъри «Зинда аст Ленин»-и Абулқосим Лоҳутӣ дигаргуниҳоеро эҳсос кардан мумкин аст, ки аз имконоти фарохи вазн ва ҷустҷӯҳои навоваронаи шоир дар суд ҷустан аз анвои суннатӣ шаҳодат медиҳанд:

Коргарҳо ҳама бо хондани оҳанги комун
Ҳар тараф дар ҳаракат.
Пир медид ба ҳайрат, ҳама ҷо Лашкари Сурх
Саф ба саф дар ҳаракат.
Сад ҳазорон алами сурх буду ахтари сурх
Бошараф дар ҳаракат.
Ҳама ҷо бӯи комун буд, ҳама ҷо ранги комун.

Хонд бар сардари як хона ЦК РКП,
Чашми ӯ нур гирифт.
Дид дар ҷои дигар номи Коминтерн зи дур,
Пушти ӯ зӯр гирифт.
Марши байналмилалиро бишунид аз шайпур,
Ғам аз ӯ дур гирифт.

Ранги ӯ гашт барафрӯхта, ҳолаш шуд беҳ

[Лоҳутӣ 1949, с. 248-250].

Дар ин шеър як шакли нави мустазод ба назар мерасад, ки боиси барҷастатар ифода кардани мазмуни он шудааст. Шоир он шакли бандсозиеро, ки қофияи дудармиён дорад, инкишоф дода, шеърро ба шакли мустазод менависад ва мисраъҳои кӯтоҳи онро низ байни худ ҳамқофия меорад. Ғайр аз ин, ҷамъбасти ҳар банд озод аз пораи муқаттаъ омадааст, ки ба сохтори мустазод як тозагӣ зам мекунад. Як вижагии дигари ин шеър бо вуҷуди мустазод будан ба шакли чаҳорпора омадани он аст, ки ҳар банд дорои қофияҳои алоҳида буда, миёни бандҳо пайванди мантиқӣ дида мешавад.

Дар шеъри Пайрав Сулаймонӣ бошад, имконият фарохтар ба назар мерасад. Пораи муқаттаъ баъди ҳар мисраи меҳварии мустазод дарозтар шуда, оҳангнокии шеърро меафзояд:

Эй дидаи гирёншудаи бесару сомон,
пурхун шуда чашмон
аз баҳри азизон!
Эй абрсифат қатразани донаи борон,
чун ҷавҳари ғалтон,
муштоқи каримон [Пайрав 2006, с. 30].

Ҳамин гуна тобишҳо дар мустазод, ки аз тарафи шоирон зина ба зина таҷриба шудаанд, рафта-рафта табиати мусамматро соҳиб гаштанд. Масалан, Муъмин Қаноат на пораи муқаттаи мустазод, балки байтҳои меҳварии онро инкишоф дода, дар натиҷа мусаммати мураббаъро ба вуҷуд овардааст, ки омадани пораи кӯтоҳи муқаттаъ баъди ҳар се мисраъ аз ҳузури арузи озод хабар додааст:

Як фохтаи жӯлидае дар қафасе
Дар ҳасрати парвоз бувад ҳар нафасе,
Дар гирди қафас фохтаи озоде

Парвозкунон,

Дар рӯйи қафас нишаста аз чокии он

Сар ҷониби ёр менамояд нигарон.

Гӯё ки биё, гуфта зи ҷо пар мезад.

Медид ҳамон [Қаноат 1960, с. 16].

Ҳамон тавре ки ба назар мерасад, дар ин сурат мустазод шакли суннатии худро аз даст дода, бештар ба мусаммат шабоҳат пайдо мекунад ва пораи муқаттаи он ба арузи озод қаробат пайдо мекунад. Тартиби овардани ин гуна порчаҳо, ки дар гузашта хуб риоя мегардиданд, дар адабиёти муосир, бо тақозои мазмуни шеър пас аз ду, се ва ё чор мисраъ ҳам оварда мешуданд. Дар умум, ин гуна шеърҳоро метавон марҳилаи муҳимми гузариш ба шеъри нав донист, ки бештар ба шакли чаҳорпора арзи вуҷуд кардаанд. Аз ин рӯ, мутмаинан метавон гуфт, ки саҳми мустазод дар шакл гирифтани арузи озод бисёр назаррас аст.

Масъалаи ғазал дар  солҳои 40-50-уми садаи XX аз масъалаҳои баҳсбарангезе буд, ки таваҷҷуҳи бисёр адибон ва донишмандонро ба худ ҷалб кард. Бо вуҷуди баҳсҳои зиёд дар атрофи ин навъи адабӣ шоирон тавонистанд бештар руҳи замонро дар он ҷорӣ намоянд, агарчи баъзе шоирон мекӯшиданд, аз гуфтани ин навъи адабӣ канор бигиранд, бо ҳузури теъдоди зиёди шоирони ғазалсаро ин навъи адабӣ бо руҳияи тоза, минҷумла, бештар дорои мавзуъҳои сиёсию иҷтимоӣ гардидан, ҳузури худро дар адабиёт ҳифз кард.

Тозакориҳое, ки Абулқосим Лоҳутӣ дар ташаккули ғазали инқилобӣ анҷом дод, бори дигар серистеъмол, коршоям ва моли ҳама давру замон будани ин жанри адабиро собит намуд. Ғазалҳои ӯ аз нигоҳи мавзуъ ва моҳият фарогири вазъи иҷтимоии замон буда, бо мазмунҳои баланди иҷтимоӣ ва руҳияи навоваронаи худ ҳаёт ва маданияти навро таҷассум менамуданд.  «Лоҳутӣ аз нахустин шоироне буд, ки мавзуъҳои инқилобиро

дар заминаи сиёсат ва иҷтимоъ дар шеъри тоҷик ворид кард» [Ҳоирӣ 1369, с. 10].

Мешавад гуфт, ки ғазали Абулқосим Лоҳутӣ ва ҳамнаслони ӯ ба мисли Ҳабиб Юсуфӣ, Пайрав Сулаймонӣ як навъ хусусияти публитсистӣ касб карда буд ва таъсири он дар ғазалҳои шоирони баъдӣ ҳам то ҳадде боқӣ монд. «Шеъри солҳои бисту сӣ аксаран публитсистӣ буда, мазмуни иҷтимоию сиёсии он бевосита ва ошкоро баён мешуд, хусусияти тарғибию ташвиқии вай рӯирост ифода меёфт» [Шакурӣ 2008, с. 116].

Аз мутолиаи ғазалҳои «Калимаи шаҳодати ранҷбар» (1922), «Коргар, дафъи ҷафоро гар бихоҳӣ, метавонӣ» (1923), «Эй фаълаи Машриқ, алами сурх ба по кун» (1924), «Супориши модари ӯзбек» (1941), «Эй тӯдаи номовари Эрон, наҳаросем!» (1948), «Ба ҳизби раҳнамои мо» (1953), «Деви ҷанги нав ба олам аспи ваҳшат медавонд»-и (1954) Абулқосим Лоҳутӣ ва «Қалам» (1928), «Эй рафиқон, аз Ватан рахте ба ҳиҷрон мебарам» (1924), «Мебоист кард» (1927), «Аз дасти ту буд» (1929), «Ба тахтнишин»-и (1930) Пайрав Сулаймонӣ ва бархе ғазалҳои Ҳабиб Юсуфӣ маълум мегардад, ки руҳи публитсистӣ дар ғазалҳои шоирони номбурда то чӣ андоза қавӣ аст. Абулқосим Лоҳутӣ ва Пайрав Сулаймонӣ албатта, ғазалҳое доранд, ки ба сабку салиқаи ғазали суннатӣ бештар аз ғазалҳои номбаршуда наздиканд. Вале ном бурдан аз ғазалҳои мазкур ба он хотир аст, ки онҳо дар як замони муайян хатти меҳварии эҷодиёти ин шоиронро ташкил медоданд.

Бузургтарин хидмати Абулқосим Лоҳутӣ дар таҳаввули ғазал ин буд, ки ӯ ғазалро бо назардошти риояи қавонини суннатии он дар ифодаи ороя҇ҳои бадеӣ ва назокати тасвирҳои шоирона дар хидмати мавзуъҳои муосир қарор дод. Ин раванд дар шеъри шоирони баъдӣ ҷилваи густурда надошт ва аксар шоироне, ки мехостанд ғазалро дар хидмати раванди сиёсӣ ва иҷтимоии замон қарор диҳанд, танҳо ба баёни мавзуъ такя мекарданд ва онро бидуни ороя҇ҳои бадеӣ ва ба сурати як назми мақолавӣ ба намоиш мегузоштанд.

Ҳатто дар солҳои 60-ум, ки шеъри тоҷик то андозае болу пар афшонда, ба ҷусторҳои ҳунарӣ такя дода буд, ғазал дар эҷодиёти баъзе аз шоирон ба чунин минвол идома дошт. Дар ин радиф шоироне низ буданд, ки руҳияи ғазали суннатиро дар асли худ ҳимоят мекарданд. Дар радифи ин гурӯҳи шоирон Суҳайли Ҷавҳаризода, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Нодир Шанбезода, то андозае Боқӣ Раҳимзода ва ғайра аз касоне буданд, ки забону баёни ғазали суннатиро ҳифз мекарданд ва ҳамоно мавзуи ишқро дар меҳвари он қарор медоданд.

Баъд аз Абулқосим Лоҳутӣ муҳимтарин коре, ки Мирзо Турсунзода дар солҳои 50-60 дар мавриди ғазал ба сомон расонид, ин буд, ки дубора ғазали муосирро, ки сахт бо иҷтимоъ пайванд хӯрда, то ҳадде мақолаӣ шудаю бадеияти худро аз даст дода буд, ба руҳияи ғазали суннатӣ, бахусус сабки хуросонӣ, пайваст. Бо талошҳои бевоситаи Мирзо Турсунзода байни ғазали муосир ва суннатӣ иртибот ба вуҷуд омад. Мешавад гуфт, ки ғазал бо мавзуъ ва забону баёни имрӯзӣ бадеияти гузаштаи худро ҳифз кард.

Муҳимтарин вижагие, ки дар ғазалҳои Мирзо Турсунзода дида мешавад, сарфи назар аз мавзуъ, риояи бадеияти баланд ва корбасти таркибу ибораҳои аз ҷиҳати забон ва баён хоси ғазал аст, ки зебою равону сода эҷод шудаанд.

Аз ин дидгоҳ, таъсири ғазали Мирзо Турсунзода ба шеваи ғазалсароии шоирони ҳамнасли худ ва наслҳои баъдӣ кам нест. Таъсире, ки Мирзо Турсунзода болои ғазали тоҷик дар солҳои 50-60-ум ва баъд аз он гузошт, ин буд, ки онро аз вартаи забону баёни хушку қолабӣ берун кашид ва дар идома муҳимтарин коре, ки шоирон дар коркарди ғазал анҷом доданд, қавонини онро аз гузашта ҷустуҷӯ кардан буд. Ба андешаи адабиётшинос Абдураҳмон Абдуманнон, дар ин давра мақсади шоирон афкори фалсафию ахлоқии шеъри гузаштаро идома додан ва онро ба вазъи ҷомеа мутобиқ кардан буд. Ин донишманд зимни баррасии шеъри Мирсаид Миршакар марбут ба ин масъала навиштааст: «Сароғози бисёр шеърҳои Мирсаид Миршакарро

мисраъ, байт ва чаҳорпораҳо аз ашъори устодони гузашта зинат додаанд. Шоир мекӯшад, ки афкори фалсафию ахлоқии классиконро идома диҳад ва ба вазъи ҷомеаи кунунӣ мутобиқ созад» [Абдуманнон 2015, с. 57].

Дар солҳои баъд мо дар эҷодиёти Мирсаид Миршакар ғазалеро мехонем, ки аз ҳузури маънавии Ҳофиз ба ҷомеаи адабии Тоҷикистон истиқбол мекунад:

Биё, Ҳофиз, даме бо ҳам нишинем,
Дигар рӯйи ҷудоиро набинем.
Диёри Рӯдакӣ аз нав ҷавон шуд,
Биё, аз бӯстонаш гул бичинем [Миршакар 1970, с. 31].

Агар мо аз лиҳози забон ва баён ба сохтори ғазал таваҷҷуҳ намоем, мебинем, ки ғазал дар гузашта мавзуи хоси худро доштааст ва дар ҳама ҳолат ишқ хатти меҳварии онро ташкил медодааст. Ҳар як ҳарфу ҳиҷои он дар тарозуи зебоӣ кашида, баъд ба қолаб рехта мешудааст. Ғазал бештар ба шоирон ҳақ додааст, ки таркибу ибораҳои нобу шоиронаро ба вуҷуд биёранд. Таркибу ибораҳое, ки фақат хоси ғазал ҳастанд. Вақте мо ба ғазали муосир менигарем ва мебинем, ки муддатҳо атрофи он барои носозгор омаданаш ба мавзуи вақт баҳсҳо идома доштааст, ба ин хулоса мерасем, ки кор гирифтан аз навъи ғазал фақат ба хотири нигоҳдошти анъана ва суннат будааст. Дилбастагии шоироне чун Абулқосим Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар ва дигарон ба адабиёти гузашта боис ба он гардидааст, ки миёни суннат ва навоварӣ пайванди мустақим ба вуҷуд ояд. Бузургтарин хидмати ғазал ҳамчун жанри адабӣ кашидани бори муҳимтарин арзишҳои адабии гузашта то имрӯз будааст. Аз ҳамин хотир, мо дар ғазалҳои Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Аминҷон Шукӯҳӣ ва дигар шоирони солҳои 40-50-ум низ ҳамон осореро мебинем, ки аз гузаштаи мо дарак медиҳад. Ҳарчанд мавзуи ғазал дар ин солҳо ба вазъи иҷтимоӣ вобаста аст, васфи ҳама гуна мавзуи воқеии ҳаёт дар ғазалҳои ин шоирон бо беҳтарин ва арзишмандтарин таркибу ибора ва забону баёни

ғазали гузашта инъикос ёфтааст. Барои исботи ин фикр кофист ду байт аз ғазали Боқӣ Раҳимзода ироа гардад:

Пахтачиндухтар, туӣ сарчашмаи ашъори ман,
Рост шуд аз кори ту ин килки каҷрафтори ман.
Гар намешуд сурх рухсори ту аз мавҷи арақ,
Аз куҷо мешуд дурахшон табъи оташбори ман

[Раҳимзода 1966, с. 210].

Ба мисраҳои дуюми байтҳо таваҷҷуҳ мемонем ва мебинем, ки онҳо чӣ қадар хоси ғазали гузаштаанд. Ҳатто пахтачиндухтар ва сурх шудани рухсори ӯ аз арақ, ки ифодакунандаи симои қаҳрамони ҳаёти нав мебошад, дар миёни ин каломи ҷаззобу устувор, ки аз он насими фараҳбахши шеъри суннатӣ мевазад, камрангу ноаён мемонад.

Қисмати умдаи ашъори Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода ва дигарон дар замони авҷи инкишофи ҷомеаи шӯравӣ ва идеологияи он навишта шуда, баромадан аз ин чаҳорчӯб дар онҳо камтар эҳсос шавад ҳам, онҳо тавонистанд фаъолияти сиёсии худро бо эҷоди бадеӣ равшан намоянд ва ҳар гуна мавзуи муҳимми рӯзро дар либоси бадеият ҳунармандона ироа кунанд. Дар воқеъ, рӯй овардан ба рози хусусии инсон дар охири солҳои панҷоҳум шуруъ гардид ва ин раванд дар шеъри ин давра вусъат пайдо кард.

Аз ҳамин дидгоҳ, ба дурустӣ метавон муътақид шуд, ки ғазал дар солҳои 60-70-ум бештар бо дастовардҳои тозаи ҳунарӣ ва маърифатӣ зуҳур кардааст. Тафовути ғазали солҳои 60-70-ум аз ғазали солҳои қабл бештар дар он аст, ки ғазали солҳои мазкур аз лиҳози муҳтаво ғанӣ аст, дар он ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ, орои тобишҳои шоирона, шакл гирифтани ифтихори миллӣ ва арҷ гузоштан ба осори бузургон пурбортар аст. Аминҷон Шукӯҳӣ дар сурудани ғазалҳои ошиқона дар сатҳи намоён қарор мегирад. Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри ӯ, аз ҷумла дар ғазал, бо обуранги бадеӣ ва

сувари хаёл омезиши қавӣ дорад. Масалан, дар ғазали «Оби ҷонбахш»-и ӯ чунин мисраъҳои баланду шоиронаро мехонем:

Гул ба оби ҷӯй вақте ки хуморӣ мешавад,
Барги ҳар як ғунча чашми интизорӣ мешавад...
Дона то дар хок н-афтад, кай ба боло сар кашад,
Қадри одам ҳам баланд аз хоксорӣ мешавад

[Шукӯҳӣ 2003, с. 221].

Дар воқеъ, «Шукӯҳӣ шоири мушоҳидакорест, ки дар офариниши тасвирҳои зебои ба зеҳни хонанда ошно истеъдоди шоистаи таҳсин дошт» [Ҳакимова 2018, с. 101].

Дар ашъори аксар шоирони солҳои 60-70-ум дар радифи анвои суннатӣ мо бештар ба жанри ғазал мувоҷеҳ мешавем, ки аз лиҳози дарунмоя бо корбурди таркибу ибороти нав ва руҳияи муосир тозагӣ доранд. Ин вижагӣ бештар дар корбурди калимаҳои роиҷ дар забони зиндаи солҳои мавриди назар дар ғазал аён мегардад. Бо хондани ғазали ин солҳо хонанда метавонад ба осонӣ тафовути онро аз ғазалӣ суннатӣ дар корбасти таркибу ибороти имрӯзӣ дарёбад. Руҳи замони зиндагии худро дар он пайхас намояд. Забону баёни ин гуна ғазалҳо, ки аз навоварӣ дар анвои суннатӣ дарак медиҳанд, дар эҷодиёти шоирони ин давра равшан аст.

Ҳамчунин, ғазал дар ин давра на танҳо аз назари муҳтаво, яъне забон ва тарзи баён, ба қолаби ғазали муосир созгор афтод, балки бо корбурди тасвирҳои наву шоирона шеърияти худро ҳифз намуд. Шоирони ин давра мекӯшиданд, дар эҷоди ғазал ба тасвиру ташбеҳоти тоза дастёб гарданд:

Баҳри васлат сар ниҳодам солҳо дар кӯйи ту,
Шуд сафед, эй ҷони ман, мӯйи сарам чун рӯйи ту

[Пӯлодӣ 1972, с. 73].

Ҳарчанд сафедии мӯйи сар дар адабиёти гузашта ба унсурҳои гуногун ташбеҳ ёфтааст, дар ин байт ба сафедии рӯйи ёр ташбеҳ шуданаш шоирона аст. Бо назардошти ин метавон гуфт, ки дар миёни ашъори дар анвои

суннатӣ, аз ҷумла ғазалҳои сурудаи шоирон, пайванди мустақим бо ғазали гузашта дар мисоли саноеи бадеӣ дар миён аст.

Шоирони ғазалсарои ин давра ҳаргиз қоидаю қонун, қолаб, андоза, таркиб, ибора, воситаҳои тасвири ғазали қадимро аз ғазали муосир берун наандохта, балки онҳоро бо муҳтавои тозаи замонӣ дубора ба кор бурда, робитаи миёни суннат ва навовариро мустаҳкам кардаанд. Хонанда аз хондани ғазалҳои ин шоирон ба зудӣ пай мебарад, ки онҳоро адибони муосираш сурудааст.

Рубоӣ низ бо таъсири вазъи иҷтимоӣ аз лиҳози муҳтаво ва дарунмоя тозакориҳои зиёдеро соҳиб гардида, дар осори шоирони солҳои 60-70-ум серистеъмол ба назар мерасад. Ин жанри адабӣ дар оғози адабиёти муосир чун ғазал аз мақоме, ки дар адабиёти гузашта дошт, андак поён афтод. Дар солҳои 40-50 дар осори адибонамон хеле камистеъмол ба назар мерасад. Ҳамон баҳсе, ки дар атрофи ғазал мечархид, ба рубоӣ ҳам таъсир дошт. Ғазал агар аз ҷиҳати сохтор ва қонуниятҳои дохилии худ ба шоирон иҷозаи дигаргун шуданашро намедод, рубоӣ низ бо вазну муҳтаво, мавзуоти фалсафӣ ва ҳикматноки худ ҳаққи корбурдашро дар миёни адибон маҳдуд карда буд. Аз мадди назар афтодани рубоӣ то солҳои 60-70-ум идома дошт. Албатта, шоироне чун Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Мирсаид Миршакар, Убайд Раҷаб ва дигарон то солҳои мавриди назар аз ин жанри адабӣ истифода мебурданд, вале таваҷҷуҳи бештар ба ин жанр ҳам аз ҷониби шоирон ва ҳам аз ҷониби мунаққидон маҳз дар солҳои 60-70-ум зиёд гардид. Яъне дар аввали солҳои шаст танқиди адабӣ аз он таассуф хӯрда буд, ки «...рубоӣ барин навъи муҳимми шеъри тоҷикӣ дар назми имрӯзаи мо рӯз то рӯз мавқеи худро аз даст дода истодааст. Ҳам шоирони куҳансол ва ҳам шоирони ҷавон онро қариб тамоман фаромӯш кардаанд» [Шукуров 1965, с. 183-224].

Баъди чунин баҳсҳо таваҷҷуҳи шоирон ба рубоӣ ва дубайтӣ бештар гардид. Шоирон кӯшиш менамуданд, ки бештар дар ин ду жанри адабӣ

сабқат намоянд. Дар ишора ба вазъи авҷ гирифтани ин жанри адабӣ дар миёни адибон Юсуф Акбаров дар «Шеъри эҳсос ва тафаккур» ном асари худ навиштааст: «Ҳоло бошад, рубоӣ ба яке аз маҳбубтарин навъҳои шеърии имрӯзаи тоҷик табдил ёфтааст. Ин навъи шеър, хусусан дар эҷодиёти Аминҷон Шукӯҳӣ, Лоиқ Шералӣ, Убайд Раҷаб, Мастон Шералӣ, Ҳабибулло Файзулло, Гулназар ва дигарон хеле ривоҷу равнақ ёфт» [Акбаров 1985, с. 44].

Дар воқеъ, аз солҳои 60-70-ум ва баъди он шоирон ба иншои рубоию дубайтӣ пардохтанд, ки натиҷааш чопи чанд маҷмуаи алоҳида бо фарогирии ин жанри адабӣ буд. Дар як муддати кӯтоҳ китоби рубоию дубайтиҳои Аминҷон Шукӯҳӣ «Чормағз», Лоиқ Шералӣ «Ҷоми Хайём», «Резаборон» ва силсилаи рубоию дубайтиҳои шоирон Ҳабибулло Файзулло, Ғоиб Сафарзода, Гулрухсор, Гулназар ва дигарон дар рӯзномаю маҷаллаҳо ва маҷмуаҳои дастҷамъӣ дастраси хонанда гардиданд. Таваҷҷуҳ ба ин жанрҳои адабӣ, хеле зиёд гардида, баъзе аз шоирон танҳо ба эҷоди рубоию дубайтӣ пардохта буданд. Ин амали шоирон баҳсҳои тозаеро дар мавриди рубоӣ ва дубайтӣ миёни аҳли назар ба бор овард. Муҳаммадҷон Шукуров ба рубоӣ диққати ҷиддӣ додани шоирони ҷавонро, ки акнун дар рубоиҳояшон сухани тоза ва диди навро камтар ба мушоҳида мегирифтанд, талаб намуда, аксари шоиронеро, ки дар гуфтани рубоӣ ва дубайтӣ дасти тавоно надоштанд, сахт зери тозиёнаи танқид гирифт: «Чун рубоӣ аз хурдтарин навъи шеър аст, ҷавонони мо бояд бидонанд, ки ин яке аз мушкилтарин навъи шеър аст. Рубоӣ фикри расо, дили ҳассос ва сухани пухта мехоҳад. Дар рубоинависӣ иқтидоре лозим аст, ки моҳияти як ё якчанд ҳодисаи ҳаёт бо образҳои барҷастае дар ниҳояти муҷазбаёнӣ кушода ва хулосаи амиқе бароварда шавад. Аммо ин давлат дар ҷавонӣ кам даст медиҳад. Дар ҷавонӣ барои таълим ва касби маҳорат бештар рубоӣ машқ кардан мумкин аст, вале ҳар машқи шогирдонаро дафъатан ба чоп додан зарур набудагист» [Шукуров 1965, с. 183-224].

Аз назари ин донишманд, рубоӣ воситаи муҳимми ифодаи ақидаҳои иҷтимоию панду ахлоқӣ, фалсафӣ ва нозуктарин ҳиссиёти дили инсон ба шумор мерафт. Шуруъ аз асри XX то имрӯз, ки шеъри мо беш аз пеш ба сӯйи инъикоси ҳамаҷонибаи гардишҳои муҳимтарини рӯзгор роҳ ёфтааст, ин навъи шеъри қадим як воситаи қувват гирифтани фалсафа ва мазмуну муҳтавои баланд касб кардани шеъри мо гаштааст.

Гарчанде қабл аз солҳои 60 рубоӣ як навъ моҳияти фалсафӣ ва ҳикматнокии худро дар шеъри бисёре аз шоирон аз даст дода буд, дар солҳои 60-70-ум дубора мақоми аслии худро касб кард. Солҳои пеш рубоӣ дар шеъри Ҳабиб Юсуфӣ, Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Ғаффор Мирзо, Қутбӣ Киром ва даҳҳо шоири дигар бори мавзуи пахтаю пахтачинӣ ва ҳизбро ба дӯш дошт. Қабл аз солҳои 60 меҳнат мавзуи меҳварии рубоӣ буд.

Баъд аз солҳои 60 рубоӣ дар шеъри шоирон бо омезиши мазмунҳои иҷтимоӣ, бо таъбирофариниҳои ҳикматноку фалсафӣ ва бо фарогирии зиндагии воқеии инсонҳо пурмуҳтаво ва пуробруранг ба назар мерасид. Дар нимаи дуюми садаи бист маҳз бо талошу заҳматҳои навгароёнаи Муъмин Қаноат, Аминҷон Шукӯҳӣ, Ғоиб Сафарзода, Ҳабибулло Файзулло, Мастон Шералӣ, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Бозор Собир ва ҷавоншоирони дигар дар бадани рубоӣ дубора ҷони тоза ворид шуд. Яъне, рубоӣ ҳамчун барандаи бори зиндагии воқеии инсонҳо, бо руҳи ҳикматбору фалсафӣ, чун тарбияткунандаи инсони муосир ба ҷилва омад.

Агар пештар меҳнат дар рубоиҳои шоирон болотар аз ишқу муҳаббати зани меҳнаткашу пахтачин менишаст, дар солҳои баъд муҳаббати бепоёни зан авлотар аз ҳама чиз дониста мешуд.

Жанри дубайтӣ ҳам, ки бештар дар осори шифоҳӣ маъмул аст, дар шеъри шоирони солҳои 60-70-ум фаровон истифода шудааст. Дар хусуси тобишҳои мавзуӣ ва гардишҳои ҳунарии дубайтӣ ҳам ин нукта қобили таъкид аст, ки дар солҳои мавриди назар ҳар дигаргуние, ки ба рубоӣ ворид

гардид, барои дубайтӣ низ бетаъсир намонд. Аз ин рӯ, онро берун аз доираи мавзуъ ва моҳияти рубоӣ, дар шакли алоҳида баррасӣ кардан ҳоҷат надорад.

Чунонки дар ин бахши кор ба мушоҳида гирифтем, суннат ва навоварӣ дар он танҳо дар асоси қолаб сурат нагирифта, балки пайванд ба мавзуъ ва ҳунари офариниш низ доштааст. Ба ин маънӣ, дар баробари тағйири сохторӣ кардани аксар жанрҳои суннатӣ, ҷустҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри тоҷик низ афзалияти тамом доранд. Дар оғози адабиёти муосир агар бештари талошҳо барои нав кардани сохтори шеър равона шуда буданд, ин раванд дар солҳои 40-50-ум як навъ камранг гардид ва ҷойи худро ба тарғиби сиёсат ва қонунҳои ҳизб дод. Аз оғози солҳои 60-ум раванди нав кардани шеър дубора ба миён омад ва то ҳузури арузи озод, ки бо кӯшиши Муъмин Қаноат дар шеъри тоҷик дубора арзи ҳастӣ кард, бештар ба ҷусторҳои ҳунарӣ пайванд хӯрд.

### 1.3. Пайдоиш ва таҳаввули анвои нави адабӣ дар шеър

Пайдоиши шеъри нав, ки бо хусусиятҳои хоси худ аз шеъри суннатӣ тафовут дорад, аз солҳои аввали асри бист ҳамчун раванди умумии рушду таҳаввули шеъри тоҷик ба назар мерасад.

Аз аввалин касоне, ки дар шеъри муосири тоҷик, бавижа дар вазни он, дигаргунӣ ба вуҷуд овард, Садриддин Айнӣ мебошад. Тозакории Садриддин Айнӣ дар вазни шеър бо кӯтоҳ овардани як ҳиҷо дар мисраъҳои дуюми ҳар байти «Марши ҳуррият» зоҳир гардида, ба ин васила дар пойдевори шеъри нави тоҷик бо рӯи кор омадани як шеъри ғайрисуннатӣ хишти аввал гузошта шуд:

Эй ситамдидагон, эй асирон!
Фоъилун/фоъилун/фоъилотун
-v-/-v-/-v—

Заминаи муҳимми ин шеър ба унвони як шеъри навоварона бевосита вазни суруди мардумии Фаронса «Марселеза» будааст, ки дар атрофи он баҳсҳои зиёде сурат гирифтааст. Аз ҷумла Субҳон Давронов дар мақолаи «Насими руҳбахш» навиштааст: «Маълум, ки суруди «Марши ҳуррият» дар асоси оҳанги «Марселеза» гуфта шудааст ва дар адабиёти советии тоҷик аввалин тақлиди шоёни таҳсинест ба оҳанги шеъри машҳури байналхалқӣ» [Давронов 1972, с. 252-262].

Садриддин Айнӣ бо истифода аз оҳанги «Марсельеза» вазни нави шеъри тоҷикро бо руҳияи инқилобӣ ба вуҷуд овард. Албатта, руҳияи инқилобӣ дар ғазалҳои ӯ шакл гирифта буд. Масалан, ӯ айни ҳамин хитоб ба «ситамдидагон»-ро ки нуқтаи меҳварии шеъри «Марши ҳуррият» ба шумор меравад, дар як байти худ чунин ифода намудааст:

Хезед, эй гурӯҳи ситамдидагон, ба азм,
Дар рӯзгори кухна кунед инқилоби сурх! [Айнӣ 1958, с. 38].

Яъне ӯ ҳам аз ҷиҳати ғоявӣ ва ҳам аз ҷиҳати сохторӣ ба гуфтани шеъри нав омода шуда буд. Агар барои ба вуҷуд омадани муҳтавои шеъри «Марши

ҳуррият» афкори инқилобии Садриддин Айнӣ заминаи аввалия бошад, заминаи баъдӣ барои бо чунин шакл арзи вуҷуд кардани сохтори он бевосита ба таври комил огоҳ будани ӯ аз аркони арузи тоҷикӣ ва руҷуи амиқаш ба осори мардумӣ, азҷумла таронаҳои халқӣ аст, ки дар зеҳни ӯ ритми «Марселеза»-и мардумии Фаронса тавонист дар чаҳорчӯби вазни тоҷикӣ ворид гардад ва дар натиҷа як вазни комилу навро дар таърихи адабиёти тоҷик ба вуҷуд биёрад. Ин паҳлуи масъала ба заковати мусиқидонии Садриддин Айнӣ ҳам пайванди амиқ дорад, ки мавзуи он баҳси алоҳидаро тақозо мекунад.

Бо вуҷуди ин, ки баъд аз Садриддин Айнӣ шоирони дигаре барои нав кардани сохтори шеъри арузи озод талош намуданд, масъалаи дигаргунии аруз мавриди таваҷҷуҳи кам касон қарор гирифта буд. Масъалаи нав кардани аруз, хосатан имконоти фаровони он дар осори мардумӣ, диққати Садриддин Айниро беш аз ҳама ҷалб карда буд ва ӯ орзуи навиштани рисолаи илмие дар боби арузи тоҷикиро низ дошт ва дар бораи он фикр мекард. Ӯ дар як мактубаш ба Мирзо Турсунзода таъкид намудааст, ки дар охири умр се кори муҳимро бояд анҷом бидиҳад. «Кори дуюме, ки ман дар дили худ зарур шуморида, иҷрои онро вазифаи ногузири худ мешуморам, кор кардан дар болои вазни шеъри тоҷикист» [Айнӣ 1956, с. 107-110].

Ҳарчанд, умр барои навиштани рисолаи мазкур ба Садриддин Айнӣ вафо накард, ин мактуб як навъ муқаддимаи пажӯҳиши «шеъри нав» барои муҳаққиқон гардид. «Агар умри ман дар кор карда баромадани вазни шеъри тоҷикӣ ёрӣ надиҳад, ин мактуб як муқаддимаи он кор барин шуда мемонад» [Айнӣ 1956, с. 107-110].

Садриддин Айнӣ муътақид буд, ки аз таронаҳои мардумӣ пайдо шудани вазнҳои нав дар шеъри муосир имконпазир аст ва омӯхтани онҳо шоиронро ба эҷоди вазнҳои нав водор мекунад. Аммо ин андешаҳои Садриддин Айнӣ пурра омӯхта нашуданд. Донишмандон ва шоироне, ки ба ин паҳлуи масъала даст мезаданд, танҳо содагии вазнҳои ҳиҷоиро барои

оммафаҳм намудани шеър муфид медонистанд. Масъалаи ихтирои вазнҳои нав аз доираи тафаккури бисёриҳо берун монда буд. Донишмандоне, ки дар бораи шеъри нав сухан ба миён меоварданд, тозакории шоиронро фақат дар мавзуъ ҷустуҷӯ мекарданд. Воқеан, касе аз донишмандон натавонист тозакориҳои Садриддин Айниро дар вазни аруз ба таври куллӣ баррасӣ намуда, ба хонандагон моҳияти арузи навро фаҳмонад. Масъалаи арузи нав хеле баъд диққати донишмандонро ба худ кашид. Камтаваҷҷуҳӣ ба ин паҳлуи масъала боис гардид, ки шеъри нав ба номи Нимо Юшиҷ бо эҷоди шеъри «Афсона» дар адабиёти муосири Эрон дарҷ гардад.

Дар ин хусус донишмандони бисёре фикру андешаҳои худро баён доштаанд. Аз ҷумла Субҳон Давронов дар мақолаи «Насими руҳбахш» ба Р. Алиев, ки шеъри «Афсона»-и Ниморо аввалин шеъри нав ҳисобидааст, як навъ ҷавоб дода, муқаддам будани «Марши ҳуррият»-ро арзёбӣ мекунад. Дигар донишмандон аз қабили Раҳим Мусулмонқулов дар китоби «Анъана ва навоварӣ», Расул Ҳодизода дар мақолаи «Анъана ва навоварӣ», Абдулқодир Маниёзов дар мақолаи «Шеъри нав ва баъзе масъалаҳои шеърият», Муҳаммадҷон Шукуров ва Юсуф Акбаров дар китоби «Анъана ва навоварӣ» ва дигарон дар бораи «Марши ҳуррият» ишораҳо карда, ағлаб нахустин шеъри нав будани онро дар шеъру адаби форсӣ нишон додаанд. Бо пажӯҳише, ки Рустами Ваҳҳоб дар «Поэтикаи вазн ва хусусиятҳои ритмии назми муосири тоҷик» анҷом додааст, андешаи Субҳон Даврововро дубора гӯшзад мекунад, ки шеъри «Афсона»-и Нимо Юшиҷ баъди панҷ соли арзи вуҷуд кардани «Марши ҳуррият» эҷод шудааст. Ин донишманд бо таваҷҷуҳ ба ин масъала менависад, ки «...манзумаи «Афсона»-и Нимо Юшиҷ, ки дар Эрон ӯро «падари шеъри нав» номида ва замони суруда шудани ин манзумаро «мабдаи таърихи шеъри нав дар Эрон» қарор додаанд, дар вазни бесобиқаи «Марши ҳуррият» ва панҷ сол дертар аз ин шеъри устод Садриддин Айнӣ (соли 1301 шамсии қамарӣ, мутобиқ ба соли 1923 масеҳӣ) эҷод шудааст» [Ваҳҳоб 2009, с. 12].

Донишмандон агар давраи аввали шеъри навро бо рӯй овардани шоирон ба содабаёнӣ дар қолабҳои суннатӣ ва сурудани шеърҳои дорои мазмуни инқилобӣ ва иҷтимоидошта арзёбӣ кунанд, оғози давраи дуюми «шеъри нав»-ро бо эҷоди «Марши ҳуррият»-и Садриддин Айнӣ марбут медонанд. Албатта, ин баҳсҳо сари шеъри нав ва радабандии он аз нимаи дуюми солҳои панҷоҳум ва аввали солҳои шастум шуруъ гардида буд. Шеъри «Марши ҳуррият» аз ҷониби донишмандон давраи дуюми таҳаввули шеъри нав дониста мешавад, ки баъдҳо бо таҷрибаи шеърҳо ва тарҷумаҳои А. Лоҳутӣ, ашъори Пайрав Сулаймонӣ, Ҳабиб Юсуфӣ ривоҷу равнақ ёфт. Абулқосим Лоҳутӣ, ғайр аз он ки дар шеъри худ аз нигоҳи сохторӣ таҷрибаи шоирони русро ба кор бурд, ба як қатор тарҷумаҳое даст зад, ки бешубҳа, ба навназарии адибони минбаъда замина гузошт. Масалан, ин тарҷумаи ӯ аз шеъри «Сангари хунин»-и Виктор Гюго, ки яке аз таҷрибаҳои аввалинаш маҳсуб мешавад, хеле муваффақона ва ба муҳтавои шеъри нави Эрон, ки баъдҳо дар адабиёти солҳои 60-70-уми асри XX-и тоҷик ҳам таҷрибаи фаровон шуд, созгор афтод:

Размоварони сангари хунин шуданд асир
Бо кӯдаке далер
Ба синни дувоздаҳ.
– Он ҷо будӣ ту ҳам?
– Бале, бо он диловарон.
– Пас, мо кунем ҷисми туро ҳам нишони тир,
То ин ки навбати ту расад, мунтазир бимон! [Ваҳҳоб 2009, с. 16].

Дигар аз талошҳои Абулқосим Лоҳутӣ дар нав кардани шеър, ки барои адибони минбаъда замина гузошт, тарҷумаи як қатор шеърҳо аз осори адибони аврупоӣ буд, ки сирф фарогири руҳияи шеъри сафед буданд. Шеъри сафеде, ки ҳанӯз на дар Эрон ва на дар Тоҷикистон дар бораи он чизе гуфта намешуд, бори аввал дар тарҷумаҳои Абулқосим Лоҳутӣ падидор гардид.

Дигаргуниҳои шигифтангезе, ки ҳукумати Шуравӣ дар Бухорои ақибмонда эҷод кард, илҳомбахши табъи равони Лоҳутӣ буд.

«Тағйироти бунёдини иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ҷомеаи шуравӣ таъсири амиқе бар ашъори Абулқосим Лоҳутӣ бар ҷой гузошт, ба тавре ки гоҳ бо сурудани ашъори ҷанҷолӣ ва шиоргуна ба тамҷид ва ситоиши пирӯзиҳои сотсиализм, мухолифат бо натсионалистҳо ё босмачиён ва низ ишоаи савод мепардохт. Ӯ аз вазнҳои ғайримаъмул мисли авзони ҳиҷоӣ баҳра бурд ва бо тарҷумаи «Отелло»–и Шекспир барои аввалин бор шеъри сафедро вориди адабиёти тоҷик кард» [Ҳечинский 1368х, с. 16].

Хеле баъдтар аз тарҷумаҳои Абулқосим Лоҳутӣ шеъри сафедро донишмандони эронӣ баромада аз шеъри нави Фаронса арзёбӣ карданд.

Дар ашъори шоироне ба мисли Пайрав Сулаймонӣ, Ҳабиб Юсуфӣ ва дигарон низ ин гуна талошҳо ба мушоҳида мерасад, ки албатта, барои адибони солҳои  60-70-ум заминаи аввалиндараҷа дониста мешаванд. Ҳарчанд нававарии ин шоирон дар арузи нав номуваффақона буд, кӯшишҳои тозае дар сохтори шеър маҳсуб мешуданд, ки метавон онҳоро замина ва омилҳои асосӣ дар нававарии шеъри солҳои 60-70-ум донист.

Ба мисли Мирзо Турсунзода, албатта, буданд касоне, ки дар омезиши аруз бо вазни ҳиҷоӣ гоҳе таҷрибаи шоирони пешинро ба кор мебурданд. Ин хусусият бештар дар сурудҳои ӯ зоҳир мегардид, ки намунаи барҷастааш ин аст:

Мо насли нав,
Мо насли нави ҷаҳон.
Кӯшем мудом
Дар роҳи амну амон.
То гул кунад ҳаёти мо,
Ояндаи пурнишоти мо,
Ҳомиёни саодатем.  [Турсунзода 1962, (а) с. 239].

Дар ин шеър ба пуррагӣ аён аст, ки ғайри дар ду вазни арузӣ омадан аз вазни ҳиҷоӣ низ истифода шудааст. Ин хусусият пештар дар ашъори Абулқосим Лоҳутӣ, махсусан, дар баъзе пораҳои достони «Ғалабаи Таня»-и ӯ, таҷриба шуда буд.

Зарур аст гуфта шавад, ки шеъри нимоӣ, ки воқеан, аз лиҳози дарунмоя ва ҳунари шоирӣ аз дигар анвои шеърӣ тафовут дошт, барои аксар шоирон ва донишмандон, пас аз устод Садриддин Айнӣ, то солҳои 60-ум қадре номафҳум монда буд. Аксаран шеъри нимоӣ ё арузи озодро аз рӯи қолаб ва сохтори он баҳо медоданд. Ин боис ба он гардид, ки аксари шоиронамон ба моҳияти он сарфаҳм нарафта, бо шикастани қолабҳои суннатӣ ва дарозу кӯтоҳ гузоштани мисраъҳои ғазал, қитъа ва чаҳорпора ва ҷобаҷогузории онҳо ба шакли пиллаконӣ то андозае анъанаҳои навоваронаи шоирони солҳои пешин Пайрав Сулаймонӣ ва Ҳабиб Юсуфиро идома диҳанд. Ин хусусият дар шеъри аксари шоирони солҳои 60-ум ва баъд аз он ҳам мушоҳида мегардад.

Оғози давраи сеюми шеъри нав ба нуфузу ривоҷи шеъри нимоӣ бастагӣ дорад, ки аз ҷониби Нимо Юшиҷ бо дарозию кӯтоҳии мисраъҳо дар вазнҳои гуногун рӯи кор омад ва дар шеъри тоҷик дигаргуниҳои чашмрасеро  ба бор овард.  Дуруст аст, ки бархе аз донишмандон миёни давраи аввали таҳаввули аруз ва давраи дувуми он, ки бо шеъри нимоӣ пайванд мехӯрад, фосила мегузоранд. Аммо ин нукта қобили зикр аст, ки таҷрибаҳои пешин дар шеъри солҳои 60-70-ум ҳам коршоям буданд. Масалан, Муъмин Қаноат дар аввал ҳамон таҷрибаеро ба кор мебурд, ки қаблан дар шеъри Пайрав Сулаймонӣ ва Ҳабиб Юсуфӣ ба кор рафта буд. Ҳамон навъе ки Аскар Ҳаким менависад: «Тозакориҳои онҳо (Пайрав Сулаймонӣ ва Ҳабиб Юсуфӣ – М.Ҳ) асосан дар дохили вазни аруз сурат гирифтааст» [Ҳаким 2017, (б) с. 171].

Дар шеъри Муъмин Қаноат, махсусан шеърҳои аввалини ӯ, ки зоҳиран ба қолаби арузи озод рехта мешуданд, ҳамин хусусиятро мушоҳида мекунем. Дар шеърҳои Пайрав Сулаймонӣ, ки ба унвони арузи нав рӯи кор омадаанд,

тозакорӣ фақат дар дохили ритми аруз дида мешавад. Дар онҳо калимот аксаран «...дорои задаи устувор ё мантиқӣ буда, онҳо бештар калимаҳои хитобӣ, нидо, таҳайюр» ва ифодакунандаи шӯру ангезаи ҳиссиётанд. Масалан, дар шеъри «Асира ё худ исён»-и ӯ ин хусусиятро равшантар мушоҳида мекунем:

...Аҷабо!

Ин чӣ саҳнаи мудҳиш?

Чист афтода?

Духтаре мадҳуш.

Ҳамла оварда кист, ҳон?

Эй ёр!!!

Дев!

Ифрит!

Ваҳшии хунхор!

Мор!

Ақраб!

Паланг!

Гург!

Шағол! [С. Пайрав 2006, с. 63].

Пайи ҳам чидани калимаҳои нидодору хитобӣ, ки ҳар кадоме задаи мантиқиро тақозо мекунанд, ритми дохилии шеърро аз шеъри суннатӣ мутафовит месозад. Аммо ин шеър дар ҳамон вазни маълуми хафифи мусаддаси махбуни мақсур (ё аслам) мебошад, ки ба сурати фаъилотун мафоъилун фаълун (V V - -/ V-V -/ - -) тақтеъ мешавад.

Аз адабиёти классикӣ дар ин вазн садҳо намуна пайдо кардан мумкин аст. Агар ин шеърро сарфи назар аз задаҳои мантиқӣ ва калимаҳои нидодору хитобии он дар қолаби арузи суннатӣ (манзур зоҳири аруз аст) бирезем, як шеъри комил дар вазни суннатӣ ба вуҷуд меояд:

...Аҷабо! Ин чӣ саҳнаи мудҳиш?

Чист афтода? Духтаре мадҳуш.

Ҳамла оварда кист, ҳон? Эй ёр!!!

Дев! Ифрит! Ваҳшии хунхор!

Мор! Ақраб! Паланг! Гург! Шағол!

Дар ин шеър ҳеҷ навгоние дар сохтори вазн ба чашм намерасад. Тафовути шеъри мазкур дар ин сурат танҳо дар истифодаи қофияҳо зоҳир мегардад, ки дар қавонини шеъри гузашта мусалламан ин навъи қофиябандӣ заиф дониста мешуд. Моҳиятан, он навъи арузи озоде, ки Садриддин Айнӣ асос гузошт, дар солҳои баъд ба маънии томаш таҷриба нагардид. Ин пайванд дубора дар шеъри солҳои 60-70 бо ҳузури шеъри нимоӣ таҷриба гардид. Аммо мо ҳаргиз он заминаеро, ки дар сохтори дохилии вазн аз ҷониби Пайрав Сулаймонӣ барин шоирон ба кор рафта буд, аз шеъри шоирони солҳои 60-70 гусаста намедонем. Ин хусусиятҳо дар шеъри Мирзо Турсунзода, Муъмин Қаноат, Ғаффор Мирзо, Қутбӣ Киром ва дигарон ҳам тачриба шудаанд. Масалан, ҳамон шеъри «Хоби қаҳрамон»-и Муъмин Қаноат, ки онро Рустам Ваххоб аввалин кӯшишҳои шоир дар корбасти арузи озод медонад, агар шакли қолабии онро, ки ба таври шикастани мисроъ оварда шудааст, сарфи назар намоем, мебинем, ки он билкул ба шеъри арузи озод қобили муқоиса нест:

Лашкари омода бар ҷанги шадид

Ҳамчу як дил гашт,

Майдон метапид.

Дар камин,

Дар синаи дашти кушод,

Дар замин дилҳои инсон метапид.

Рустами Ваххоб дар ин хусус навиштааст: «Аввалин шеъри Муъмин Қаноат, ки дар он унсурҳои арузи нав нисбатан равшантар ва барҷастатар намудор гардидааст, шеъри «Хоби қаҳрамон» мебошад, ки ба асоси шакли

чаҳорпора омада, ду банди аввалаш ба арузи нав тобеъ аст» [Ваҳҳоб 2009, с. 27].

Дар воқеъ, ин ҳамон таҷрибаест, ки дар гузашта Пайрав Сулаймонӣ анҷом дода буд. Дар вазни ин шеър, ки фоъилотун, фоъилотун, фоъилун ё фаъилун (-- V - - / - V - - / - V - (V V -)) аст, агар мисраъҳои онро бешикаст паиҳам биёварем, ҳеҷ чизи тозае ба ҷуз задаҳои мантиқӣ дар сохтори зоҳирии аруз ба вуҷуд намеояд. Масалан, ба ин шакл:

Лашкари омода бар ҷанги шадид
Ҳамчу як дил гашт, майдон метапид.
Дар камин, дар синаи дашти кушод,
Дар замин дилҳои инсон метапид

Рустам Ваҳҳоб баъдтар дар мавриди ин шеър қайд мекунад, ки «Сарфи назар аз ин маҳдудияти нисбӣ, равшантарин нишонаи ба арузи нав гузаштани Муъмин Қаноат дар ҳамин шикастани мисраъҳо зоҳир гардидааст» [Ваҳҳоб 2009, с. 27].

Пеш аз Муъмин Қаноат дар солҳои 50-ҳум ин гуна таҷрибаҳоро дар ашъори Ғаффор Мирзо мушоҳида кардан мумкин аст. Ғаффор Мирзо дар шеърҳои аввалинаш, ки дар маҷмуаи нахустини ӯ «Аз самими дил» (1952) гирд омадаанд, таҷрибаи Пайрав Сулаймониро ба кор бурд. Масалан, дар шеъри «Ба роҳи илм ой»-и ӯ чунин мисраъҳоро мехонем:

Туро оянда мисли офтоб аст,
Ту худояндаи ин навҷаҳонӣ.
Қадам зан!
Кӯш!
Хон!
Омӯз, омӯз!
Намо бо дӯстонат комронӣ. [Мирзо 1952, с. 27].

Ҳарчанд Ғаффор Мирзо дар мисраи сеюми ин пора калимаҳои хитобӣ ва нидодорро ба таври пиллаконӣ чида, дар сохтори зоҳирии аруз хостори

навгонӣ кардан мешавад, моҳиятан вазн аз сохтори суннатии худ берун наомада, ҳамаи мисраъҳо дар шакли тақтеи мафоъилун, мафоъилун, фаъулун пурра рӯнамо мешаванд, ки ин навоварӣ дар сохтори вазн маҳсуб намеёбад.

Дар умум, дар маҷмуаи аввалини Ғаффор Мирзо «Аз самими дил» (1952) ва ду маҷмуаи аввалини Муъмин Қаноат «Шарора» (1960) ва «Ситораҳои замин» (1963) арузи нав шакл нагирифтааст. Ба ҳар ҳол, навгонии Муъмин Қаноат дар маҷмуаи дуюмӣ дар сохтори шеър бештар дар мисоли мустазод ва мусаммат зоҳир мегардад, ки то андозае бо хусусиятҳои хоси худ аз анвои суннатӣ тафовут доранд. Масалан, дар шеъри «Корвони нур»-и шоир чунин бандҳоро мехонем:

Чор пойи оҳанин дар хок маҳкам, устувор,
Зӯри дарё, нури дарёе ба китфи ӯ савор,
Рост истодаст ҳамчун паҳлавон дар зери бор
Пояе аз пояҳои бешумор. [Қаноат 1963, с. 20-21].

Дар ин мусаммати мураббаъ (ин навъи шеър ба хусусиятҳои фардии мустазод шабоҳат дорад), ки бо кам шудани ҳиҷоҳо дар мисраи охири ҳар банд эҷод шудааст, то андозае шикасти зоҳирии қолаби арузи суннатӣ ба назар мерасад. Албатта, ин намунаҳо қадами нахустини шоир барои гузариш ба арузи озод маҳсуб мешаванд.

Бо назардошти ин, метавон ба андешаи Аскар Ҳаким, ки мегӯяд: «…ҳарчанд ки таърихи арузи озод ба аввали аср мерасад, вале ҳақиқат ин аст, ки дар нимаи асри бист ин тамойюл давоми бевоситаи ин навҷӯии пешин набуда, ба андозае метавон гуфт, ки аз сари нав ба зуҳур омад» [Ҳаким 2017, (б) с. 171], розӣ шуд. Зеро як падидаи тоза дар ташаккули шеъри нав баргузор шудани симпозиуми шеъри форсӣ соли 1967 дар Тоҷикистон аст, ки нақши бисёр муҳим дорад. Аммо инро ҳам ба инобат бояд гирифт, ки кӯшишҳои шоирон дар солҳои 60-70 барои нав кардани аруз, дар навбати аввал (сарфи назар аз сохтори «Марши ҳуррият», ки комилан дар қолаби арузи нав зоҳир

гардида буд), реша дар навҷӯиҳои оғози асри XX дорад, ки ба он Абулқосим Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ ва Ҳабиб Юсуфӣ таваҷҷуҳ доштанд.

«Моҳи декабри соли 1967, – менависад Шоҳзамон Раҳмон, – ба пешвози ҷашни 50-солагии Тоҷикистон дар Душанбе симпозиуми назми форсизабонон баргузор шуд, ки дар он аз Москва, Ленинград, ҷумҳуриҳои бародар, хусусан аз давлатҳои дӯсту ҳамзабон, аз он ҷойҳое, ки бо адабиёту санъати форсизабонон шуғл доштанд, меҳмонон иштирок карданд» [Раҳмонов 2010, с. 194].

Ин нишаст то андозае боиси бештар шинохтани шеъри нав дар Тоҷикистон шуд. Дар ин симпозиум мавзуи матраҳ дар шеъри нав он буд, ки асоси шеъри навро натанҳо мазмуни нав ва нигариши тоза ба он ташкил медиҳад, балки он аз лиҳози сохтори дохилӣ ва зоҳирӣ низ махсусиятҳои худро дорад. Дар он шоирону нависандагон ва донишмандону адабиётшиносони тоҷик Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Носирҷон Маъсумӣ, Баҳром Сирус, Раҷаб Амонов, Шарифҷон Ҳусейнзода, Абдулқодир Маниёзов, Хуршеда Отахонова, Субҳон Давронов (аз Душанбе) И.С. Брагинский, Зоя Османова (аз Маскав) аз дигар шудани авзои замон ва вобастагии раванди шеър ба он мулоҳиза ронда, бештар аз тозагии мавзуъ ва қувват гирифтани лирика дар шеър сухан гуфтанд. Ягона мақсади ин донишмандон ва адибон дар он зоҳир мегардид, ки зуҳури шеъри навро бо тозагии мавзуъ, қувват гирифтани образҳои бадеӣ, суд ҷустан аз наср, таъсирпазирӣ аз шеъри рус ва баҳра гирифтан аз анвои суннатӣ аз оғози асри XX медонистанд. Донишмандони Афғонистон Моили Ҳиравӣ, Абдулҳақи Вола, Накҳат Саидӣ ва донишмандону шоирони Эрон аз ҷумлаи Лутфалии Суратгар, Нодири Нодирпур,  Жола Бадеъ бештар пайванди мустақим доштани шеъри тоҷикро бо гузашта ва имрӯзаи шеъри Эрону Афғонистон арзёбӣ мекарданд. Муҳимтарин арзишдовариҳои донишмандону адибони Эрону Афғонистон ба тозаҷӯиҳои шоирон дар ҳунари офарандагӣ ва сохтори арузи озод пайванд мехӯрд.

Баъди баргузории ин ҳамоиш шоирони тоҷик ба шеъри Эрону Афғонистон бештар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, аз пайи ҷустуҷӯ ва мутолиаи осори ҳавзаҳои адабии ин ду кишвар шуданд. Дар шеъри тоҷик як навъ тағйироти ҷиддии эстетикию ғоявӣ ба вуҷуд омад, сохтмони жанрию услубии шеър рӯ ба навшавӣ ниҳод.

Ғаффор Мирзо ва Муъмин Қаноат тозагӯйию навҷӯйиҳоеро пеш гирифтанд, ки баъдтар дар эҷодиёти Файзулло Ансорӣ, Бобо Ҳоҷӣ, Ашӯр Сафар, Мастон Шералӣ, Қутбӣ Киром, Ғоиб Сафарзода, Лоиқ Шерлӣ, Бозор Собир, Ҳабибулло Файзулло, Гулназар, Гулрухсор, Сайдалӣ Маъмур, Аскар Ҳаким, Султон Шоҳзода ва дигарон самараҳои хуб оварданд.

Дар эҷодиёти номбурдагон унсурҳои тасвиру таҳлили бадеии ҳам воқеияти имрӯзу гузашта, ҳам ғалаёнҳои ботинии инсон қувват гирифта, ҷанбаи ҳунарии шеър ба ҷойи аввал баромад. Аммо рӯй овардан ба арузи нав дар миёни шоирон мавқеи намоёнро ишғол кард.

Дар ашъори давраи аввали фаъолияти эҷодии Муъмин Қаноат симоҳои мушаххаси замон, рушди илму техника мавриди тамҷиду ситоиш қарор гирифта бошанд ҳам, майдони андешаю бардоштҳои шоир аз пешрафти ҳамарӯзаи зиндагӣ густурдатар буда, паҳнаи фарохтареро тақозо дошт. Аз ин рӯ, ӯ ба жанри достон рӯй оварда, дар адабиёти тоҷику шуравӣ ҳамчун достонсарои забардаст шуҳратёр гардид. Муҳимтарин навоварии Муъмин Қаноат минбаъд дар жанри достон шикасти қолаби суннатӣ ва дар баъзе қисматҳо ворид намудани арузи озод буд. Аввалин шеъри муваффақонаи Муъмин Қаноат дар арузи нав шеъри «Дар паноҳи шохсорон» маҳсуб мешавад, ки ҳам роҳи ӯро ба ҷаҳони шеъри нав кушод ва ҳам шоирони зиёдеро ба ин ҷодда раҳнамоӣ кард:

Ҳукумат дар сари минбар,
Хиёнат аз паси чодар,
Сипоҳӣ дар замину бешаю дарё.
Ҳама як роҳро пӯё,

Ҳама Ленинро ҷӯё,

Ки гардад инқилоби қавмҳо бесар. [Қаноат 1970, с. 34].

Ба қавли Аскар Ҳаким, дар ин шеър ғайри он, ки бо вазни тоза бавуҷуд омадааст, ба ҳам мувофиқ омадани ибораҳои наҳвӣ «...вазифаи ифодаи шадиди ҳиссиёт ва ташкили пуробутоби ритмро хеле хуб ба ҷо овардаанд» [Ҳаким 2017, (б) с. 174].

Рустам Ваҳҳоб шеъри мазкурро ба эътибори интихоби озодонаи мавқеи қофия нахустин намунаи бомуваффақияти арузи нав дар эҷодиёти Муъмин Қаноат дониста менависад: «Дар арузи нав ба фазилати озодии шоир дар амри интихоб ва корбурди унсурҳои мухталифи назм имконоти бештаре ба вуҷуд меояд, ки хусусиятҳои фардии услуби ҳар шоире ҳам дар мазмун ва ҳам дар шакл ба таври саҳеҳ таъйин мегардад» [Ваҳҳоб 2009, с. 30].

Дар воқеъ, шеъри нави арузӣ, бо дарозию кӯтоҳии мисраъҳои худ, ба шоир имкони фарохтареро муҳайё мекунад, ки битавонад дар сохтори дохилии шеър ҳам ба мисли корбурди қофияҳо ҳаққи бештареро соҳиб гардад. Муҳиммияти қофия дар ин гуна шеърҳо ҳифз мешавад, аммо на ба шакли қолабӣ. Шоир метавонад дар як мисраъ ҳам қофия бисозад ва ҳам дар маҷмуъ, қофияи умумиро дар матлаъ ва мақтаи шеър оварда, ба ин васила миёни бандҳои шеър пайванди мустақими мазмунию сохториро ба вуҷуд биёрад. Ин хусусият дар шеъри «Қарз»-и Лоиқ Шералӣ равшантар ба мушоҳида мерасад:

Ба ту аз кӯҳҳо, аз рӯдҳо асрор хоҳам гуфт...

Ба ту аз баччагиям, бекасиям, хорузориям,

Зи ашки модарам,

Аз он ба дарҳо рафта нон пурсиданаш,

Аз он калиди баста андар нӯги мӯҳояш,

Зи чарху дук,

Зи тӯри чашмбанд,

Аз тӯдаи хокистари гармаш,

Ки авлотар зи сад зартӯдаю ганҷи падар гӯянд,

Зи пойи лучу урёни кафида, чарм гардида,

Зи дастони дурушташ, вақти сила нозуку нармаш.

Зи кӯҳистон,

Зи тарма,

Аз танини найкашии боди саргардон

Сухан бисёр хоҳам гуфт. [Шералӣ 1980, с. 206].

Дар ин шеър қофияи умумӣ, ки муҳтавои шеърро тақвият медиҳад, дар мисраи аввал калимаи «асрор» омада, дар охир бо калимаи «бисёр» хотима меёбад. Анбуҳи калимаҳои бисёре, ки дар дохили шеър қофия шудаанд, ҳарчанд ба қофияи умумӣ шабоҳат надоранд, дар шаклгирии умумии он кумак мерасонанд. Як бартарии арузи озод пойбанд нашудани шоир дар қофиясозист, ки дар ин шеър равшан ба назар мерасад.

Ҳарчанд дар ин миён ҳам ба шакли пиллаконӣ чидани ағлаби анвои суннатӣ ба зоҳир шакли арузи навро гирифт, ин роҳи муҳимме буд барои гузариш ба шеъри нав. Ин хусусият натанҳо дар осори шоирони насли Муъмин Қаноат, балки дар ашъори аксар намояндагони шеъри солҳои 80-ум ҳам идома дошт.

Шеърҳои Ғаффор Мирзо хеле баъдтар хусусияти шеъри нави арузиро соҳиб гардиданд. Масалан, шеъри «Хамеро, пуштаеро пушти сар кардам»-и ӯ руҳи арузи навро бештар дар худ таҷассум мекунад, ки хеле баъдтар, дар солҳои 80-ум суруда шудааст:

Хамеро, пуштаеро пушти сар кардам,

Ба нӯги қулла сар кардам

Ва бо чоки гиребони саҳаргоҳон

Назар кардам. [Мирзо 1984, с. 113].

Дар ин ҷо тақтеи байти аввал бо ҳиҷоҳои бештар аз мисраи баъдӣ шеърро ба қолаби арузи нав ворид месозад, ки албатта, аз тозакориҳои Ғаффор. Мирзо дар сохтори вазни шеър аст. Аммо муҳимтар аз ҳама,

тозакориҳои ин шоирро на дар арузи озод, балки дар дарунмояи шеър ва ҳунари офарандагии ӯ мушоҳида метавон кард, ки мо дар бахши алоҳидаи диссертатсия аз  ҷустуҷӯҳои ҳунарии шоирон, аз ҷумла Ғаффор Мирзо ёдовар хоҳем шуд.

Баъд аз Муъмин Қаноат ва Ғаффор Мирзо арузи нав дар ашъори Аминҷон Шукӯҳӣ, Тилло Пӯлодӣ, Мастон Шералӣ, Лоиқ Шералӣ, Ашӯр Сафар, Қутбӣ Киром, Ғоиб Сафарзода, Бозор Собир, Гулназар, Гулрухсор, Ҳабибулло Файзулло, Сайдалӣ Маъмур, Султон Шоҳзода ва дигарон шакл гирифт. Ҳар кадоме аз ин шоирон аз чор як ҳиссаи шеъри худро дар қолаби арузи озод рехта, ҳамон навъе ки дар боло қайд намудем, бархе аз шеърҳо муваффақона ва бархе дигар танҳо бо шикастани мисраъҳо ва зоҳиран монанд ба арузи озод рӯнамо шуданд. Масалан, аз шеъри «Ҷаҳони хешро дарёб»-и  Ғоиб Сафарзода фақат банди аввалашро метавон ба табиати шеъри нимоӣ наздик донист, ки он ҳам бо шикастани мантиқии мисраъҳо вобастагӣ дорад:

Баҳорон буд
Вақте, ки зи дастам дастаи гулро
Гирифтию гузаштам бо сарафрозӣ зи як санҷиш,
Табиат буд сарсабзу ҷавонӣ дошт,
Механдид,
Дар авҷи осмон буд парчаҳои абр дар гардиш

[Сафарзода 1978, с. 55].

Агар ин шеърро сарфи назар аз шикасти мантиқии мисраъҳо пайиҳам бинависем, гунаи чаҳорпорае ба вуҷуд меояд, ки қаблан ба таври пиллаконӣ чида шуда буд.

Муҳимтарин вижагиҳои арузи навро мо дар ашъори Лоиқ Шералӣ метавонем дарёбем, ки дар вазнҳои гуногун таҷриба шудаанд. Дар шеъри ӯ сайри тафаккур «дар якҷоягӣ бо баёни назокатҳои он ороста бо эҳсосот ва

завқ ва ҷилваи муносибати гӯянда ба матлаб аст, на баёни хушки матлаб» [Ваҳҳоб 2009, с. 30].

Шеърҳои «Маро хушбахт кун, эй гул», «Муҳаббати аввал», «Биҳишти гумшуда»-и Лоиқ Шералӣ аввалин шеърҳое буданд, ки тозакориҳои ин шоирро дар ҷодаи шеъри нав нишон медоданд. Онҳо натанҳо аз ҷиҳати вазн тозакорӣ доштанд, балки аз нигоҳи ҳунарӣ низ тасвирҳои наву тозаеро соҳиб буданд, ки дар як муддти кӯтоҳ гӯяндаашонро миёни ҷомеаи адабӣ шуҳратёр карданд.

Чаҳорпора низ аз анвои навзуҳуре буд, ки ҳамроҳ бо таҷаддудкориҳои зиёд дар сохтори шеъри нав арзи вуҷуд дошт ва пайваста мавриди таваҷҷуҳи шоирон қарор мегирифт. Агар мо ба шеъри солҳои 60-70 аз лиҳози сохтор амиқтар нигарем ҳузури ин навъи адабиро дар ашъори аксар шоирон пайдо мекунем. Муҳимтарин вижагии ашъори шоирон дар ин навъи адабӣ дар имконияти фарох доштани он барои ифодаи мазмунҳои иҷтимоӣ ва лирикаи баланди ишқӣ аст, ки аксаран мавзуъҳо дар он ба шакли сужетнок ифода ёфтаанд. Аз сабабе, ки тарзи қофиябандии он дар ҳар банди шеър ба сурати алоҳида омада, пайванди мантиқӣ миёни бандҳо сурат мегирад, шоирон барои баёни андешаҳои худ дар ин навъи шеър имконияти фарохтарро соҳиб мегарданд.

Аксари донишмандон асоси чаҳорпораро ҳамчун як падидаи нави адабии баромада аз жанрҳои мусаммату мураббаъ ва таркиббанду тарҷеъбанд медонанд. Онҳо бештар ба шакли мусаммат, ки аз чаҳор мисраъ иборат аст ва бо номи мусаммати мурабаъ мавҷуд мебошад,  такя намуда, ба ин хулоса расидаанд. Дарвоқеъ, пораҳои алоҳидаи навъи зикргардида, ба хусус мусаммати мураббаъ, аз ҷиҳати сохт бо шеъри чаҳорпораи муосир шабоҳати қавӣ доранд. Тафовути ягона миёни онҳо бештар дар шакли қофиябандӣ зоҳир мегардад. Агар мусаммати мураббаъ дорои шакли қофиябандии аааа, ббба бошад, чаҳорпораи муосир дорои қофиябандиҳои гуногун аст. Масалан, он метавонад дар шаклҳои абаб (якдармиён), абба (дудармиён) ва ғайра

навишта шавад. Муҳаққиқи осори адабӣ Рустам Ваҳҳобов қайд мекунад, ки «Чаҳорпора бо тасарруф дар шаклҳои суннатӣ аз роҳи қофия ба вуҷуд омад» [Ваҳҳоб 2009, с. 23].

Шояд мусаммати мураббаъ аз ҷиҳати сохт ва пайвастагии миёни пораҳо дар чаҳорпораи муосир бетаъсир набошад, аммо ин навъи шеърӣ аз лиҳози моҳият ва шакли қофиябандӣ таъсирпазирии равшане аз шеъри рус ҳам дорад. Аз тарафи дигар, дар замони муосир якбора ривоҷ ёфтани ин навъи шеърӣ, ки дар адабиёти гузашта аз асрҳои IX-X ин ҷониб ривоҷу равнақи густурда наёфтааст, касро ба андеша водор месозад. Бо назардошти ин нукта Аскар Ҳакимов хеле хуб қайд кардааст, ки ривоҷ ёфтани ин навъи шеърӣ дар адабиёти мо бештар бо талошҳои Лоҳутӣ бастагӣ дорад: «Аз шоирони советии тоҷик устод Лоҳутӣ махсусан барои бисёр ба кор андохтан ва маъмул шудани он хидмати босазо кардааст» [Ҳакимов 1978, с. 200].

Дар ин маврид яке аз донандагони хуби адабиёти классикӣ будани устод Лоҳутӣ низ фарзияи аз мусаммати мураббаъ маншаъ гирифтани чаҳорпораи муосирро то андозае асоснок мегардонад. Дар радифи устод Лоҳутӣ адибони дигаре низ буданд, ки бо ин навъи шеър дар адабиёти гузашта ошноӣ доштанд. Аммо ин ҳалли пурраи масъала буда наметавонад. Зеро ин навъи шеър, ки дар адабиёти муосир ривоҷу равнақи бештар ёфта буд, барои аксари муҳаққиқон, аз ҷумла адабиётшинос ва пажӯҳишгари варзида Худоӣ Шарифов, дар гузашта номустаъмал боқӣ мемонад. Мавсуф осори Муъмин  Қаноатро мавриди пажӯҳиш қарор дода, дар мавриди чаҳорпораҳои шоир мулоҳизаронӣ мекунад ва асоси даст задани Муъмин Қаноатро ба ин шакли шеърӣ аз мутолиаи васеи шеъру осори русӣ дониста менависад: «…ин қолаби дар шеъри гузаштаи мо номустаъмал яқин аз шеъри русӣ маншаъ мегирад» [Шарифов 2002, с. 135].

Ин навъи шеърӣ, ки дар адабиёти рус бештар бо қофиябандии дудармиён (абба) ривоҷ ёфтааст, Аскар Ҳакимовро низ ба хулосае овардааст, ки аксари осори дар ин навъи шеър навиштаи Ғаффор Мирзоро аз таъсири

адабиёти рус ба қалам бидиҳад: «Истифодаи чаҳорпораҳои дудармиён, яъне номутаносиб, бештар дар эҷодиёти Ғаффор Мирзо ба назар мерасад, ки бешубҳа, аз таъсири назми рус аст» [Ҳакимов 1978, с. 200].

Албатта, мо наметавонем бо қатъият ин навъи шеъриро баромада аз шеъри қадим арзёбӣ кунем, вале гуфтан бамаврид аст, ки ин шакли шеърӣ, ки бо тағйири қофия дар шеъри мо ривоҷи бештар ёфт, наметавонад таъсире аз шеъри қадимро надошта бошад. Билхоса таъсири мустазод, ки мо қаблан дар мавриди он суҳбат кардем, дар ташаккули он назаррас аст.

Гуфтан бамаврид аст, ки чаҳорпора ҳарчанд аз шеъри русӣ шакл гирифта бошад ҳам, аҷзои онро шеъри классикии тоҷикӣ обуранг додааст. Ин шакли шеърӣ аз адабиёти рус ба адабиёти тоҷик ворид гардид ва бо заҳмати адибони тоҷик, аз ҷумла устод Лоҳутӣ, муҳтавои худро аз тобишҳои шеъри суннатии форсу тоҷик пур кардааст. Яъне ҳамон мустазод ва мусаммати мураббаъ (мусаммати мураббаъ дар шеъри муосир низ таъсирпазирии амиқ аз мустазод дорад) дар сохтмони қолаби чаҳорпораи муосир заминаи хубе будааст, ки бегумон, аз ҷониби устод Лоҳутӣ ва дигар донандагони адабиёти гузашта дар замони аввали пайдоиши чаҳорпора тарҳрезӣ шудааст. Ин амал дар адабиёти мо ба масобаи кори як адиби тарҷумон аст, ки мазмуну муҳтавои шеъри дигар миллатро дар қолаби суннатӣ бирезад. «Баъзан ин гуна навъҳои тоза дар натиҷаи тарҷума ва ё таъсири назми халқи дигар ба шеъри муосири тоҷик дохил шудаанд» [Ҳакимов 1978, с. 215].

Муҳимтар аз ҳама, гуфтан бамаврид аст, ки ниёзи иҷтимоии ҷомеа боиси рушди ин навъи шеър ва гузариш аз он ба арузи озод гардидааст. Ҳарчанд раванди гузариш аз чаҳорпора ба шеъри озод ноаён сурат гирифтааст, «нақши чаҳорпора дар ташаккули арузи нав (ғайр аз мазмуни сужет ва лирика ва ё ҳамосаи тобеъ ба лирика) аз назари зоҳирӣ низ хеле равшану барҷаста боқӣ мондааст» [Ваҳҳоб 2009, с. 24].

Ҳарчи ҳаст, навъи чаҳорпора аз анвои навзуҳури адабист, ки дар шеъри муосир корбасти фаровон дорад ва мо онро ҳамчун як навъи меҳварии шеъри

солҳои 60-70 ба мушоҳида мегирем. Чунонки дар боло қайд намудем, муҳимтарин вижагии он ба шоир имконияти сужетсозӣ додан аст, ки дар шеъри муосир шеърҳои сужетнок дар ин навъи адабӣ фаровон дида мешаванд. Аз ин ҷиҳат, махсусан достони «Ҳасани аробакаш»-и (1952-1954) Мирзо Турсунзодаро таъкид кардан мумкин аст, ки сохтори он ба таври қофиябандии чаҳорпора сурат гирифта, ба шакли қофиябандии якдармиён абвб то охир идома меёбад. Содагӣ ва баъзе хусусиятҳои чаҳорпора, ки аксаран дар қофиябандии он дида мешаванд, ба шоир имконият додааст муҳимтарин андешаҳои худро дар сурати муъҷазу мухтасар дар мисоли қаҳрамонони достон ҷамъбаст намояд. Ғайр аз ин, ин навъи адабӣ ба шоир имкон додааст, ки баъзе лаҳзаҳои ҷолиби ҳаёти қаҳрамононро тасвир намуда, ба гуфтани суханҳои тозаю шоирона ва муҳимтарин унсурҳои ҳунарии шеър дар мисоли баёни шоирона, тасвиркорӣ ва корбурди саноеи адабӣ, ки моҳияти ҳунарии достонро баланд мебардоранд, ноил гардад. Масалан, шоир вақте васфи Душанбеи замоне ноободу камаҳолиро мекунад, чунин каломи зебою мухайялро дар ихтиёри мо мегузорад, ки ба маънои томаш шеър аст:

Тоқа-тоқа чанорҳои сабз
Хизмати одилона мекарданд,
Ҷониби мо насими форамро
Гоҳ-гоҳе равона мекарданд. [Турсунзода 1962, с. 198].

Агарчанде дар ин шеър тасвири манзара воқеӣ сурат гирифтааст, равонии калом ва баёни шоиронаи он шеърияти ин пораро ҳифз менамояд.

Пас, чаҳорпора қодир аст ҳам бори достонҳои бузурги ҳамосиро бар дӯш бигирад ва ҳам барои хурдтарин унсурҳои сужетсози шеър хидмат намояд. Яъне, чаҳорпора бештар табиати сужетсозӣ дорад, ки ин андешаро шеърҳои сужетдори шоирони солҳои 60-70 дар мисоли ин навъи адабӣ тасдиқ мекунанд. Ин жанр, аз лиҳози муҳтаво метавонад ба табиати дилхоҳ мавзуъҳои сиёсию иҷтимоӣ ва лирикию ишқӣ созиш намояд, ашъори ағлаби шоирони солҳои мавриди назар, аз ҷумла Мирсаид Миршакар, Аминҷон

Шукӯҳӣ, Тилло Пӯлодӣ, Қутбӣ Киром, Мастон Шералӣ, Ғоиб Сафарзода, Ҳабибулло Файзулло, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Шоҳайдар Ёдгорӣ, Гулрухсор, Гулназар, Баҳром Фирӯз, Сайдалӣ Маъмур ва дигаронро фаро гирифт. Чаҳорпора дар ашъори ин шоирон мавқеи густурда дошта, шоирони мазкур қисмати зиёди эҷодиёти худро дар ин навъ сурудаанд ва дар онҳо муҳимтарин мавзуъҳои ватан, модар, бачагӣ, зодгоҳ, ишқ ва ғайраро тараннум кардаанд.

Ба таври куллӣ метавон гуфт, ки хусусияти барҷастаи серистеъмолии чаҳорпора дар ҳар банд бо қофияи алоҳида омадани он аст. Бо ҳузури ин падидаи адабӣ шоирон аз пойбандии қофия раҳо шуда, бештар ба мавзуъ ва тарзи баёни ашъори худ диққат доданд.

# БОБИ II

# ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТИ АДАБИИ ҒОИБ САФАРЗОДА

## 2.1. Ташаккули шахсияти адабии шоир

Маълулист, ки пеш аз ҳама, ташаккули шахсияти адабӣ ва иҷтимоии ин ё он адиб аз ворид гардидани ӯ ба доираҳои хурду бузурги адабӣ, маҳфилҳои адабӣ, ошноӣ бо чеҳраҳои шинохта ва шахсиятҳои бузурги адабӣ, чопи осор дар маҷаллаю рӯзномаҳои адабӣ, сафарҳои хидматӣ ва баромад намудан дар минбарҳои бузург, шиносоӣ бо адабиёти хориҷӣ ва ошноӣ бо чеҳраҳои адабии дигар қавму миллатҳо бастагии сахт дорад. Шахсиятҳои адабӣ бештари вақт дар доираҳои васеи адабӣ тарбият меёбанд. Агарчи дар ин раванд чопи осори адибон дар маҷаллаю рӯзнома ва ширкати онҳо дар чорабиниҳои адабию фарҳангӣ саҳми бориз доранд, нақши бевоситаи маҳфилҳои адабӣ дар парвариши зеҳни эҷодкор аз ҳар чи бештар назаррас мебошад.

Маҳофили адабӣ дар дарозои таърих ҳамеша заминасози ҳамфикрӣ ва иттиҳоди эҷодии адибон буда, дар ташаккули чеҳраҳои нави адабӣ хидмат кардаанд. Дар баробари ин маҳфилҳои адабӣ барои адабиёт ҳамеша бавуҷудоварандаи равияву ҷараёнҳои тоза гаштаанд.

Ҳамон гуна, ки аз ахбори осоре чун «Хамсат-ул-мутаҳайирин»-и Алишер Навоӣ, «Мақомоти Мавлавӣ Ҷомӣ»-и Абдулвосеи Низомӣ, «Макорим-ул-ахлоқ»-и Хондамир, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайнуддин Маҳмуди Восифӣ ва ғ. бармеояд, дар таърихи адабиёти гузашта нишастҳои адабӣ бо тарзу равишҳои хосса вуҷуд доштаанд ва аҳли адабро ба ҳам меовардаанд. Дар ин гуна нишастҳо натанҳо хондани шеър, балки қазоват кардан болои он низ афзалият дошт.

Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишер Навоӣ, Аҳмади Дониш, Абдушшакури Оят, Садри Зиё ва чеҳраҳои дигар аз таъсисдиҳагндагон ва гардонандагони чунин маҳфилҳо буданд, ки ҳадисашон дар тазкираҳо то замони мо

расидааст. Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ аз маҳфили адабие, ки дар манзили Муҳаммад Аминхоҷа мутахаллис ба Эшон арзи вуҷуд дошт, ёдовар шуда менависад: «Чанде аз аҳли фазлу дониш ҷамъ омада, мунозира ва мушоира менамуданд ва мубоҳисаи ҳар навъ ашъор ва ҳикоёти рангин дар миён меафтода» [Возеҳ 1977, с. 230-231].

Ҳамин гуна як маҳфили муҳимми адабӣ дар хонаи Аҳмад-махдуми Дониш доир мегардид. Дӯстони наздики ин маорифпарвари маъруф «дар меҳмонхонаи вай ҷамъ мешуданд, вай дар суҳбати онҳо як қадар аз ғам фориғ мегашт ва чизе менавишт… Мирзо Ҳаит Саҳбо, аз фозилони замон Мулло Маҳмуд Симо, шоир ва муншӣ Мирзо Азими Сомӣ, шоири забардаст ва хуштабъ Савдо ва боз якчанд фозилони дигар ба меҳмонхонаи Аҳмади Дониш рафтуой доштанд ва мусоҳибони ӯ буданд» [Шакурӣ 2005, с. 82-83].

Шарифҷон-махдуми Садри Зиё низ аз номдорони асри худ буд, ки ҳамин гуна як маҳфили бузурги адабиро сарварӣ мекард. Дар он низ гуфтугӯ аз ҳастии маънавӣ, адабиёт ва шеър мерафт. Бисёре аз чеҳраҳои шинохтаи адабиёти тоҷик аз ҷумла устод Садриддин Айнӣ дастпарвари ҳамин маҳфил буданд. Аз ин ҷиҳат, устод Айнӣ ба Садри Зиё чун «аввалин тарбиятгари маънавӣ» баҳо додааст. Дар асоси маълумоти сарчашмаҳо дар ин маҳфил шеършиносон, шоирон, латифагӯён ва ширинкорон, шеър мехонданд, шеъри навэҷоди якдигарро нақду баррасӣ ва масъалаҳои умдаи замонро ба доираи таҳлил мегирифтанд.

Академик Муҳаммадҷон Шакурӣ роҷеъ ба ин масъала нигоштааст: «Бисёре аз адибон… аз ин «мактаби адабиёти давра» дарс омӯхтаанд. Бархе монанди Айнӣ, Мунзим, Ҳамдӣ бо ширкат дар маҷлисҳои адабӣ аз ин «мактаби адабиёти замон» бевосита таълим гирифтаанд…» [Шакурӣ 2005, с. 14].

Дар хонаи падари Садри Зиё Абдушшакури Оят низ чунин як маҳфили бонуфуз арзи ҳастӣ мекард: «Абдушакури Оят ҳам дар хонаи худ маҷлиси шуаро барпо мекардааст, ки дар он адибони пешқадами замон иштирок

мекардаанд. Садри Зиё дар ибтидои асри XX дар маҳфилҳои адабии худ ҳамон равияи падарашро идома додааст» [Сиддиқов 1990, с. 21-22].

Ингуна падидаҳои ҳунарӣ ва маҳфилҳои бузурги адабӣ то оғози асри XX аз тарафи адибон ва донишмандону мақомдороне чун Абдулаҳадхони Оҷизтахаллус, Абдулқодирхоҷаи Савдо ва ғ. низ дар чархиш буд. Абдулқодирхоҷаи Савдо дар дарбори амир маҳфиле дошт, ки худ маҳфилорои он буд: «Дар он айём, ки Савдо маҳфилорои маҷлиси Амир Абдулаҳадхон буд, ин як мисраъ беқасд ва аз ғайри ихтиёр ба забони амир ҷорӣ шуд, мисраъ ин аст:

Гуфтам, ки адам гашт вуҷудам зи ғами ту.

Савдо бадоҳатан гуфт:

Гуфто, ки киро ғам зи вуҷуду адами ту»

Амир писандид ва такмил фармуд. Савдо ба қуввати баланди табъ ва ҷавдати зеҳн дар ин маҷлис бақияи онро иншод фармуд [Зиё 1380ҳ, с. 308].

Таъсис ва фаъолияти маҳфилҳои адабӣ, ки дар ривоҷу равнақи адабиёт ҳамеша саҳм доштаанд, дар замони мо низ бо шаклу равишҳои хосса арзи ҳастӣ кардаанд ва садҳо чеҳраҳои номдору шинохтаи майдони суханро тарбият намудаанд.

Ташаккули шахсияти адабӣ ва иҷтимоии Ғоиб Сафарзода (1940-1972) низ ба ҳамин гуна маҳфилҳои адабӣ, шиносоии ӯ бо чеҳраҳои шинохтаи адабиёт ва осори онҳо сахт бастагӣ дорад.

Дар миёни маҳфилҳои адабии бонуфузи донишгоҳӣ маҳфили адабии «Адибони ҷавон»-и Институти педагогии ба номи Шевченко (ҳозира Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ) мақоми хосса дошт. Ғоиб Сафарзода тарбиятдидаи ҳамин маҳфили адабист, ки дар қатори ҳамсафонаш баъдҳо тавонист бо андешаҳои тоза ва ҷусторҳои эҷодии хеш номашро дар радифи насли ҷавони солҳои 60-70 дар саҳифаҳои адабиёти муосири тоҷик сабт намояд.

Роҳбари маҳфили «Адибони ҷавон»-и донишкада Тилло Пӯлодӣ пайваста талош менамудааст, шоирону нависандагони баркамолро меҳмони он маҳфил гардонад ва дастовардҳои навқаламонро мавриди баррасӣ қарор бидиҳад. Мавсуф ин анъанаро дар маҳфили «Адибони ҷавон»-и донишкада то дер идома дода, барои адибони навроҳу навқалам роҳи васеътареро ба сӯйи адабиёт боз менамудааст.

Ғоиб Сафарзода маҳз дар ҳамин маҳфил аз марҳилаи аввали шеъргӯӣ, ки ағлаби шеърҳояш камтар бори маънӣ мекашиданд, гузашта, ба гуфтани шеъри замону зиндагӣ мепардозад ва ба мавзуъҳои муҳимми ҳаётӣ даст мезанад. Ҳамон тавре ки Шоҳайдар Ёдгорӣ менависад: «ӯ ин ҷо аз омӯзгорони бофазлу маърифат илму дониш ва дарси шеъру адаб омӯхт. Дар базмҳои шеъру шоирӣ натанҳо фаъолона ширкат варзид, балки худ бо устодони донишманду пуртаҷриба сарварии маҳфилҳои адабиро ба уҳда дошт. Аз солҳои аввал истеъдоди хуб доштанашро зоҳир намуд» [Сафарзода 2003, (а) с. 7].

Агар, аз як тараф, тарбияи адибони ҷавон дар маҳфилҳои адабии донишгоҳӣ дар як доираи нисбатан маҳдудтаре сурат мегирифт, аз тарафи дигар, интишори рӯзномаҳои донишгоҳӣ ногузир барои шиносонидани чеҳра ва осори онҳо ба доираҳои васеътари адабӣ хидмат мекард. Навқаламон маҳз ба воситаи чопи осори шогирдонаи худ дар рӯзнома ва маҷаллаҳо барои аҳли адаб, бахусус мунаққидон, ошно мегардиданд ва баҳои сазовори худро аз ҷониби соҳибназарон мегирифтанд, ки ин дар ташаккули минбаъдаи эҷодии онҳо нақши бузург дошт. Ҳамин навъ як рӯзнома дар Донишкадаи давлатии омӯзгории Тоҷикистон низ таҳти унвони «Педагоги ҷавон» интишор меёфт ва дар саҳифаҳои он намунаҳои осори адибони ҷавон, ки узви маҳфили «Адибони ҷавон»-и донишкада буданд, интишор мегардиданд. Аҳли адаб бо аввалин навиштаҳои Ғоиб Сафарзода ба воситаи ҳамин рӯзнома ошно шудаанд. Истеъдоди фитрии ӯ барои аҳли адаб ба воситаи ҳамин ҷаридаи адабӣ маълум гардида буд, ки солҳои баъд шеърҳояшро ҳафтаномаҳои

«Тоҷикистони советӣ», «Маориф ва маданият», маҷаллаи «Садои Шарқ» ва ғайра пазируфта, дастраси хонандагон ва дастандаркорони соҳаи нақди адабӣ гардониданд.

Ин ҷавонон, ки дар ҳар кунҷу канори шаҳр ба ҳам меомаданд, мавзуи шеъру адабиётро ба миён мекашиданд. Юсуф Акбаров дар мақолаи «Ӯ меваи нахли орзу ночида» раванди фаъолияти эҷодии Ғоиб Сафарзода ва часпу талошҳои ӯ ва дигар ҳаммаслаконашро, ки дар оғози роҳи эҷодиашон мушоҳида намудааст, хеле хубу дақиқ арзёбӣ мекунад: «Ман он солҳо қариб дар ҷамеи маҳфилу базмҳои онон ширкат доштам ва шоҳиди он будам, ки ин ҷавонон чӣ қадар талошу такопӯ, ҷустуҷӯ, ҷидду ҷаҳд, ҷандалаи тозакорию тозанигорӣ дар шеър, чашмандози фароху амиқе ба зиндагӣ доштанд... Дар маҳфилу ғундомадҳои расмию хоса бештар баҳс сари маводу маншаъ ва муҳтавои шеъри асил, чораи наҷот ёфтан аз шеъри урёну бенаво ва умумию берабт мерафт» [Раҷабӣ 2015, с. 14 – 44].

Табиист, ки адибони муваффақу тавоно ба майдони адабиёт, пеш аз ҳама, бо шахсияти адабии худ, бо мавзуъ ва идеяи худ, бо услуб ва асбобу афзори ҳунарии худ ворид мешаванд. Ин давраҳои гузариш бевосита заминае барои шинохта шудани онҳо ҳамчун шахсияти адабӣ маҳсуб мешуд. Агар дар ташаккул ва шиносонидани Ғоиб Сафарзода ҳамчун адиби ҷавон маҳфили адабии «Адибони ҷавон»-и донишкада, рӯзномаи «Педагоги ҷавон» (ҳоло «Омӯзгори ҷавон»), нақди адабӣ, маслиҳату роҳнамоии устодон ва баҳсу мунозираҳои ҳамсафонаш нақши арзанда гузошта бошанд, пайваста дар суҳбати устодони баркамоли назму насри муосири тоҷик будан ва роҳу равиши зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии онҳоро омӯхтанаш бевосита мактаби адабии бузурги дигаре буд, ки ӯро ҳамчун шахсияти хештаншиносу инсондӯст ва дӯстдори фарҳангу адаб шиносонида, осорашро ташаккул ва инкишоф дод. Замоне ки Ғоиб Сафарзода ҳамчун иҷоранишин дар хонаи Ҷалол Икромӣ ба сар мебурд, албатта, аз суҳбати омӯзандаи ин чеҳраи намоёни адабӣ бебаҳра намонда буд. Аз суҳбати устод Мирзо Турсунзода

бархӯрдор шудану масъалаҳои ҳаррӯзаи ҳаёти адабию фарҳангӣ ва бурду бохти адабиётро аз ӯ шунидан барои ҳар як адиби ҷавони он солҳо ғизои маънавӣ барои ташаккули шахсияти адабӣ ва фардии ӯ маҳсуб мешуд. Мукотибаҳои Соҳиб Табаров бо адибони ҷавони солҳои 60-70, ки пайваста онҳоро дар ҷараён қарор медод, барои Ғоиб Сафарзода низ як мактаби бузурги омӯзиш ба шумор мерафт. Бешубҳа, як омили ба танқиди адабӣ рӯ овардани Ғоиб Сафарзода муносибату вохӯриҳо ва мукотибаҳои ӯ бо Соҳиб Табаров мебошад. Ба ҳар навъе, Ғоиб Сафарзода аз ин неъматҳо баҳравар буд ва озодона фикру андешаҳояшро дар ҳузури чунин устодон баён мекард.

Заминаи дигаре, ки адибони ҷавони солҳои 60-70-ро ҳамчун шахсиятҳои адабӣ ба майдони адабиёт меовард, додани имтиёз барои баромад кардан дар маҳфилу маъракаҳои бузурги илмию фарҳангӣ ва фиристоданашон ба сафарҳои дарозмуддати хидматӣ дар ҳудуди кишвар ва берун аз он буд.

Аз ин нигоҳ, хидмати рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» дар ташаккули шахсияти адабии Ғоиб Сафарзода басо бузург арзёбӣ мешавад. Мавсуф дар тӯли фаъолияти 10-солааш дар рӯзнома сафарҳои хидматии зиёде дар Тоҷикистон, ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шуравӣ ва хориҷ аз он ба сомон расонида, дар чорабиниҳои муҳимми фарҳангию адабӣ ширкат намудааст, ки албатта, барои пешрафт ва ташаккули шахсияти адабии ӯ бетаъсир намемонд. Соли 1963 Ғоиб Сафарзода ба Самарқанд сафар карда, ин диёри нозанинро дар ду шеъри худ васф менамояд. Зиёрати қадамгоҳи бузургон ва дидани мавзеъҳои таърихии ниёгон ҳисси худшиносии ӯро афзуд. Бо номи «Зиёратгоҳ» шеъреро иншо намудани ӯ баъди сафар ба водии Зарафшон ва зиёрати мақбараи устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ далели дилбастагии ӯ ба адабиёт ва бузургони оламшумули он мебошад.

Ғоиб Сафарзода дар баробари сафар ба ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шуравӣ ва сафарҳои зиёди хидматии худ дар дохили Тоҷикистон соли 1967 берун аз хоки СССР як маротиба сафари хидматӣ намудааст. Ин сафар соли 1967 ба

кишвари Булғория сурат гирифтааст, ки шоир таассуроти худро дар ин бора баъдан дар сафарномае бо номи «Сайри кишвари Булғор» ва як қатор шеърҳояш соли 1969 интишор додааст. 24-уми июли соли 1971 ӯ дар рӯзҳои баррасии назми шоирони ҷавони тоҷик дар шаҳри Маскав низ иштирок менамояд. Ин чорабинӣ бахшида ба съезди V нависандагони СССР баргузор гардида, дар ҳаёт ва эҷодиёти ӯ бетаъсир намондааст. Дар вақти дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» кор карданаш Ғоиб Сафарзода борҳо ба ҳайси як адиб дар чорабиниҳои муҳимми адабию фарҳангӣ ширкат намуда, чун як намояндаи фарҳангу адабиёт миёни мардум суханронӣ кардааст.

Албатта, дар баробари ба кор шуруъ намудан дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» масъулияти Ғоиб Сафарзода бештар мешавад. Аммо Ғоиб Сафарзода бо вуҷуди ин шеърро раҳо накарда, балки бо тамоми ҷаҳду талош кӯшиш менамояд, ки барои адабиёт ҳамчун шоир хидмат бикунад. Аз ин ҷост, ки ӯро чун намояндаи назми солҳои 60-70 уми адабиёти тоҷик ба некӣ ном мебаранд: «… Баробари ба арсаи адабиёт омадани як зумра шоирони ҷавон, аз қабили Муъмин Қаноат, Убайд Раҷаб, Қутбӣ Киром, Лоиқ Шералӣ, Ғоиб Сафарзода, Гулназар Келдӣ ва дигарон дар назм қувваҳои наве пайдо шуданд ва онҳо ба туфайли ҷустуҷӯйҳои ҷавониашон тавонистанд ба назм руҳи навоварӣ бахшанд» [Акбаров 1977, с. 183 – 224].

Ғоиб Сафарзода дар баробари он ки шеърҳояшро пайваста дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» чоп мекунонд, инчунин, навиштани мақолаҳои адабиётшиносию нақди адабӣ очерку мақолаҳои публитсистиро низ дар мадди назар дошт. Борҳо ӯ шеъри яксолаи дар рӯзномаҳо чопгардидаро бо ҳавсала барои ҷамъбасти солона баррасӣ намуда, манзури хонанда гардондааст.

Имтиёзи дигар барои Ғоиб Сафарзода, тарҷума ва нашри шеърҳои адибони гуногунмиллати Иттиҳоди Шӯравӣ ба муносибати ин ё он ҷашн ва ё солрӯзи шахсиятҳои адабӣ дар рӯзнома буд. Ин раванд баъдҳо фаъолияти тарҷумонии Ғоиб Сафарзодаро густариш дода, ӯро ҳамчун як адиби

тарҷумон миёни аҳли адаб муаррифӣ намуд ва боиси дӯстӣ ва қаробати ӯ бо адибони дигар қавму миллатҳо гардид, ки роҷеъ ба ин масъала дар фасли баъдӣ руҷуи муфассал сурат мегирад.

Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки ташаккули шахсияти адабӣ пеш аз ҳама бо пайвастан ба маҳфилҳо ва доираҳои бузурги адабӣ ва чопи осор дар рӯзномаю маҷаллаҳои бонуфуз ҷиҳати шиносонидани худ ба аҳли адаб сурат мегирад. Баромад дар маҳфилу минбарҳо, шиносоӣ бо адибони баркамол ва фарогирии таҷрибаи мактаби адабии онҳо, пайваста қонеъ набудан аз худ ва талош намудан барои боз ҳам баландтар бурдани завқи худ роҳи муфиди ташаккули шахсияти адиб мебошад. Ин роҳу усулҳо ва мактабҳои бузурги адабӣ барои шоир одамият, рисолати адабӣ доштан, мардумӣ будан ва барои мардум гуфтанро омӯхтаанд. Ҳар як заминаю мактаби омӯзише, ки ин ҷо ишора гардид, дар ташаккули шахсияти адабии шоир нақши бориз ва арзанда доранд. Мутаассифона, ба ин адиби ҷавону пуркор, ки акнун ба зинаи камолоти ҳунарӣ қадам мегузошт, умр вафо накард, то дар роҳи эҷод бештар аз пештар қадами устувор гузорад. Бо вуҷуди ин, дар як муддати ками фаъолияти илмию адабӣ ва публитсистиаш тавонист осори зиёдеро барои хонандагон боқӣ гузорад, ки то имрӯз мақоми ӯро чун адиб дар адабиёти солҳои 60-70 ҳифз мекунанд.

## 2.2. Тарҷума – омили такомули маҳорати эҷодии Ғоиб Сафарзода

Тарҷимаи бадеӣ яке аз омилҳои бой гардонидани адабиёти қавму миллатҳои гуногун буда, устувории робитаҳои адабиро миёни қавмҳо таъмин менамояд. Адабиёти ҳар миллат дар баробари рушду такомули ҳамаҷонибаи худ ниёз ба тарҷимаи осори бадеӣ аз осори дигар қавму миллатҳоро ҳамеша доштааст. Маҳз ба воситаи тарҷимаи бадеӣ хонандаи як қавм бо осори бузургони ҷаҳон ошно гардида, аз мактаби эҷодии онҳо бохабар мешавад. Ҳамон навъе, ки Раҳим Ҳошим ва Ҳабиб Аҳрорӣ дар мақолаи худ бахшида ба тарҷима намвиштаанд; «...шиносоӣ бо санъат ва адабиёти ягон халқ ба мо дар бораи тарзи зиндагонии он тасаввури комилтаре мебахшад. Адабиёти бадеӣ инсонро дар пеши назари мо бо тамоми хислатҳояш таҷассум мекунонад ва мо ба воситаи шиносо шудан ба намояндагони ҷудогонаи халқе умуман дар бораи он халқ, миллат тасаввурот пайдо карда метавонем. Чун донистани ҳамаи забонҳо барои як кас муяссар нест, бинобар он ягона воситаи омӯхтани адабиёти халқҳои дигар тарҷимаи бадеӣ мебошад [Аҳрорӣ 1962, с. 129-144].

Гузашта аз ин, тарҷима як мактаби эҷодии бузургест, ки дар ташаккул ва такомули эҷодиёти шоиру нависандагон таъсири бевоситаи худро мегузорад. Адибон ба воситаи тарҷима метавонанд диди бадеӣ ва ҳунарии адибони пешрафтаву оламшумулро омӯхта, ба воситаи он дар эҷодиёти хеш ба гардишҳои наву тозаи ҳунарӣ дастёб гарданд.

Албатта, мактаби бузурги тарҷумонии замони шуравӣ барои адибони солҳои 60-70 бетаъсир намонд. Дар ин замина агар, аз як тараф, ба тарҷима ва чопи осори бузургони ҷаҳон тарҷумонҳои касбӣ ва ҳирфаӣ даст зада бошанд, аз тарафи дигар, адибон низ шуруъ ба ин кор карда буданд. Як омили даст задани шоиру нависандагон ба ин кор агар ниёзмандии ҷомеа ва рушди пайвастаи ин касб дар он замон маҳсуб мешуд, омили дигараш бевосита ниёзмандии бештари худи онҳо ба тарҷимаи дурусту созгор буд. Яъне қонеъ набудан аз кори тарҷумонҳо, ки дар тарҷимаи шеър ва ё ягон асари бадеӣ

самимияту назокат ва нафосати онро шояд ба андозаи лозим рӯи коғаз рехта наметавонистанд, адибонро маҷбур мекард, дар баробари эҷоди асарҳои бузузургҳаҷм, асарҳои калонҳаҷми адибони дигар қавму миллатҳоро тарҷима намоянд. «Ба мо тарҷумонҳои насрнавис ва тарҷумонҳои шоир лозиманд»,- гуфтани муаллифони мақолаи «Кори эҷодӣ ё як навъ касби оддӣ?» [Аҳрорӣ 1962] ҳануз дар соли 1962 ҳамин маъниро дорад. Гузашта аз ин, баргузории даҳаҳои адабиёти қавму миллатҳои гуногун дар Тоҷикистон адибон ва рӯзноманигоронро маҷбур месохт, ки рӯ ба тарҷимаи пораҳои осори адибони ин қавму миллатҳо биёранд. Ағлаби тарҷимаҳои Ғоиб Сафарзода, ки дар «Тоҷикистони советӣ» кору фаъолият дошт, ба ҳамин паҳлуи масъала бастагии амиқ доранд.

Аз тарафи дигар, тарҷимаи осори адабиву дӯстии самимона миёни адибони давлатҳои гуногун аз сафарҳои хидмативу ҷаҳонгардии онҳо маншаъ мегирифт. Адибони мо борҳо ба ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва ҳатто берун аз ин ба ғарбу шарқи дур сафар карда, бо аҳли адабу фарҳанги он кишварҳо дӯстӣ пайдо намудаанд, осори якдигарро бо забони миллати худ баргардондаанд, садҳо мактубҳои дустонаву бародарона, ки аз бештарашон метавон раванди амиқи робитаҳои адабиро муайян намуд, барои якдигар ирсол кардаанд. Бинобар ин, намешавад ин паҳлӯи масъаларо дар ҳаёти Ғоиб Сафарзода барин як шоири тавонову пуркор, ки дар навбати худ шеъри шоирони гуногунмиллатро ба забони тоҷикӣ баргардон намудааст, нодида бигирем. Ғоиб Сафарзода бисёре аз шеърҳои шоирони рус, арман, белорус, озар, ӯзбек ва ғайра, чанде аз шеърҳои шоирони гузашта ва имрӯзаи гуногунмиллатро ба тоҷикӣ тарҷима намудааст. Дар баробари эҷоди шеъри ғанӣ, «Ғоиб Сафарзода маҳорату истеъдод ва табъу завқи баланди тарҷумонӣ ҳам дошт. Ӯ тақрибан аз нимаи дуввуми солҳои шастум (ба тарҷима – М.Ҳ) даст задааст...» [Сафарзода 2003, (а), с. 20].

Ҳар як тарҷумон равияи эҷодӣ ва услуби хоси худро дорад. Яке бо роҳи тарҷимаи таҳтуллафзӣ асарро дастраси хонандагон мегардонад, дигаре бо

роҳи тарҷимаи бадеӣ. Агар аз як тараф рӯ овардан ба тарҷимаи таҳтуллафзӣ нигоҳ доштани хусусиятҳои забон, баён ва руҳи асари тарҷимашаванда бошад, аз тарафи дигар, пӯшонда натавонистани либоси бадеӣ аз ҷониби тарҷумонҳои дастаи аввал маҳсуб мешавад. Аммо дар тарҷимаи бадеӣ гоҳо тарҷумонҳо ба қолабшиканиҳои чашмрас рӯ меоранд. То андозае, ки асари тарҷимашаванда ба табиати забони миллати тарҷумон созгор мегардад. Ҳатто руҳи миллии он қавмро ба худ мегирад. Шояд аз меъёри муқаррарӣ берун баровардани асари навиштаи адиби як миллат ба воситаи тарҷима ва онро ба рӯҳияи миллии худ мутобиқ кардани мутарҷим, ки атрофи он баҳсҳои зиёде мавҷуд аст, чандон кори дуруст набошад. Аммо як чиз мавриди зикр аст, ки асари тарҷимашуда моли адабиёти миллати тарҷимакарда маҳсуб мешавад. Ин андеша борҳо аз ҷониби соҳибназарон ва дастандаркорони соҳаи тарҷумонӣ мавриди дастгирӣ ва қобили қабул афтодааст. «Ҳар як асари хуби тарҷимавӣ ба адабиёти ҳамон халқе, ки асар ба забони вай тарҷима шудааст, дохил мегардад... адабиёти тарҷимавӣ як қисми адабиёти миллист» [Аҳрорӣ 1962, с. 129-144].

Масъалаи дигаре, ки дар он солҳо боиси ташвиши бештаре аз донишмандон ва пажӯҳандагони адабиёти тарҷимавӣ ва фаъолияти тарҷумонҳо шудааст, надонистани забони асари тарҷимашаванда аз ҷониби мутарҷимон буд. Абдурашид Самадов дар китоби худ «Шигардҳои тарҷима» вобаста ба ин паҳлуи масъала бо афсӯс менависад:

«Мутаасифона, тарҷумонҳое ҳастанд, ки бо асари мавриди назар пурра ошно нашуда, муҳити эҷодии онро ба назар нагирифта, таъриху анъанот, расму оин, урфу одат, забону фарҳанги миллати муаллифи асарро наомӯхта, фавран ба тарҷима даст мезананд» [Самадов 2016, с. 70].

Ин андеша бо назардошти қонуниятҳои тарҷима ва рисолати тарҷумонӣ воқеияти маҳзест, ки вазъи тарҷимаи он замонро инъикос менамояд. Аммо дар мавриди тарҷимаи солҳои 70-80-уми асри гузашта баъзе омилҳоеро ҳам бояд ба инобат гирифт, ки боиси хомии кори тарҷумонҳо

шудааст. Он солҳо  забони давлати шӯравӣ барои ҳамаи қавму миллатҳо як буд ва тамоми осори тарҷимашаванда пеш аз ҳама ба забони русӣ тарҷимаи таҳтулафзӣ мегардидан. Аксарияти онҳо, албатта, бо дасти худи адибони қавмҳои гуногун ба забони русӣ баргардон мешуданд, табиист, ки муаллифон талош менамуданд, то рӯҳияи миллии асари худро бо тамоми ҷузъиёташ тарҷимаи бадеӣ ё таҳтулафзӣ намоянд. Аз ин рӯ бештари тарҷумонҳо ба ҳамин гуна як маводи тайёр қаноат мекарданд. Воқеан, дар солҳои  60-80-ум кам тарҷумонҳоеро доштем, ки ба урфу одат ва расму оини як қавми дигар ошноии комил дошта бошанд ва асари он қавмро бевосита аз забони асл тарҷима намуда бошанд. Мутахасисони ин соҳа ҳануз барои тарҷимаи саривақтии осори қавму миллатҳое, ки даҳаҳои адабиёташон дар Тоҷикистон пайиҳам баргузор мегардид,  басанда набуданд. Аз тарафи дигар, аксарияти онҳо асари тарҷимашударо ҷомаи бадеият, ба он андоза, ки барои хонандаи хушзавқи тоҷик зарур буд, пӯшонда наметавонистанд. Кори аксарияти онҳо сарсарӣ ва интихобашон дар бештари мавридҳо дорои заъфу камбудҳои чашмрас буд. Муносиб ба ин паҳлуи масъала назари Ҳабиб Аҳрорӣ ва Раҳим Ҳошим, ки баъди баргузории конфренсияи моҳи декабри соли 1961 дар Қирғизистон оид ба масъалаҳои тарҷимаи адабиёти бадеӣ дар мақолаи худ таҳти унвони «Кори эҷодӣ ё як навъ касби оддӣ?» бахшида ба вазъи тарҷимаи кишвари Тоҷикистон баён доштаанд, ҷолиби диққат аст:

«...сифату қиммати асарро ба эътибор нагирифта, безавқ интихоб кардани асарҳои тарҷимашаванда, ба қадри даркорӣ аҳмият надодан ба интихоби тарҷимаҳо, набудани ғамхории дуруст дар тайёр кардани кадрҳо, бо масъалаҳои тарҷима машғул нашудани танқиди адабӣ, ба ин кор ба қадри кифоя назорат накардани аҳли адбиёт аз ҷумлаи камбудиҳои калони ин соҳа мебошад...

Набудани диққати умумӣ ва бепарвоии баъзе рафиқон нисбат ба кори тарҷима яке аз сабабҳои асосии ин камбудиҳост» [Аҳрорӣ 1962, с. 129-144].

Ба назар чунин мерасад, ки аксари ин камбудиҳо аз нарасидани тарҷумонҳои касбӣ ва даст задани касони тасодуфӣ ба кори тарҷумонӣ сар мезаданд. Бино бар ин рӯ овардани шоирону нависандагон ба тарҷимаи бадеӣ дар ин замони хеле пуртуғён қобили эътроф ва дастгирист. Аз онҳо дар чунин вазъ ҳатто талаби тарҷумонии касбӣ кардан бо фарогирии тамоми қонуниятҳои тарҷимаи бадеӣ ҳам чандон мувофиқ намеояд. Мо ба ин андеша ҳам нестем, ки қоидаву қонуни тарҷима аз тарафи мутарҷим поймол шаваду риоя нагардад. Албатта, дар тарҷимаи асарҳои бадеӣ қоидаву қонунҳое мавҷуданд, ки риояи онҳо амри зарурист. Аммо вақте ки масъала ба солҳои 60-70-уми асри гузашта дака мехӯрад, ҳамеша вазъи иҷтимоии он замон дар мадди аввал гузошта мешавад. Ба хусус фаъолияти тарҷумонии Ғоиб Сафарзодаро, ки чандон умри тулонӣ надидааст ва тарҷимаҳои зиёд ҳам накардааст ва ниҳоят барои ӯ касби тарҷумонӣ дар ин роҳи пуршебу фароз қадамҳои нахустин маҳсуб мешудааст, наметавонем бо риоя нашудани баъзе назокатҳои тарҷумонӣ маҳкум намоем ва тарҷимаҳои ӯ ва даҳҳо адиби дигаре чун ӯро нодида бигирем.

Албата, аксарияти адибони он замон дар оғози фаъолияти хеш тарҷумонҳои касбӣ набуданд, ба андозаи донишу биниши хеш тавонистаанд осори як қатор адибони гуногунмиллатро тарҷима намоянд ва дар баробари ин вижагиҳои асари тарҷимашавандаро дар тарҷимаи хеш нигоҳ доранд. Ғоиб Сафарзода низ аз ҳамин даста аст, ки то андозае тавонистааст ҳаққи амонатро дар тарҷимаи асар нигоҳ дорад.

Ҳамон навъе ки қаблан ишора шуд, барои Ғоиб Сафарзода ва дигар ҳаммаслакони ӯ, умуман аҳли илму адаб, муҳимтарин роҳу воситаи огоҳӣ, омӯзиш ва баҳрабардорӣ аз афкори адабии халқҳои дигар тарҷимаи бадеӣ маҳсуб мешуд. Ҳамчунон ки имрӯз ниёзмандони тарҷимаи осори адибони гуногунзабон зиёд аст. Дар солҳои 60-70-ум дар Тоҷикистон адиб ва ё шоиреро наметавон пайдо кард, ки аз осори суханварони маъруфи ҷаҳон шеъру достон, ҳикояву қиссаву роман тарҷима накарда бошад. Дар солҳои

60-70-уми асри XX тарҷимаи адабиёти муосири тоҷик  ба забони русӣ ва баръакси он афзоиш ёфт. Дар ин давра шеъри дастаҷамъона ва дар алоҳидагӣ тарҷимашудаи шоирони тоҷик дастраси алоқамандони русзабон гардида, ин раванд бештар вусъат гирифтааст. Як қатор шеърҳои Ғоиб Сафарзода низ ба забони рӯсӣ тарҷима шуда, дастраси хонандагони русзабон гардидаанд. Тарҷимаи шеъри шоирони дигар кишварҳо ба забони тоҷикӣ низ аз тарафи Ғоиб Сафарзода, дар қатори заҳмати дигар адибон, як раванди фаъолияти эҷодии ӯ маҳсуб мешавад.

Ӯ дар давоми фаъолияти худ асарҳои бисёре аз адибони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва дигар кишварҳоро ба забони тоҷикӣ баргардонида, манзури хонандагони сершумор кардааст. Дар маҷмӯаи «Мероси ҷавонӣ» ва «Мунтахабот»-и Ғоиб Сафарзода аксарияти тарҷимаҳои ӯ интишор гардидаанд. Гузашта аз ин, қисме аз тарҷимаҳои ӯ дар рӯзномаҳои даврӣ ва маҷаллаҳо боқӣ монда, ба китобҳояш дохил нагардидаанд. Зикри ин нуқта ҳам муҳим аст, ки Ғоиб Сафарзода дар баробари тарҷимаи шеър гоҳ гоҳе матлабҳои адабиётшиносӣ ва публитсистиро низ аз осори адибони миллатҳои гуногун тарҷима мекардааст. Ҳарчанд мушаххасан аз ин даст тарҷимаҳои ӯро дар даст надорем, аммо ду матлаби тарҷимавиеро, ки дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» чоп шудаанд ва ба ӯ мансуб дониста мешаванд, метавонем ном барем.

Соли 1969 дар шумораҳои 19 ва 20-уми сентябр дар рӯзномаи мазкур ду матлаб чоп шудааст, ки тарҷумони онҳо дар каталоги Библиографиаи миллӣ Ғоиб Сафарзода дониста мешавад, аммо дар рӯзнома зери матлабҳо номи мутарҷим мавҷуд нест. Ҳарду мақола ба муносибати рӯзҳои адабиёт ва санъати Литвия дар тоҷикистон тарҷима ва чоп шудаанд.

Намунаҳои тарҷимаи Ғоиб Сафарзода аз осори шоирони бузурги гуногунмиллат Н.А. Некрасов, Н. Тихонов, Я. Смеляков, А. Сурков, М. Румиянтсева, Хориваншрай Бачан (Ҳинд), Шелли (англис), Маҳмуд аш-Шнабӣ (Миср), Давид Диоп (Сенегал) ва дигар адибони адабиёти ҷаҳон буда,

арзиши хуби адабӣ ва бадеӣ доранд. Ғоиб Сафарзода «... ба тарҷимаи осори адиби арман Сайёди Наво ва шоири озар Набии Хазрӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир кардааст» [Сафарзода 2003, (а) с. 20].

Ғоиб Сафарзода дар тарҷимаи шеърҳои Саёди Наво кӯшидааст, ки на фақат мазмуну ғоя, балки дар баробари ин, онҳоро бо қонуниятҳои навъи шеъри тоҷикӣ созгор намуда, ба вазну қофияҳои онҳо эътибор бидиҳад. Шеърҳои «Шиорам ин бувад дар зиндагӣ», «Ишқи ёри ман», «Бе ту кай гирам нафас», «Ба ёдат», «Арзи вуҷуд», «Дур нест» , «Аё булбул», «Ашк аз дида меборам» тарҷимаҳое мебошанд, ки мутарҷим ба онҳо рӯҳу қолаби шеъри суннатии тоҷикиро ворид намудааст. Ҳатто дар бисёре аз онҳо ҳусни мақтаъро риоя намуда, номи шоирро чун тахаллус, ки хоси шеъри суннатии тоҷик мебошад, зикр мекунад. Кор гирифтан аз ин навъи тарҷима дар адабиёти мо аз ҷониби аҳли назар эътироф гардидааст. Бисёриҳо ба ин андешаанд, ки тарҷумони асари бадеӣ танҳо вақте дар кори худ муваффақ мегардад, ки тарҷимаи ӯро хонандагони ҳаммиллаташ хонда дарк намоянд ва ҳамчун асари миллии хеш бипазиранд. Масалан, ин шеъри тарҷиманамудаи Ғоиб Сафарзодаро ҳамчун намунаи дорои чунин хусусиятҳо гувоҳ меорем:

Бе ту кай гирам нафас, чун ту маро ҷонпарварӣ,
Баҳри ман оби ҳаётӣ, оби ҳавзи Кавсарӣ.
Дар биёбони ғамат чун соябонам бар сарӣ,
Илтиҷо, кардам гунохе, аз гуноҳам бигзарӣ.

Мекашам бори ғамат бар дӯш, ёри сангдил,
Оҳ, Маҷнунам, сиришкам меравад чун рӯди Нил,
Боғи сабзу хуррамӣ, бигзор аз пушти сафил
Сӯйи ту парвоз бинмоям, аё ҳуру парӣ.

Сархушам аз ишқу дил аз ёди ту осуда аст,
Фориғ аз ғамҳои дигар, аз ту ғам афзудааст,

Бо чи ташбеҳат кунам, гуфтам ки ҳарчи будааст,
Умрро дар зиндагонӣ афсарӣ, болу парӣ.

Лаҳзае аз суҳбати худ хотирамро шод кун,
Манбаи нурӣ, диламро офтобобод кун,
Эй шаҳи гулҳо, тараҳҳум; ёд аз Сайёд кун,
Аз бароям савсану райҳону садбарги тарӣ

[Сафарзода 2003, (а) с. 202].

Дар ин шеъри Сайёди Наво, ки Ғоиб Сафарзода онро хеле мушаххасу гӯётарҷима кардааст, дар баробари чун ҳусни мақтаъ бо овардани номи муаллиф боз вижагиҳои дигари шеъри суннатиро метавонем дарёбем. Гузашта аз ин, бадеият ва риояи санъатҳои бадеӣ дар он шеърро аз мизони манзума будан берун овардааст. Шакли шеър мурабаъ (дар луғат чаҳоргӯша, чаҳортарафаро гӯянд) мебошад, ки аз авал то охир дар як вазн ва бо шакли қофиябандии аааа, ббба, ггга суруда шудааст. Дар банди охири чунин шакли шеърӣ гоҳо шоир ҳаққи истифодаи тахаллусро дорад. Масалан, ба ин ду пора аз намунаи мурабаъи Абдураҳмони Ҷомӣ таваҷҷуҳ мекунем:

...Гаҳ аз дил нола бар гардун расонам,
Гаҳе аз дида сели хун фишонам,
Чу донӣ ошкорову ниҳонам,
Зи ҳоли ман чунин ғофил чароӣ?

Бирав, Ҷомӣ, ба сӯзу дард месоз,
Макун чун буд ҳардам нола оғоз,
Касе, к-у монад аз дилдори худ боз,
Зи дарду ғам куҷо ёбад раҳоӣ? [Шарифов 2005, с. 128].

Дар бештари шеърҳои тарҷиманамудаи Ғоиб Сафарзода аз осори Сайёди Наво сарфи назар аз он, ки бо риояи қоидаҳои шеъри суннатӣ

тарҷима шудаанд, ҳолу ҳаво ва мақсади муаллифи аслии асар нигоҳ дошта шуда, равшан баён мегардад:

Ту, Сайёд, оқилона зиндагӣ кун,
Ки ҳаст ин зиндагӣ чун кафки собун.
Навозиш кун ғарибони ҷигархун,
Дару девори худро кун парастиш [Сафарзода 2003, (а), 208].

Дар шеъри мазкур, пеш аз ҳама афзалияти рӯҳияи некбинона бар яъсу навмедӣ инъикос гардидааст, ки онро метавон ҳамчун ҳадафи ниҳоии гӯяндаи шеър донист. Гузашта аз ин тарҷимаи таркиби муаллифи шеър «мылыйь пузи» бо ибораи «кафки собун» руҳияи шеъри тарҷимашударо нигоҳ доштааст. Албатта, зиндагиро маҳз ба «кафки собун» ташбеҳ додан дар адабиёти мо ба чашм намерасад, вале ин барои Ғоиб Сафарзода як бозёфти тозест, ки минбаъд худи ӯ ва ё дигар шоирон метавонистанд ин ташбеҳро ҳамчун моли адабиёти худ истифода баранд. Аз ин даст намунаҳои ҷолиби диққат дар тарҷимаҳои ӯ фаровон дида мешаванд, ки мутарҷим кӯшидааст, ҳаққи амонатро дар онҳо нигоҳ дорад. Масалан, дар ин шеъри дигари Сайёди Наво мутарҷим метавонист ба ҷои «наъли тиллогуни кафш» ягон гузинаи тоҷиконаеро бигузорад, аммо ба хотири нигоҳ доштани муҳтаво, руҳия, ва ҳадафи ниҳоии муаллифи шеър наметавонист ин корро бикунад:

Ӯ қадам дар боғ танҳо бо таманно мегузошт,
Наъли тиллогуни кафшаш нақши зебо мегузошт.

Тарҷимаи шеърҳои Сайёди Наво (шоири арман) ва Набии Хазрӣ (шоири озар)-ро метавон камолоти тарҷумонии Ғоиб Сафарзода муаррифӣ намуд. Зеро бармало мушоҳида мешавад, ки аксарияти шеърҳои тарҷиманамудаи Ғоиб Сафарзода бо дархости бевоситаи редаксияи рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» ба муносибати солҷашни адибони гуногунмиллат ва ё баргузории даҳаҳои адбиёти он қавму миллатҳо дар Тоҷикистон сурат гирифтаанд. Масалан, Ғоиб Сафарзода шеъри «Ҳарфи бародари ту-Қазоқ»-ро, ки муаллифаш шоири қазоқ Музаффар Алибоев мебошад, ба муносибати

100-солагии рӯзи таваллуди Ленин тарҷима кардааст, ки мавзуи он васфи доҳӣ мебошад. 17-уми январи соли 1970 рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» вижаномаи худро ба ин муносибат интишор дода, табиист, ки аз кормандони худ чунин талабро кардааст [Сафарзода 1970, №13, с. 6].

Ва ё шеъри «Модар»-и Ярослав Смеляковро мутарҷим ба муносибати даҳаи маданияти рус дар Тоҷикистон тарҷима намуда, 7-уми апрели 1967 дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» чоп намудааст [Сафарзода 1967, №81, с. 4]. Шеърҳои Петрус Бровка (шоири белорус) [Сафарзода 1966, №232, с. 5], Николай Тихонов (шоири рус) [Сафарзода 1971, №202, с. 3], Рустам Сулаймон, (шоири озар) [Сафарзода 1962, №209, с. 5] ва монанди инҳо низ ба муносибати ҷашну солрӯзи адибон ва даҳаҳои адабиёт дар Тоҷикистон аз тарафи Ғоиб Сафарзода тарҷима ва чоп шудаанд. Дар бештари онҳо, ки аз як шеър то панҷ-шаш шеърро ташкил медиҳанд, нишонаҳои тарҷимаи таҳтуллафзӣ, харобии вазн (гоҳо дар шеърҳое, ки дар қолаби арӯзи озод ё навъи шеъри суннатӣ тарҷима шудаанд), костагии мантиқ ва монанди инҳо мушоҳида мешавад. Бештари онҳоро ҳатто як навъ машқи қалами тарҷумон номидан мумкин аст. Аммо тарҷимаи силсилаи шеърҳои Набии Хазрӣ ва Сайёди Наво ва албатта боз чанд тани дигар бо хости дили мутарҷим ва хоҳиши ӯ рӯи кор омадаанд, ки дар аксарияти онҳо камтарин ва ҷузъитарин иштибоҳро ба сароҳат наметавон пайдо намуд. Дар баробари ин онҳо бо диди баланди бадеӣ, ҳунарӣ ва камолоти шоирӣ таҷассум ёфтаанд. Ва аксарияташон дар маҷмӯаҳои дастаҷамъӣ ва маҷаллаҳои бонуфузи адабӣ ба мисли «Садои Шарқ» ва рӯзномҳое чун «Маориф ва маданият» интишор гардидаанд. Шояд барои онҳо, ки мавзӯи бештарашон лирика ва фарогири фазои ошиқона буданд, дар «Тоҷикистони советӣ», ки тарғибгари сиёсату иҷтимоиёти ҳизб буд, роҳ набуд. «Тоҷикистони советӣ» тарҷимаҳоеро чоп менамуд, ки ба муносибате аз мутарҷимон хоҳиш кардааст.

Дар тарҷимаи шеърҳои Сайёди Наво танҳо як навъи муайяни шеъри суннатӣ риоя шудааст. Яъне ҳамаи он шеър дар қолаби тарҷеъбанди

мураббаъ, ки шояд ин жанр ба табъи дили мутарҷим созгор будааст, тарҷима шудаанд. Як вижагии дигар дар онҳо пайваста омадани ҳусни тахаллус аст, ки дар ҳамаи онҳо мавҷуд аст. Азбаски мо аз дастгоҳи эҷодии мутарҷим нусхаҳои аслро пайдо карда натавонистем, наметавонем ҳадс бизанем, ки муаллифи асар онҳоро аз шакли ғазал ҳусни тахаллус бастааст ё аз шакли тарҷеъбанд. Ҳарчи ҳаст, ҳусни тахаллус дар шеърҳои Сайёди Наво будааст ва Ғоиб Сафарзода ин анъанаро ҳангоми тарҷима дар навъи шеъри суннатӣ нигоҳ доштааст. Як нукта низ мусаллам аст, ки дар миёни аҳли илму ҳунари Арманистон то асри 20 ва ҳатто баъдтар аз он зиёӣ касе шинохта мешудааст, ки хат ва забони форсиро аз худ карда бошад. Аз ин рӯ ҳусни тахаллус бахшидани Сайёди Наво дар ағлаби шеърҳои худ нишони огоҳии ӯ аз хату забони форсӣ ва бардоштҳои фаровонаш аз шеъри ғании класикии форсу тоҷик мебошад. Дигар аз санаде, ки ин нуктаро пурқувват мекунад, пуробурангӣ ва саршор аз таркибу ибораҳои шоиронаи адабиёти форсӣ будани шеъри ӯст. Масалан, ҳамон таркиби «мылный пузи», ки қаблан дар боло гуфта шуд, гузинаест, ки аз адабиёти форсӣ ба гунаи такмилёфта ба шеъри Сайёди Наво роҳ ёфтааст. Дар адабиёти классикии мо гоҳо ҳубоб ба зиндагӣ ташбеҳ шудааст, аммо мушаххасан он ҳубоб маълум намешавад, ки ҳубоби резиши борон аст ё ҳубоби гирдоб ва ё ҳубоби собун. Сайёди Наво ин ташбеҳшавандаро мушаххасан ҷомаи навтаре пӯшондааст ва он дар тарҷимаи Ғоиб Сафарзода ба гунаи «кафки собун» ба адабиёти мо ворид мешавад, ки акнун метавонад як ташбеҳи тоза дар шеъри мо низ бошад.

Дар тарҷимаи шеъри Набии Хазрӣ низ ҳаминро ёдрас шудан лозим аст, ки онҳо хеле моҳиронаю устодона бо вазну қофия ва шаклҳои мувофиқи шеърӣ тарҷима шудаанд. Ғоиб Сафарзода ба интихоби шеъру шоир дар тарҷима диққати ҷиддӣ додааст. Тарҷимаҳо аз маҳорати баланд ва таъбу завқи олии мутарҷим гувоҳӣ медиҳанд. Аз мутолиаи шеърҳои Набии Хазрӣ дар тарҷимаи Ғоиб Сафарзода ду хусусияти хос дида мешавад. Аввал ин, ки дар онҳо ҷанбаи ҳунарӣ, минҷумла тасвиргароӣ буруз дорад, баъдан, ағлаби

онҳо ҳикматбор ва тарбиявианд. Маҳз ҳамин хусусиятҳоро доро будани он шеър боис гардидааст, ки таваҷҷуҳи Ғоиб Сафарзода ба онҳо равона гардад. Ӯ бо шеъри Набии Хазрӣ ҳанӯз соли 1962 ошно шудааст. Аввалин шеъре, ки аз ин шоири озар тарҷима карда, дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» чоп кунондааст, шеъри «Даъвати ҳаёт» мебошад ва ба муносибати даҳаи адабиёти ҷумҳурии Озарбойҷон дар Тоҷикистон рӯи кор омадааст. Манзарае, ки дар ин шеър шоир тасвир кардааст, ҳоли мусофирест, ки ёру диёраш ӯро мунтазир аст ва талоши рафтан ба назди ёру диёри худро дорад. Назокати баён, манзаранигорӣ ва ҷолибияти мавзӯъ бо он дилчаспие, ки дорад, ҳатман дили хонандаи худро тасхир менамояд:

Беди маҷнун сархаму хомӯш моро интизор,
Кӯҳсору чашмаи дар ҷӯш моро интизор,
Дастҳое, ки кунад оғӯш моро, интизор.
Ҳар яке бар мо чу ёри ҷонфишон дилдода аст,
Интизори мо касе дар ким-куҷо истодааст
[Сафарзода 2003, (а) с. 192].

Албатта, ин ҷо ҳунари тарҷумонии мутарҷим дар равонии сухан зоҳир мегардад, мазмун ва моҳияти шеъри асл ҳам, ки амонати муаллиф аст, аз ҷониби тарҷумон хуб нигоҳ дошта шудааст. Беди маҷнун сархаму хомӯш, кӯҳсор ва чашмаҳои ҷушони ӯ, дастҳои мунтазири оғӯши модаре, маҳбубае, дӯсте дар ким кадом деҳаи кӯҳсори Озарбойҷон интизори қаҳрамони асаранд. Табиатро далеру боғурур гафтан ҳам шояд дар зеҳни як шоири озарие чун Набии Хазрӣ омада бошад:

Оҳ, хуб аст, ки табиат чун далери боғурур!
Пеш даъват мекунад моро ҳаёти дилпазир [Сафарзода 2003, (а) с. 192]

Шояд мо табиатро ба андешаи он, ки баён ва мантиқи суханамон вайрон мешавад (ҳарчанд, ки шоир ҳақ дорад чунин сифатҳоро ба табиат ва ё гузинаи дигаре чун он дода бошад) далеру боғурур гуфта натавонем. Аммо дар тарҷима мавзуъ, идея ва  муносибати як шоири дигар миллатро бо ашё

низ ҳаққи тағйир додан надорем. Масалан, шоири кадом як миллате дар шеъри худ бигӯяд «бӯйро мешиканам» тарҷумон ҳақ надорад, ки онро ғайримантиқӣ гуфта, дар тарҷима ба гунаи дигар биёрад. Ғоиб Сафарзода ба ин паҳлуи масъала хеле диққати ҷиддӣ додааст.

Шеъри «Даъвати ҳаёт» аз аввалин тарҷимаҳои Ғоиб Сафарзода маҳсуб мешавад, он албатта, аз заъфу камбуд холӣ нест, аммо бо дурустии забону баёни он ҳам дар забони тоҷикӣ ва истифодаи дилхоҳ калимаҳои ифодакунандаи маъно моҳияти андеша ва мавзӯи он тағйир нахоҳад ёфт. Масалан, Ғоиб Сафарзода метавонист ба ҷои мисраъи дуввуми шеър, ки андак заъфи баён дорад, гузинаи дигари онро дар мисоли «Мекунад даъват маро сӯи ҳаёти дилпазир» бисозад. Дар ин маврид ҳам ҳаққи амонат нигоҳ дошта мешавад. Минбаъд ҳар шеъре, ки Ғоиб Сафарзода аз шеъри Набии Хазрӣ тарҷима намудааст, ниёзи дили худи ӯ будааст. Яъне касе аз ӯ ин талабро накардааст, балки худи ӯ хостааст хонандаи хушзавқи тоҷикро бо шеъри рангини ин шоир ошно гардонад. Ҳатто дар шеъри худ низ таъсирпазириҳое аз ашъоир ин шоири озар дорад.

Ба ҳар ҳол, тарҷимаҳои Ғоиб Сафарзода дар баробари тарҷимаҳои дигар ҳамкасбонаш, арзиши хуби бадеӣ ва эстетикӣ доранд. Онҳо ҳанӯз дар замони ҳаёт буданаш мавриди таваҷҷуҳи завқмандон, донишмандон, соҳибназарон қарор мегирифтанду аз ҷониби онҳо хуб пазироӣ мешуданд. Масалан, дар як мактуби адабиётшинос, мунаққид, устоди фақид Соҳиб Табаров, ки ба Ғоиб Сафарзода навишта шудааст, чунин омадааст:

«Салому дуруди зиёде ба Шумо ва ҳамкасбони ҳамшафат... намедонам, баъзе хатҳои ҳавоиям ба Шумо мерасад ё не, аммо пас аз тарҷимаи «Ситораи ман» хурсандиамро изҳор карданиам...» [Сафарзода 2011, (б), с. 204].

Манзур шеъри тарҷиманамудаи Ғоиб Сафарзода аз шеъри шоири Гурҷистон Николз Бараташвили мебошад. Шеъри мазкур бори аввал дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» 21-уми сентябри соли 1968 интишор мешавад ва ба дасти хонандагон мерасад. Мактуби Соҳиб Табаров ҳам 22-

юми сентиябри соли 1968 навишта шудааст. Соҳиб Табаров бевосита шеърро аз рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» мутолиа намуда, ба мутарҷими он изҳори хушнудӣ кардааст.

Ғоиб Сафарзода ба ҳар ҳол ба воситаи пардохтанаш ба тарҷима таҷрибаи адибони халқҳои мухталифи оламро омӯхта, бо арзишҳои адабиёти худӣ ба ҳам даромехтааст ва бо баҳрабардорӣ аз таҷрибаи адибони олам муҳтавои шеъри худро саршори назокату зебоӣ кардааст.

Ӯ аз он шоирон, пеш аз ҳама, таҷрибаи тасвири реалистӣ ва мушаххаснависиро омӯхтааст. Бояд гуфт, ки шеъри тоҷикӣ, аз ҷумла, шеъри солҳои 60-70 ба шарофати тарҷимаҳо аз чандин сарчашмаҳои адабӣ об мехӯрд ва заминаи воқеию байналмилалии он пурқувваттар ва фазову чашмандози шоирон фарохтар мегардид.

Вобаста ба ин паҳлуи масъала мо дар шеъри Ғоиб Сафарзода бисёр бардоштҳо ва монандиҳоеро аз шеъри шоирони гуногуни дунё пайхас кардем, ки тарҷимаи онҳо дар такомули эҷодии ӯ нақши бориз доранд. Аз ин лиҳоз ҳатто метавон бо боварӣ гуфт, ки Ғоиб Сафарзода ба фаҳму дарки сохтори шеъри дар шакли арузи озод гуфташуда ва моҳияти ҳунарии он ба воситаи тарҷима ва ошноияш бо адабиёти рус ва дар тарҷимаи русӣ ба адабиёти ҷаҳон расидааст. Дар баробари ин рӯ овардан ба гуфтани шеъри сужадор, истифодаи таъбиру ибораҳои мардумӣ, навгӯӣ ва таваҷҷуҳу пайвастагии сахт ба шеъри иҷтимоъ дар эҷодиёти ӯ маҳз аз роҳи ҷустуҷӯҳои пайвастааш дар шеъри рус ва дар тарҷимаи русӣ аз адабиёти аврупо гузаштааст.

Вақте шеъри солҳои 60-80-уми асри гузаштаро варақ мезанӣ, равшан мушоҳида мекунӣ, ки бештари шоиронамон ба гуфтани шеъри сужадор, ҳикоягуна пардохтаанд. Зиёд мушоҳида мешавад, ки ағлаби навъи шеъри суннатӣ низ ҳамин қолабро касб кардаанд. Масалан, агар мо ғазал, рубоӣ ва дубайтиро ҳамчун як жанри лирикӣ дар адабиёти гузашта қабул кунем, дар адабиёти ин солҳо ва умуман адабиёти муосир шуруъ аз адабиёти ҷадидия ин

навъи шеърӣ ба худ гардишҳои куллиеро ба мисли ғазал ва ё рубоии мақолавӣ, сужетдор ва ҳикоямонанд касб кардаанд. Шеъри навъи чаҳорпора дар баробари ба адабиёти мо ворид гардиданаш аз адабиёти рус ҳамон ҳолу ҳавоеро, ки дошт, бо навъи шеъри тоҷик қисмат кард. Ба эҷодиёти Ғоиб Сафарзода низ ин анъана бевосита бо таъсири адабиёти муосири тоҷик ва адабиёти рус ворид агардидааст. Ғоиб Сафарзода дар оғоз ғазалҳое дорад, ки ҳолу ҳавои ғазали классикиро доранд. Масалан, ғазали «Лутфо, санамо, шитоб хуш нест»-и ӯ аз чашмаи ғазали «Гул берухи ёр хуш набошад»-и Ҳофиз об мехӯрад ва монандиҳоеро ҳам дар таркиби худ аз ғазали Ҳофиз дорад. Ё ӯ ғазале дар тазмини ғазали Камоли Хуҷандӣ «Ёр гуфт: Аз чашми мо пӯшон назар, Гуфтам: ба чашм» ва Саййидои Насафӣ «Бе мураббӣ зери гардун муътабар натвон шудан» (тазмини Ғоиб Сафарзода ба ин ғазали Саййидо 9-уми июли соли 1969 дар «Тоҷикистони советӣ» дар ҳаҷми 14 байт чоп шуда, ба китобҳои ӯ ворид нагардидааст) дорад, ки комилан дар ҳолу ҳавои ғазали классикӣ гуфта шуда, пуропури таркибу ибораҳои обшуста ва умумигӯӣ мебошанд. Аммо, солҳои баъд дар шеъри ӯ ғазалҳоеро вохӯрдан мумкин аст, ки ҳолу ҳавои навъи шеъри чаҳорпораро гирифтаанд ва аз ғазал фақат қолаб мондаасту бас. Албатта, дар чунин хусусиятро касб кардани шеъри ӯ тарҷима таъсири бештар дорад.

Дигар гузинае, ки метавонист диди бадеӣ ва навпардозиро дар тафаккури Ғоиб Сафарзода бедор кунад, суханҳои шоирона ва навпардозонаи шоирони дигар миллатҳо аз қабили Ярослав Смеляков (шоири рус), Набии Хазрӣ (шоири озар), Сайёди Наво (шоири арман), Овесян Шероз (шоири арман), Петрус Бровка (шоири белорус), Евгениюс Матинкявичиюс (шоири литва) ва ғайраҳо бо роҳи тарҷима ва дар баробари ин, албатта, бо назардошт ва ҷустуҷуи адабии шоирони муосири худӣ ва ҳамнаслони худи шоир мебошанд. Масалан, мо дар шеъри Евгениюс Матинкявичиюс (шоири литва) (дар тарҷимаи Ғоиб Сафарзода) манзараеро вомехӯрем, ки барои адабиёти солҳои 60-70-уми мо комилан падидаи тоза маҳсуб мешуд:

Шино мекард, дидам, нури маҳ дар хонаи хомӯш,

Касе гӯё садоям кард [Сафарзода 2003, (а) с. 220].

Шино кардани нури маҳ дар хонае, ки он ҷо хомӯшӣ ҳукумфармост, тасвири хеле шоирона ва ҳунармандона аст.

Ва ё ин шеъри Овесян Шероз шоири арманро дар тарҷимаи Ғоиб Сафарзода мехонем, ки хеле зебост ва тасвири наву ҷолиб дорад:

Бигиряд бо забони баргҳо хомӯш

Сафедори падар дар зодгоҳи мо [Сафарзода 2003, (а) с. 210].

Мо хуб медонем, ки тасвири сафедор дар шеъри солҳои 60-70 барои адабиёти мо як бозёфти тоза буд. Ба вижа вақте, ки сафедор бо забони баргҳо мегиряд. Баъдҳо ин падида аз ҷониби шоирони тоҷик, ба хусус Бозор Собир истиқбол шуда бошад ҳам, вале мо бо он аз роҳи тарҷима ошно мегардем.

Ба ин монанд шеъри Петрус Бровка (шоири белорус)-ро дар тарҷимаи Ғоиб Сафарзода мехонем:

Тирамаҳ, шояд, ки ин фасли хазонрези чаман

Андар он ҷо боғҳоро лучу урён кардааст.

Як тараф дасти табиат ҳам ба ҷои баргҳо

Қатраҳои сарди шабнамро авезон кардааст.

Шоми сард асту ба сақфи осмони нилгун,

Медурахшад хира моҳи сард чун яхпорае,

Дуд боло мешавад аз гулхане, к-афрӯхташ

Дар канори ҷангале ҳезумкаши оворае

Баргҳо дар қабзаи тақдир гирён мешаванд

[Сафарзода 2003, (а), с. 214].

Агар аз «лучу урён шудани боғҳо аз дасти тирамоҳ» ва «ба ҷои баргҳо овезон шудани қатраҳои шабнам дар шохсор аз дасти табиат», ки дар навбати худ манзараи зебову шоиронаеро ба бор овардаанд, бигузарем, дар байтҳои баъдӣ бо таркибу иборахое чун «дурахшидани моҳ чун яхпора дар осмони нилгун» ва «гирён шудани баргҳо дар қабзаи тақдир» рӯ ба рӯ меойем, ки дар

ҳамон солҳо дар адабиёти мо нав буданд. Ҳунари тарҷумонии Ғоиб Сафарзода ҳам дар ҳамин ҷо бештар рӯнамо мешавад, ки айни тасвирҳо ва таркибу ибораҳои шоиронаи шеъри тарҷимашавандаро ба забони нови тоҷикӣ рӯи коғаз овардааст. Вақте ӯ дар тарҷима моҳияти чунин зебоиҳоро дарк намуда, ҳаққи амонатро нигоҳ медорад, пайдост, ки бо ин зебоиҳо, тозагӯиҳо шеъри худро низ рангин мегардонад.

Дигар тамоюле, ки дар такомули эҷодии Ғоиб Сафарзода аз роҳи тарҷима нақш дорад, таъсирпазирӣ аз шоирони дигар қавму миллатҳо мебошад. Ҳамон навъе, ки қаблан ишора рафт, агар ӯ, аз як тараф, маҳз ба воситаи тарҷима ва шиносоияш бо адабиёти ҷаҳон дар зеҳни худ гуфтани шеъри сужадор, мақолагуна, қиссамонандро ташаккул дода бошад, аз тарафи дигар, таъсирпазириҳое аз мавзуи шеъри онҳо дорад. Барои мисол метавонем шеъри «Чинор»-и шоири озар Набии Хазриро дар тарҷимаи Ғоиб Сафарзода биорем:

Хонандаи шеъри ман эрод бигирад:
Мавзуи чинор-ин шуда бисёр забонзад.
Шавқест вале дар дили ман, ҳеҷ намирад,
Пайваста қалам боз ҳамин ҳарф нигорад...

Хонандаи ҷонӣ, чи касам, чист муродам!
Хон дафтари дилрову маро нек ту дарёб.
З-ин баъд макун айбаму эрод нагирам,
Гар хома ба такрор бипардохт дар ин боб

[Сафарзода 2003, (а), с. 193].

Ва ё ба ин монанд шеъри дигари ин шоирро дар тарҷимаи Ғоиб Сафарзода мехонем:

Илтиҷо, хонанда, маҳкумам накун,
Гӯш бинмо, то чи мегӯем мо:
Ман намегӯям, ки бояд ҳеҷ кас

Чун фаришта ҳеҷ нанмояд хато [Сафарзода 2003, (а), с. 197].

Тарҷимаи ин ду шеър манбаи илҳоми мутарҷим, яъне Ғоиб Сафарзода дар эҷоди шеъри «Узр»-и ӯ гардидаанд:

Агар носуфта бошад мисраи ман,
Агар бӯи дил аз шеърам наояд.
Агар дар шеъри ман олиҳаи ҳусн
Фақат бо нимтабассум рух намояд...

Маро, хонандаи ман, бахш ҳоло,
Ки дил дорам, шарар дорад дили ман.
Маро, хонандаи ман, бахш, зеро
Ки дил нав мекунад майли шукуфтан [Сафарзода 2003, (а), с. 180].

Бубинед, тафовут миёни шеърҳои тарҷимашуда ва шеъри худи Ғоиб Сафарзода фақат дар мушаххасоти мавзуъ миёни онҳо дида мешавад, аммо идея ва сохтори шеърҳо ба ҳам хеле монананд. Дар ҳар се шеър муаллифон аз хонандаи худ бо ҷурми хеш узрхоҳӣ кардаанд, вале гуноҳи содиркардаи онҳо гуногун аст.

Ҳамин гуна таъсирпазириҳоро дар шеъри Ғоиб Сафарзода аз шоирони дигар қавму миллатҳо дида метавонем, ки ҳама ба шарофати тарҷумонии ӯ ва бевосита ошноиаш бо роҳи тарҷима ба адабиёти ҷаҳон мебошад.

Тарҷимаҳои Ғоиб Сафарзода дар шакли китоб дар замони ҳаёт буданаш чоп нашудаанд. Бисёре аз онҳо, аз ҷумла шеъри шоири рус Я. Смеляков бо номи «Модар» дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» (7-уми апрели соли 1967), шеъри шоири рус Н.А. Тихонов бо номи «Савганд» дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» (3-юми декабри соли 1971), шеърҳои шоири балқар Қайсин Қулиев бо номҳои «Сар ба таъзим оварем» ва « Коғаз» дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» (11-уми апрели соли 1967), шеърҳои шоири арман Сайёди Наво бо номҳои «Шиорам ин бувад дар зиндагонӣ» ва «Аё булбул» дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» (14-уми январи соли 1968) ва ҳамчунин шеърҳои «Бе ту кай гирам нафас», «Ба ёдат», «Арзи вуҷуд» дар рӯзномаи

«Маориф ва маданият» (17-уми августи соли 1967) ва дигар тарҷимаҳо дар рӯзномаҳои «Тоҷикистони советӣ», «Маориф ва маданият» ва маҷаллаҳои «Гувоҳ», «Шарқи сурх» («Садои шарқ») интишор гардидаанд. Қисми зиёди тарҷимаҳои дар рӯзномаву маҷаллаҳо чопшуда, дар якҷоягӣ бо тарҷимаҳои дар архиви шоир мавҷудбуда, бо кӯшиши Шоҳайдар Ёдгорӣ гирдоварӣ шуда, аввал дар як қисмати китоби «Мероси ҷавонӣ» (соли 1978), баъдан дар ҷилди якуми мунтахаботи шоир ворид гардидаанд. Шоир тарҷимаҳое низ дорад, ки дар китобҳояш чоп нашуда, аз мадди назари гирдоварандаи осори ӯ дур мондаанд. Аз ҷумла тарҷимаи шеърҳои Максим Гетуев шоири балқар, ки (яктои он дар ҳаҷми 63 мисраъ шеър дар навъи арузи озод) дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» (шумораи №33, 16.03.1968) чоп шудааст.

Аз натиҷаи ин фасл маълум мегардад, ки тарҷима ва тарҷумонӣ дар адабиёти мо аз ҳар ҷиҳат нақши бориз ва устувор доштааст. Агар аз як тараф робитаҳои адбӣ ва дӯстии халқҳоро таъмин намуда бошад, аз тарафи дигар хазинаи адабиётро пур аз таркибу образҳои тоза гардонидааст. Ворид гардидани навъи шеъри чаҳорпора ба адабиёти мо аз роҳи тарҷима падидаи тозае дар ташаккули навъи шеърӣ гардида, ин падида барои адабиёти мо солҳои баъд ҳамчун як жанр гардишҳои зиёдеро дар шеъри муосири тоҷик ворид намуд.

Хулоса, тарҷима ва тарҷумонӣ дар ҳаёти адибони солҳои 60-70, ба вижа дар фаъолияти эҷодии Ғоиб Сафарзода як касби пурифтихор маҳсуб ёфта, дар ташаккули шахсияти адабии ӯ нақши арзанда гузоштааст. Ҳамон навъе, ки гуфта шуд, тарҷима ҳамчун омили такомули эҷодӣ дар навиштаҳои ин шоир нақш гузошта, дар шеърҳояш рангпошиҳои ҷолибу дилнишине кардааст, ки бархе аз онҳоро мавриди баррасӣ қарор додем. Тарҷимаҳои Ғоиб Сафарзода бо нумуи худ як гӯшаи адабиёти тарҷимавии моро, каме ҳам бошад, дар қатори дигарон равшан мегардонанд ва барои хонандаи тоҷик манфиат мееоранд.

## 2.3. Нақди адабӣ – мактаби омӯзиш ва сайқали истеъдоди Ғоиб Сафарзода

Дар адабиёти муосир ин як амри маъмулист, ки гоҳе адибону нависандагон ҳам даст ба нақду баррасии осори ҳамдигар зада, андешаҳои худро дар бораи бурду бохти осори адабӣ баён доштаанд. Ин амал дар таърихи адабиёти муосир анъанаи дерина дошта, дар асри XX-ум низ ривоҷ ёфтааст. Нақду баррасиҳои Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Пайрав Сулаймонӣ ва дигарон ба ашъори пешиниён ва ҳамнаслони худ дар оғози ин сада далели равшани ин гуфта мебошад.

Агар ба саҳифаҳои осори нависандагону шоирон дар солҳои 60-70 ҳам назар афканем, адиберо пайдо кардан душвор аст, ки дар бораи эҷодиёти ҳамзамонони худ изҳори назар накарда бошад. Албатта, ин амали адибон ба пешрафту такомули эҷодии онҳо таъсири муфид дошт. Онҳо бо рӯй оварданашон ба нақди адабӣ ба бисёр нозукиҳои ин фан ошно мегардиданд ва ба ин восита ҳамчун адиб дониши худро мукаммалтар менамуданд. Аз тарафи дигар, арзишдовариҳое, ки баъзан мунаққидон анҷом медоданд, марбут ба ҷанбаҳои назарӣ ва мавзуии шеър буд. Дар бештари мавриди дарунмояи шеър ва ҳунари шоирӣ аз назари мунаққидон дур мемонд. Аз ин хотир, адибон мекӯшиданд дар нақду баррасиҳои хеш ба ҷусторҳои ҳунарии шеър, ҳунари шоирӣ ва шеърияти он такя кунанд. Ғоиб Сафарзода низ дар баробари фаъолияти шоирӣ ва рӯзноманигории худ гоҳ-гоҳе ба навиштани нақд даст мезадааст. Ӯ чанд нақд ба шеъри ҳамзамонон ва раванди адабии адабиёти онрӯза навиштааст. Нақдҳое, ки дар хусуси кино ва намоишномаҳои театрӣ навишта, дар рӯзномаҳо интишор додааст, низ барои санъату ҳунари он солҳо аз манфиат холӣ набудаанд. Бинобар ин, таваҷҷуҳ кардан ба навиштаҳои интиқодии ӯ, ки ҳунаршиносӣ ва сухансанҷии ӯро нишон медиҳанд, дар баробари ашъораш аз манфиат холӣ нест.

Ғоиб Сафарзода нахустин мақолаҳои интиқодии худро соли 1960, дар даврони донишҷӯ буданаш, пешкаши хонанда гардонидааст. Аз ҷумла,

тақризи ӯ «Чашмасор»-ро, ки дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» (20-уми августи соли 1960) чоп шудааст, метавонем ном барем. Мақолаи мазкур накд ба маҷмуаи тозанашри Муҳиддин Фарҳат бо номи «Чашмасор» мебошад. Дар ин мақола қонуниятҳои накди адабӣ ва раванди танқиди адабӣ то ҳадде мувофиқ ба роҳ монда шудаанд. Мунаққид аввал аз чопи маҷмуа ба хонанда хабар дода, муҳтавои онро бо як-ду ҷумла бозгӯ мекунад, сипас дастовардҳои шоирро дар мисоли чанд шеър нишон медиҳад. Ҳамин тариқ, бо далелҳои равшан баъзе аз шеърҳои маҷмуаи мазкурро, ки камарзишу холӣ аз бадеият ва дархӯри дарди ҷомеа нестанд, ошкор мекунад. Дар охири мақола маҷмуаро бо вуҷуди баъзе камбудиҳо доштанаш лоиқ ба мутолиаи хонандагон диниста, менависад: «Ин маҷмуа сарфи назар аз баъзе камбудиҳояш барои хурдтаракон ва баччагони синни миёнаи мактабӣ туҳфаи арзанда аст» [Сафарзода 1978, с. 15].

Аз муҳтавои ин тақриз пайдост, ки Ғоиб Сафарзода рисолаю мақолаҳои нақду адабиётшиносиро зиёд мутолиа намуда, дар ин ҷода аз пайи ҷустуҷӯ будааст. Аз ин ҷост, ки ӯ то андозае тавонистааст қонуниятҳо ва раванди танқиди адабиро дар ин мақолаи замони донишҷӯӣ навиштааш то андозае риоя намояд.

Мақолаи танқидии дигари ӯ, ки баъд аз ду соли хатми донишгоҳ соли 1964 навиштааст (албатта, дар ин миён нақду китобиёти дигар низ дорад), «Хонандаи хайрхоҳ, ё мунаққиди шитобкор?» ном дорад, ки дар он хеле баҳси доманадор ва густурда ба назар мерасад. Соли 1964 рӯзномаи «Маориф ва маданият» зери рубрикаи «Минбари эҷодӣ» оид ба фаъолияти эҷодии як зумра шоирон тақризу китобиёти зиёдеро чоп кардааст. Аз ҷумла, дар бораи достони «366 паҳлу»-и шоир Ғаффор Мирзо зери рубрикаи мазкур мубоҳисаҳои зиёде аз муаллифони гуногун чоп шудааст. Дар ин бора мақолаи баҳсбарангези рӯзноманигор Ҳикмат Раҳматов низ таҳти унвони «Мактуби кушода ба шоир Ғаффор Мирзо» ба табъ расидааст. Ғоиб Сафарзода, ки аз раванди накди адабӣ ва шеъри ҳамзамононаш огоҳӣ

доштаю холисона барои адабиёт хидмат кардан мехостааст, ба ин баҳсҳо ҳамроҳ шуда, ҳаққу ноҳақ будани назарҳои Ҳикмат Раҳматовро дар мавриди достони «366 паҳлу»-и Ғаффор Мирзо дар мақолаи «Хонандаи хайрхоҳ, ё мунаққиди шитобкор?» мавриди муҳокима қарор медиҳад. Мақола 23-юми июли соли 1964 дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» чоп шуда, дастраси хонандагон гардидааст.

Ҳамон навъе ки Ғоиб Сафарзода дар оғози мақола хабар медиҳад, Ҳикмат Раҳматов достони «366 паҳлу»-и Ғаффор Мирзоро бо далелҳои норавшану ҳарфҳои сохта ва нохондаю носанҷида сахт зери тозиёнаи танқид гирифтааст. Ғоиб Сафарзода дар баробари ин гуна ақидаҳо нисбати шеъри як адиби пуркор чашм пӯшида наметавонист ва бо қатъият Ҳикмат Раҳматовро ба суханношиносӣ камзавқӣ, каммутолиагӣ, ва махсусан, ба пурра нахондани достони «366 паҳлу» гунаҳгор карда, бо далелҳои равшану раднопазир арзиши адабию бадеӣ доштани достони мазкурро нишон медиҳад. Ғоиб Сафарзода бо иқтибос аз суханони Ҳикмат Раҳматов менависад: «Инчунин Ҳикмат Раҳматов бо таассуф қайд мекунад, ки қисми якуми «366 паҳлу»-ро се маротиба ба даст гирифта, хонда натавонистааст. Ман гуфта наметавонам, ки дар он лаҳзаҳо руҳияи ӯ чӣ гуна буд, вале ҳаминро гуфтан мехоҳам, ки достонро то охир нахонда, хатои бузург кардааст. Ва аз ҳамин рӯ, руҳи даъваткунанда ва замонавӣ доштани онро пай набурдааст» [Сафарзода 2011, (б), с. 24].

Сипас, Ғоиб Сафарзода барои исботи андешаи худ аз пораи аввали достон «Рӯзи таваллуд шудани Гулбаҳор», ки бо самимият ва эҳсосоти баланди шоирона гуфта шудааст, мисол меорад:

«Чӯҷаяки кабки дарӣ, Гулбаҳор,
Духтаракам, туҳфаи фасли баҳор...
Рӯзи таваллуд шуданатро нигар,
Вақти гули лолаву садбарги тар.
Кист азизам, ки ба айёми ту

Рашк тавонад набарад, кист ӯ?

Ба фикри шумо, рафиқ Раҳматов, магар ин мисраъҳо ба дили хонанда роҳ намеёбанд? Камтасвиру беобуранганд?» [Сафарзода 2011, (б), с. 24].

Албатта, дар ин маврид ҳақ бар ҷониби Ғоиб Сафарзода аст, ки ҳамчун шоир асолати сухан ва таровату зебоии онро дарк мекунад. Завқу салиқаи ӯ имкон медиҳад, ки аз миёни манзума порчаи зебои онро, ки аз лиҳози ҳунарӣ пурбор буда, самимонаю шоирона гуфта шудааст, интихоб намояд ва бо далоили равшан ҳунари шоирии Ғаффор Мирзоро дақиқназарона нишон диҳад.

«Фарзанди Бадахшон» ном тақризи дигараш, ки 2-юми декабри соли 1964 дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» чоп шудааст, муаррифии осори Мирсаид Миршакарро дар бар мегирад. Дар ин тақриз муаллиф кӯшидааст ҳунари нигорандагии Мирсаид Миршакарро барои хонанда нишон диҳад.

Мавзуъ ва моҳияти осори Мирсаид Миршакар вобаста ба ҳаёти иҷтимоии замон дар мақолаи Ғоиб Сафарзода ба таври густурда рӯнамо мегардад. Муаллифи мақола ба таври умумӣ маҷмуи осори шоирро ном бурда, сипас, моҳияти онҳоро ба сурати алоҳида нишон медиҳад. Масалан, дар мақолаи мазкур ин сатрҳоро мехонем, ки руҳияи осори Мирсаид Миршакарро ба таври мушаххас бозгӯ мекунад: «Асарҳои шоир дар мавзуъҳои гуногун навишта шуда, дар онҳо образҳои мукаммали қаҳрамонони даврони мо офарида шудаанд. Агар дар «Қишлоқи тиллоӣ» сухан аз хусуси тантанаи ғояҳои пешқадами ҳаёт дар диёри тоҷикон равад, дар достони «Дашти лаванд» дар хусуси руҳ бахшидан ба даштҳои асрҳо аз ташналабӣ мурда, аз хусуси ба боғу бӯстон ва манзилгоҳҳои ободу шукуфон табдил додани ҷойҳое, ки чанде пеш ҷавлонгоҳи ҳайвонҳои ваҳшӣ буданд ва билохир, дар бораи меҳнати эҷодкоронаю қаҳрамонии кӯҳистониёни тоҷик нақл карда мешавад.

Дар асарҳои шоир руҳи замони мо, марому мақсади халқи мо басе равшан ва боварибахш ифода ёфтааст» [Сафарзода 2011, (б), с. 10-11].

Ҳамин тариқ, осори Мирсаид Миршакар аз диди Ғоиб Сафарзода мавриди таҳлилу тафсир қарор гирифта, ҳадафҳои асосии раванди эҷодии шоир баён мешаванд. Муаллифи мақола пас аз таҳлилу баррасии осори Мирсаид Миршакар ба сурати куллӣ натиҷагирӣ намуда менависад: «Ҳамин тавр, дар саросари эҷодиёти Мирсаид Миршакар руҳи замону халқ бо ҳам омезиш меёбад ва моро ба пеш, ба сӯи фатҳи қуллаҳои дурахшони ҷамъияти олии инсонӣ даъват мекунад» [Сафарзода 2011, (б), с. 10-11].

Дар нақду баррасиҳои Ғоиб Сафарзода як хусусияти бисёр муҳимме, ки ба қавонини нақди адабӣ, аз ҷумла, раванди нақди адабии солҳои мавриди назар бастагӣ дорад, равшан мушоҳида мешавад. Ӯ дар оғози мақолаҳояш қабл аз пардохтан ба баррасии матлаби мавриди назар, бевосита аз осори таълифнамудаи адиб ёдовар мешавад ва муҳимтарин хусусиятҳои онро ба таври фишурда баён медорад. Сипас ба мавзуи аслӣ ворид гардида, ба таври муфассал маҷмуаро таҳлилу баррасӣ намуда, аз он натиҷагирӣ мекунад.

Ҳамин тариқ, Ғоиб Сафарзода як қатор тақризҳо ба шеъри ҳамзамононаш навишта, ҳусну қубҳи онҳоро барои хонанда муайян кардааст. Ӯ дар «Ашъори руҳбахш» (соли 1969) ном тақризаш ба китоби тозанашри Мирзо Турсунзода «Илҳом», ки соли 1969 ба табъ расидааст, назари худро ҷиҳати паҳлуҳои муҳимми адабию бадеии шеъри шоир баён дошта, Мирзо Турсунзодаро чун адиби пухтакор ва роҳнамои адибони ҷавон нишон медиҳад.

Раванди дигаре, ки дар фаъолияти адабии Ғоиб Сафарзода ҳамчун мунаққид ба назар мерасад, таваҷҷуҳи бевоситаи ӯ ба баррасии шеър ва насри муосири тоҷик аст, ки ба сурати умум, як давраи мушаххасро дар бар мегирад. Аз ин ҷост, ки ӯ як қатор мақолаҳои худро аз қабили «Образи ҳамзамононро офарем» («Тоҷикистони советӣ», 3-юми августи соли 1969), «Адиби ҷавон» («Тоҷикистони советӣ», 14-уми феврали соли 1970), «Умеди фардои адабиёт» («Тоҷикистони советӣ», 18-уми июни соли 1967) вобаста ба раванди адабиёти муосири тоҷик ва равиши чигунагии шеъру насри

ҷавонони солҳои 60-70-уми асри гузашта интишор додааст. Ӯ дар мақолаи худ «Умеди фардои адабиёт» муҳимтарин хусусиятҳои раванди шеър ва насри бадеии муосирро нишон дода, осори ағлаби нависанда ва шоирони ҷавони ҳамзамони худро, ки ба сурати маҷмуаҳои алоҳида интишор ёфтаанд, баррасӣ менамояд. Аз мутолиаи ин мақола хонанда ба осонӣ метавонад дар хусуси як давраи муайяни раванди наср ва шеъри ҷавонони тоҷик маълумоти мушаххаси илмию адабӣ ба даст орад.

Ғоиб Сафарзода инчунин дар бораи намоишномаҳои театрӣ тақризҳо навиштааст. Ӯ ҳамчун як тамошобин дар намоишномаҳои театрӣ ширкат намуда, ҳаракату амалҳо, тарзи суханронии ҳунармандон ва матни муаллифони намоишномаҳоро дар мақолаҳояш мавриди баррасӣ қарор дода, то чӣ андоза арзиши бадеӣ доштану ба манфиати тамошобин будани онҳоро муайян намудааст. Аз тақризҳои навиштаи ӯ дар бораи намоишномаҳои театрӣ метавон инҳоро ном бурд: «Гулҳои атрофи шаҳр» – ин тақриз ба песаи М. Рабиев, ки таҳти унвони «Гулҳои атрофи шаҳр» дар Театри академию драмавии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ ба намоиш гузошта шудааст, оид буда, дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» (19-уми январи соли 1964) ба табъ мерасад. Дар ин мақолааш Ғоиб Сафарзода камарзиш будани песаи мазкурро нишон дода, пахлуҳои аз ҷиҳати забон пурғалату таҷассум наёфтани фалсафаи зиндагиро дар он нишон медиҳад ва инчунин ҳаракату амалҳои ҳунармандонро, ки сохтакорона ба саҳна баромадаанд, сахт зери тозиёнаи танқид мегирад. Омода набудани режиссёри намоишнома ва директори театри мазкурро боиси ба саҳна гузошта шудани боз як намоиши беарзишу бемазмун дар театри тоҷик медонад.

«Бежан ва Манижа» низ аз ҳамин қабил мақолаҳои Ғоиб Сафарзода аст, ки ба песаи саҳнавии шоир ва рӯзноманигори форсизабони Озарбойҷон Ҳамза Фатҳи Хушгинобӣ, ки дар Театри академию драмавии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ бо унвони «Бежан ва Манижа» ба намоиш гузошта буданд, навишта шудааст. Мақолаи мазкур дар рӯзномаи «Тоҷикистони

советӣ» (22-юми феврали соли 1970) ба чоп расид. Дар мақола ҷанбаҳои хубу арзишманд ва камбуду норасоиҳои асари мазкур нишон дода мешаванд. «Ду ҳамхуну ду мафкура» («Тоҷикистони советӣ», 20-уми июли соли 1968), «Сароби хунин («Тоҷикистони советӣ», 28-уми январи соли 1969), «Директор» («Тоҷикистони советӣ», 17-уми январи соли 1971) низ аз зумраи тақризҳои Ғоиб Сафарзода мебошанд, ки дар бораи филмҳои тоза банамоишбаромадаи замони худ навишта, арзиши тарбиявӣ доштану надоштани онҳоро баён намудааст.

Ҳарчанд нақду баррасиҳои Ғоиб Сафарзода ба таври комил ба сурати нақди олимона рӯнамо нагардидаанд, дар шинохти ҳунари бадеии осори адибон аз аҳаммият холӣ нестанд. Албатта, ӯ дар нақду баррасиҳояш, ки ба осори ин ё он шоир бахшидааст, бештар аз даричаи шоирӣ ба дунёи нақд менигарад, ки онҳоро мешавад нақди шоирона унвон кард. Вале дар чанд мақолае, ки ӯ ҷиҳати баррасии адабиёт анҷом додааст, чун олими ин соҳа муносибат карданаш ба мавзуи мавриди назар мушоҳида мегардад.

Хулоса, рӯй овардани шоир ба нақду баррасии шеъри дигарон боиси пухта гардидану такмил ёфтани эҷодиёти ӯ гардидааст. Агар ба шеъри пас аз солҳои 1968-1969-и Ғоиб Сафарзода назар афканем, ба сароҳат як пешрафти воқеъбинонаро дар навиштаҳояш ҳис мекунем. Яъне, шеъри ӯ бо дахолати камобеши мунаққидон ва мутолиаи фаровони худи ӯ аз осори интиқодии замон ва фарогирии густурдааш аз осори нақдӣ мушаххасан ташаккулёфта, роҳи минбаъдаи худро пайдо намудааст. Рӯй овардани ӯ ба нақди адабӣ ва осори ҳамзамонони худро мавриди баррасӣ қарор доданаш дар омӯзиш, бедории тафаккур ва сайқали истеъдоди ӯ нақши бориз гузоштаанд. Аз баррасии ин фасл бармеояд, ки шеъри Ғоиб Сафарзода, ба вижа шеъри дар солҳои 1970-1972 навиштаи ӯ, аз роҳи интиқод ва шиносоии пайвастаи шоир бо осори арзишманди адабӣ шакл гирифта, ҷойгоҳи ӯро дар назми солҳои мавриди назар боло бурдааст.

# БОБИ III

# ҒОИБ САФАРЗОДА ВА ҶУСТОРҲОИ ҲУНАРӢ ДАР ШЕЪРИ ТОҶИКИИ СОЛҲОИ 60-70

## 3.1. Ҷустуҷӯҳои ҳунарии Ғоиб Сафарзода дар партави шеъри тоҷикии солҳои 60-70

Ҳарчанд мавзуъ дар адабиёти садаи XX вобаста ба вазъи сиёсию иҷтимоӣ масъалаи аввалиндараҷа дар шеър буд, нигариш ба тарзи баён низ зина ба зина рушду такомул меёфт. Сарчашмаи навовариҳо агар, аз як тараф, ворид гардидани гӯишҳои мардумӣ дар шеър буд, аз тарафи дигар, ҳузури таркибу вожаҳои классикӣ низ шеъри навоваронаи муосирро шодоб карда буд.

Бештари таркибу ибораҳои шеъри классикӣ, ки бо маъниҳои ирфонию фалсафӣ дар шеъри пешиниён истифода мешуданд, дар шеъри муосир он тобишҳои худро аз даст дода, вобаста ба шароити иҷтимоии замони муосир пӯст иваз мекарданд ва бо маъноҳои дигар рӯнамоӣ мешуданд. Масалан, ибораи «оби Хизр», «оби ҳайвон», «оби зиндагонӣ» ва дигар гузинаҳои он, ки дар шеъри гузашта фалсафаи ҳаёт ва бемаргиро дар худ таҷассум менамуд, дар шеъри муосир моҳиятан ифодакунанди унсурҳои воқеии ҳаёт гардид:

Ба ӯ Маскав зи рӯи меҳрубонӣ
Равон бинмуд оби зиндагонӣ [Турсунзода 1962, (а) с. 65].

Таркиби «оби зиндагонӣ» ба маънии соҳиби зиндагии осоишта шудани одамон омада, аз зулму истибдоди феодалӣ халос шудани онҳоро таҷассум мекунад. Ин ибора баъдан дар ишора бо шири модар, ки сарчашмаи ҳаёт аст, боз ҳам равшантару зеботар ба кор меравад:

Шири сафед мемакад он тифл бо нишот,
Оби ҳаёт мечакад аз чашмаи ҳаёт... [Каноат 1963, с. 5].

М. Қаноат ин шеърро ба муносибати бозгашти зани кайҳоннаворд Валентина Владимировна Терешкова аз кайҳон ба замин таълиф намудааст. Шеър хеле самимона ва дилнишин эҷод гардида, дар он таркибу ибораҳои мардумӣ низ хеле баҷо ва шоирона инъикос шудаанд:

Гӯё гирифт қувваи модар-заминро,

Болида хест кӯдаки ширмаст рӯи по... [Қаноат 1963, с. 5].

Таркиби «ширмаст», ки дар мисраи дуюми ин шеър омадааст, аз маъмултарин таркибҳо миёни мардум аст ва бештар дар баробари навзодҳои бузу гӯсфанд ба кор меравад. Масалан, Мирзо Турсунзода ҳам таркиби мазкурро бо ҳамон маънои аслии худ ба кор бурдааст:

Мисли абри пастгашта об менӯшад рама,

Ҷастухезе мекунад ширмаст дар як сӯ бара

[Турсунзода 2011, с. 28].

Аммо дар ин шеъри Муъмин Қаноат таркиби мазкур дар баробари кӯдаки инсон хеле шоирона ва табиӣ ба кор рафтааст. Ибораи «оби ҳаёт» низ ҳарчанд дар шеъри Муъмин Қаноат куҳна ва обшуста менамояд, бо пайдо кардани заминаи воқеӣ моҳиятан маънои тозаеро ифода кардааст. Он бо ташбеҳ шуданаш бо чашмаи ҳаёт, ки мушаххасан аз пистонҳои зиндагибахши модар маншаъ мегирад, бо нигоҳи нав рӯи кор омадааст. Ин тозакории Муъмин Қаноатро Муҳаммадҷон Шукуров истиқбол намуда, дар «Сухан аз лирика ва мазмуни ҳаётии он» ном мақолааш қайд мекунад: «Оби ҳаёт», «чашмаи ҳаёт» образи куҳнаи анъанавист, вале ин ташбеҳ маънои амиқе пайдо кардааст: «Ҳар фарзанди инсон, ки дар дунё умри ҷовидон ёфтааст ва номи ӯ абадӣ хоҳад монд, аз меҳру шафқати модар, аз осори тарбияти модар ба ин давлат расидааст» [Шукуров 1970, с. 183-224].

Гоҳе ҳамин гуна таркибу ибораҳо, ки дар шеъри классикӣ корбурди фаровон доштанд, дар шеъри муосир гузинаҳои дигари худро рӯнамо карданд. Масалан, ташбеҳи сарв бо қади ёр ба мисли «сарвқад», «болобаланд», «сарвқомат» ва ғайра, ки аз маъмултарин таркибҳои шоирона

дар адабиёти гузашта маҳсуб мешавад ва бо ҳамин тобишҳо дар оғози садаи XX низ фаровон ба кор рафтааст, насли ҷавонро нисбати худ бетафовут намегузошт. Аз ҷумла, Лоиқ Шералӣ гузинаи дигари онро дар шеър ба кор бурдааст:

Чун арчаи соли нав ороста будӣ ту,

Аз қадди ту гул мерехт, то рӯз шарар мерехт

[Шералӣ 1971, с. 78].

Ташбеҳи қади ёр бо сарв аз шеъри классикӣ заминаи ин биниши Л. Шералӣ гардидааст, то ӯ гузинаи дигари онро рӯи кор биёрад. Ин таркиби классикӣ пеш аз Лоиқ Шералӣ низ заминаҳои навтареро дар адабиёти муосир ба бор оварда буд. Он тамоман  бо тарзи дигар ва ниҳоят шоирона дар шеъри Муъмн Қаноат ба кор рафтааст:

Мӯйи сиёҳ бар қади мавзун чу обшор,

Чашме чу чашмаи сафо, рӯйе чу навбаҳор,

Қадде ба мисли шаршара ларзону беғубор [Қаноат 1970, с. 9].

Ин шеър бо назокату зебоӣ ва баёни равону шоирона офарида шудааст. Калима ва ибораҳои дар он бакоррафта бо навӣ ва тозагии худ тамоман дар руҳияи нав эҷод гардидани онро нишон медиҳанд. Ташбеҳи мӯй ба обшор тасвири маҳзи шоиронаест, ки бо дид ва нигоҳи комилан тоза рӯи кор омадааст. Муъмин Қаноат бо ташхис додани мӯй бо обшор қаноат наметварзад ва ҳамон ташбеҳи серистеъмоли «сарвқад»-ро, ки авроқи девонҳоро пур кардааст, бо гунаи дигар руи кор меорад. Яъне, қади дар назар доштаи ӯ на ба сарв, балки ба обшор ташбеҳ мешавад, ки тамоман нав ва шоирона аст. Гузашта аз ин, сифатҳои ларзону беғубори шаршара ба қомати ёр шабоҳат пайдо мекунанд.

Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ ва навоварӣ дар шеъри муосир, аз як тараф, боиси пайдо шудани таркибу ибораҳо ва образҳои наву тоза гардида бошанд, аз тарафи дигар, шоирон таркибу ибораҳоеро, ки дар шеъри классикӣ маъниҳои маҷозӣ касб карда буданд ва мушаххасан ба ин ё он хитоба ташбеҳ

мешуданд, ба асли худ баргардондан мехостанд. Масалан, оҳу, ки дар адабиёти классикӣ рамзи ёр ва мушку анбарро гирифта буд, дар шеъри Ғаффор Мирзо ба маънои аслии худ ба кор рафт:

Бибаро ту ба қуллаи кӯҳсор,

Сина бикшо чу оҳуи кӯҳӣ [Мирзо 1971, с. 114].

Дар ин шеър оҳу бо хулқу атвори худ ва воқеӣ ба тасвир омадааст. Ғайри ҳамон оҳуи кӯҳӣ ҳеҷ ташбеҳу образи дигаре дар мисоли он дида намешавад. Дар навбати худ ин пора хеле шоирона ва дилнишин баён гардидааст. Ҳамин гуна тасвири воқеиро дар мисоли оҳу дар шеъри Ғоиб Сафарзода низ мушоҳида менамоем:

Маро ҷӯед ҷое, к-оҳувонаш ҳокими кӯҳанд,

Зи ҳар сӯ қаҳ-қаҳи кабкаш ба дилҳо роҳ меҷӯяд

[Сафарзода 1978, с. 16].

Ҳокими кӯҳ будани оҳувон ба ҷуз образи воқеӣ дар нишон додани хусусиятҳои кӯҳсорон маънии дигареро ифода намекунад. Яъне, оҳу ба маънии аслии худ дар шеъри Ғоиб Сафарзода низ ба кор рафтааст, ки ин яке аз хусусиятҳои назми муосир дар корбурди таркибу вожа ва образҳои классикӣ мебошад. Бе маҷоз ба кор рафтани оҳуро мо дар шеъри бисёре аз шоирони дигари муосирамон вомехӯрем. Масалан:

Ҳамчуноне, ки шӯхии оҳу

Базми оғӯши кӯҳсорон аст [Шукӯҳӣ 1950, с. 9].

Истифодаи таркибу иборaҳо ва образҳои анъанавӣ бо андак тағйир дар шеъри Мирзо Турсунзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Боқӣ Раҳимзода боқӣ монданд. Аммо Ғаффор Мирзо, Муъмин Қаноат, Ғоиб Сафарзода, Ҳабибулло Файзулло, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир ва дигарон пойбанди ин гуна таркибу образҳои анъанавӣ намонда, барои офаридани образҳои тоза дар шеър ва бо диди баланди ҳунарӣ майл ба таркибу иборасозиҳо карданд.

Накди адабӣ аксаран дар таҳаввули шеъри муосир аз қабили тозакориҳо ва ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар он хидмати ду тан аз саромадони ин

падидаро хеле арзанда арзёбӣ мекунад, ки яке Ғаффор Мирзо ва дигар Муъмин Қаноат мебошанд. Мактаби адабии бузурге, ки ин ду нафар поя гузоштанд, баъдҳо шоирони зиёдеро парвариш кард. Агар шоирон аз шеъри Ғаффор Мирзо кор гирифтан аз забони зиндаи мардумро омӯхта бошанд, аз шеъри Муъмин Қаноат ҳунари нигориш, тарзи баён ва нигариш ба ашёро аз бар намуданд. Дар воқеъ, шеърҳои Муъмин Қаноат дар мисоли «Пири гулфурӯшон», «Гули бодом», «Обшор» ва ғайра аз аввалин шеърҳое буданд, ки бо тасвиркориҳои тоза ва нигариши шоирона рӯи кор омаданд. Ҷустуҷӯҳои хунарӣ дар мисоли таркибу ибораҳои шоирона ва ташбеҳу образҳои воқеӣ дар онҳо зоҳир гардид, ки ҳунари баланди шоирии ӯро таҷассум карданд. «Пири гулфурӯшон» аз беҳтарин шеърҳои тасвирии устод маҳсуб мешавад.

Дар шеъри мазкур ҳама чиз воқеӣ ба назар мерасад: пири гулфурӯшон, ҷомаи беқасаб, локии шоҳӣ, саллаи суф, сабади гул. Дар ин шеър, ҳамон навъе ки Аскар Ҳаким менависад, «тасвири кӯҳсор, ки одатан бо ташбеҳу истиора ва сифатҳои қолабӣ ва забонзадшудаи сарбафалак, осмонхарош, уқобногузар ва монанди инҳо адо карда мешуд, монеъ шуда, бо овардани сифатҳое, ки маҳз ба ҳамин ҳолат дахл доранд, тасвирро мушаххасу хотирнишин ва оҳанги баёнро табиӣ гардонидааст. Ба ин чиз, бешубҳа, хусусияти халқии ҷузъиёти бадеии шеър низ мадади калон кардааст» [Ҳаким 2017, с. 109].

Тасвиркориҳои Ғаффор Мирзо низ дар шеър барои шоирони минбаъда заминаҳои густурда фароҳам овард. Дар шеъри ӯ  ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ ва тасвирҳои шоирона ба тарзи воқеӣ рӯнамоӣ мешаванд, ки ҷолиби диққатанд. Масалан, дар шеъри «Шаршараи Восеъ»-и ӯ чунин тасвири зебою дилнишинро мебинем:

Пардаи обӣ табиат бофтаст,
Ҳамчу модар бар дараш партофтаст...[Мирзо 1971, с. 80].

Ҳарчанд ин пардаи бофтаи табиат аз оби шаршара барои пинҳон кардани қаҳрамон дар пеши ғор ба кор рафтааст ва ба таври воқеӣ тасвир шудааст, вале дар навбати худ тасвири баланди шоиронаест, ки дар он айём назири худро камтар дорад. Ибораи пардаи обӣ ҳунари баланди шоирии Ғ. Мирзоро нишон медиҳад.

Аминҷон Шукӯҳӣ дар шеъри лирикии худ дар ҷусторҳои ҳунарӣ тавфиқи зиёд ёфта буд. Дар шеъри лирикии ӯ воқеияти рӯзгори худи ӯ, баёни ҳолоти дили ошиқонаи ӯ хеле самимона, воқеӣ ва бо нигоҳи нисбатан тозатар ва мутафовит аз ҳамзамонони худ таҷассум мешавад. Дар воқеъ, «...усули тозаи ишқсароӣ, пеш аз ҳама, дар эҷодиёти Шукӯҳӣ ва баъзе ҳамсолони ӯ бештар муваффақият пайдо кард» [Шукуров 1970, с. 183-224], ки мо ин хусусиятро дар китобҳои солҳои аввал таълифнамудааш, аз ҷумла, «Ватани сулҳ», дар шеърҳои «Маро танҳо ту бинмудӣ фаромӯш», «Кош бошад кӯчаҳо дуру дароз», «Ситорааш гарм» ва ғайра мушоҳида менамоем. Дар шеъри «Маро танҳо ту бинмудӣ фаромуш»-и ӯ амалиёти қаҳрамон бо баёни шоирона зоҳир мегардад:

Парешаб ман аз он роҳе, ки ҳарду
Ҳамерафтем як вақте, гузаштам,
Ба зери он дарахту он лаби ҷӯ
Туро бар ёд оварда нишастам... [Шукӯҳӣ 1950, с. 44].

Дар идомаи ин чаҳорпора ғайр аз пораи аввали он, ки барои кушоиши мавзуъ хидмат мекунад, навори воқиеро аз пеши чашм мегузаронем, ки бо самимият баён гардидааст. Шоир рӯзҳои ширини умри худро дар хиёбонҳои ошно, ки замоне ҳамроҳи маҳбубаи худ мегашт, ба хотир меорад ва он рӯзҳои рафтаро бо ҳасрати тамом ба таври воқеӣ тасвир мекунад ва дар ҳар банди минбаъдаи шеър як ифодаи зебои шоирона таҷассум ёфтааст, ки шукӯҳи шеърро боз ҳам боло бурда, онро дилрас мегардонад. Намоён будани акси ситорае, ки замоне маҳбубаи шоир онро рамзи ишқи худ маънидод мекард, дар шеър воқеӣ ва шоирона ба тасвир омадааст. Шохи райҳонро

шикаста ба рӯи ёри худ задан низ аз рамзҳои маъмул миёни ошиқон аст, ки дар шеър хеле ошиқонаю дилкаш ифода меёбад. Ва ниҳоят, хам гаштани шохаҳои сияҳбед, ки ба мӯйҳои ёр ташбеҳ шудаанд, ба сари ин ошиқи нишаста ба ёди рӯзҳои гузашта бозёфти нодир дар шеъри ин шоири рангинбаён талаққӣ мешавад. Ин тарзи ифода дар шеърҳои дигари ӯ низ боз ҳам мушаххастар ба назар мерасанд.

Ташбеҳи мӯйи маъшуқа ба шохаҳои овезони беди маҷнун дар мисоли таркибу ибораҳои «мӯйи маҷнунбед», «кокулони беди маҷнун», «чавгони маҷнунбед» ва ғайра дар адабиёти солҳои 60-70 зиёд ба чашм мерасад. Масалан, дар шеъри «Ёдаш ба хайр»-и Мастон Шералӣ чунин як тасвири марғубу шоиронаро мушоҳида менамоем:

...Рӯй не, як пораи хуршед буд,
Мӯй не, чавгони маҷнунбед буд [Шералӣ 1977, с. 90].

Ташбеҳи рӯй ба як пораи хуршед низ дар ин шеър, дар баробари куҳна ва зиёд ба кор рафтанаш дар адабиёти гузашта, дар айни замон мусиқӣ ва хушоҳангии қофияро таъмин намуда, шеърро зебоӣ мебахшад.

Ҳамон манзараи марғубро, ки дар шеъри Аминҷон Шукӯҳӣ дида мешавад, дар шеъри Ғоиб Сафарзода низ мушоҳида менамоем:

Агар афтад гузорам аз бари он арчаи сарсабз,
Ки аз боди вазон бо сози ду дил рақс мекард он.
Агар афтад гузорам аз канори ҷӯйбори соф,
Ки дар оинаи худ чеҳраҳоро акс мекард он...
Агар афтад гузорам боз рӯзе, сар набардорам,
Ҳазар дорам ман аз дидори онҳо, шарм медорам
[Сафарзода 1978, с. 64].

Шеъри Ғоиб Сафарзода дар овони ҷавонии ӯ, соли 1965 навишта шудааст, вале бо вуҷуди ин шоир тавонистааст дар шеъри шогирдонааш манзараеро аз ҳаёти воқеии худ ба тасвир бикашад. Дар шеъри Шукӯҳӣ қаҳрамон бевосита ба маҳбубаи худ хитоб мекунад ва рӯзҳои рафтаро ба ёди

ӯ мерасонад, аммо дар шеъри Ғоиб Сафарзода мухотаб манзур нест. Ӯ ин ҳиссиётро бевосита ба хонанда мерасонад. Аз лиҳози ҳунарӣ низ тасвирҳои шоиронае дар ин шеър манзур шудаанд, ки бо вуҷуди корхӯрда буданашон тавонистаанд девораҳои ин манзараи ба тасвир омадаро оро бидиҳанд. Акси чеҳраҳои ду дилдодаро нишон додани ҷӯйбор дар оби оинасон тасвири баланди шоиронаест, ки шеърро зебо ба ҷилва меорад. Бо вуҷуди ин, тасвири воқеии манзара кофист, ки шеърияти ин сурударо нигоҳ дорад. Маҳз ҳамин тасвири дарё ва ташбеҳ шудани он ба оина, ки таҷассумкунандаи чеҳраҳои инсонҳо ва табиат маҳсуб аст, баъдҳо дар шеъри Ғоиб Сафарзода бо тасвирҳои марғуби шоирона рӯи кор меояд ва аз ташаккули бинишу нигоришҳои шоиронае, ки беш аз пеш рушд ёфтаанд, дарак медиҳад. Масалан:

Моҳи комил аз фазо чун дилбари дилбохта,
Чеҳра дар оинаи дарё тамошо мекунад...
Ҳар гиёҳи соҳили дарё табассум мекунад,
Зиндагиро рӯд дар ҷӯшаш таҷассум мекунад

[Сафарзода 1978, с. 22].

Дар муқоиса ба шеъри пешин, ки зикраш рафт, бавижа ташбеҳи оинаю об, ин ҷо тахайюлоти рангини шоир афзалияти бештар дорад. Ҳарфи дили Ғоиб Сафарзода эҳсос мешавад. Тамошо кардани маҳтоб чеҳраи худро дар оинаи дарё ва  зиндагиро таҷассум кардани рӯд дар мисоли табиат хеле дилкашу дилнишин аст, киназирашро дар адабиёти солҳои мавриди назар камтар вомехӯрем. Ҳамин гуна ташбеҳи оинаю об дар як шеъри дигари ӯ низ зебо баён гардидааст:

Кӣ имшаб дар лаби ҷӯйи мусаффо бо ту биншаста,
Ба рӯйи об аксашро бари акси ту ларзон дид?

[Сафарзода 1978, с. 103].

Дар ҳар сурат воқеӣ ба тасвир гирифтани манзара, ки дар шеъри солҳои 40 рӯ ба инкишоф дошт, бо кӯшиши шоироне чун Мирзо Турсунзода,

Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Муъмин Қаноат, Ғаффор Мирзо, Мастон Шералӣ, Қутбӣ Киром ва дигарон рафта-рафта бо тобишҳои шоирона пайванд хӯрда, таҷассумкунандаи зиндагии воқеии инсонҳо гардид. Насли дигари шоирон, аз қабили Лоиқ Шералӣ, Ҳабибулло Файзулло, Бозор Собир, Гулрухсор, Сайдалӣ Маъмур, Гулназар ва дигарон дар зери таъсири сурудаҳои онҳо, бахусус сурудаҳои Ғаффор Мирзо ва Муъмин Қаноат, ки дар ин роҳ тавфиқи бештар ёфта буданд, ба шеър бо нигоҳи дигар менигаристанд ва равиши худро дар ин роҳ пайдо менамуданд. Акнун дар шеъри ин шоирон ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ густариши бештар меёфт. Дар шеъри Муъмин Қаноат нигариш ба мавзуъ бештар бо нигоҳи шоирона ва тарзи ифода, ибораоройӣ ва хаёлпардозиҳои рангин, нигариш ба зоҳиру ботини шеър сурат мегирифт. Дар воқеъ, «Нақши шеъри Муъмин Қаноат дар пешравии завқи шоирони солҳои 60-80 ниҳоят равшан аст» [Ашӯров 1991, с. 71]. Масалан, дар ин шеъри Қутбӣ Киром:

Солҳо истода ин кӯҳи баланд
Ҳамчу марди бовиқору арҷманд.
Гарчи он аз сина ганҷе сӯхтаст,
Бар тани худ ҷома аз гул дӯхтаст... [Киром 1963, с. 48].

Бар тани худ ҷома аз гул дӯхтани кӯҳ ва бовиқору арҷманд ба сурати як мард ба тасвир омадани он агарчанде ҳунари шоирии Қутбӣ Кироммро зоҳир менамояд, ин пора ёди хонандаро ба суроғи шеъри «Пири гулфрӯшон»-и Муъмин Қаноат мебарад. Таъсирпазирии Қутбӣ Киром аз шеъри Муъмин Қаноат ба содагӣ зоҳир мегардад. Шукӯҳу шаҳомат ва ҳунари баланде, ки дар шеъри Муъмин Қаноат дида мешавад, ба ҳеҷ ваҷҳ дар ин шеъри Қутбӣ Киром ба чашм намехӯрад. Гузашта аз ин, норасоиҳое, ки аз лиҳози ҳунарӣ ва тарзи баёну таносуби сухан дар ин сурудаи Қутбӣ Киром ҳаст, ки намешавад онро ҳамсанги шеъри Муъмин Қаноат донист. Масалан:

Чашмаҳо аз синаи ҷӯшони ӯ
Меҷаҳанд чун шир аз пистони ӯ... [Киром 1963, с. 48].

Оё мешавад кӯҳеро, ки чун марди бовиқор ба тасвир омадааст, сифати занона дода, аз ширу пистон ном гирифт ва ё ин кӯҳро, ки акнун дар байти мазкур сифати занона гирифтааст, шоир, ки худ аз ҷинси мард аст, шабеҳи худ ба қалам бидиҳад? Дар байти мақтаъ мехонем:

Кош ман ҳам мисли ин кӯҳи диёр

Суд орам баҳри халқи номдор [Кором 1963, с. 48].

Баъдҳо бардоштҳои чашмрасе аз ин манзараи батасвиркашидаи Муъмин Қаноат дар шеъри шоирон аксаран муваффақона сурат гирифтаанд. Масалан, дар шеъри «Яхрӯд»-и Ҳабибулло Файзулло ҳамон дастори сафеди даври сари сангро мушоҳида менамоем, ки бегумон, аз шеъри «Пири гулфурӯшон»-и Муъмин Қаноат таъсир пазируфтааст. Аммо тарзи ифода ва ҳунари нигориш дар шеъри Ҳабибулло Файзулло тамоман мутафовит ва хоси нигариши худи ӯст:

Гирдбодест паси шаршараҳо,

Гарди дарё ба ҳаво печида,

Мавҷ монандаи дастори сафед

Ба сари санги сияҳ печида [Файзулло 1977, с. 49].

Ин тасвири баланду шоиронаест, ки дар таҷассуми шаршара ва мавҷҳои сафеди рӯд рӯи кор омадааст. Дар воқеъ, кафкҳои сафеди об, ки аз резиши шаршара ва бархӯрди рӯд бо сангҳо пайдо мегарданд, дастори сафедеро мемонанд, ки гирди сари сангҳои сиёҳ печонда шудааст.

Ҳадафнокии шеъри солҳои 60-70 чун шеъри солҳои 40-50-ум ва қабл аз он аслан аз мавзуи он шакл мегирифт. Як мавзуъ метавонист дар шеъри чанд шоири ин давра бо як мазмун ва як ҳадаф рӯнамоӣ кунад. Аз ин лиҳоз, ба инобат гирифтани ҳунари офариниш дар бурду бохти шеъри шоирони ин замон масъалаи аввалиндараҷа дар кори таҳқиқ маҳсуб мешавад. Масалан, ба кайҳон рафтани инсон мавзуест, ки диққати аксари шоирони солҳои мавриди назарро ба худ кашидааст. Тасвири воқеии ин мавзуъ дар шеъри солҳои 40-50 он қадар корхӯрдаю обшуста шудааст, ки дигар ҳоҷати таваҷҷуҳ ба он дар

шеъри шоирони солҳои баъд ҳам намонда буд. Аммо ин мавзуъ, ки яке аз мавзуъҳои иҷтимоии замон дар саросари шуравӣ ба ҳисоб мерафт, шоиронро водор менамуд, то ба он ба тарзи дигар бинигаранд. Акнун ҷустуҷӯи ҳунарӣ ва тасвири бикр дар ин мавзуъ зарур дониста мешуд, ҳамон тавре, ки Қутбӣ Киром дар шеъри «Дӯст медорам шаби бехобро» онро ин гуна ба тасвир кашидааст:

Доғҳои синаи моҳи мунир
Баҳри ман, эй дӯст, дигар олам аст,
Гар варо бинам ба чашмони кушод,
Доғ не, он нақши пои одам аст [Киром 1963, с. 100].

Шоир танҳо ба хотири ифода кардани мақсади ягонаи худ, ки рафтани инсон ба кайҳон аст, манзараи аҷиберо дар моҳ ба мушоҳида мегирад. Он доғҳои намоёни рӯи моҳро на доғи синаи моҳтоб, балки нақши пои одам ба қалам медиҳад. Мисраи охири байт бори маъноии тамоми шеърро мекашад ва ҳадафи ниҳоии шоир низ дар он хеле шоирона ва ҳунармандона зоҳир мегардад. Ин мавзуъ дар шеъри Ғоиб Сафарзода низ шакл гирифтааст, бардошт ва нигариши ӯ аз ин мавзуъ ба гунаи дигар сурат мегирад. Масалан:

Партия, эй машъали имрӯзу фардои ҳаёт,
Бо ту мо бурдем пайғоми замин бар осмон,
Бо ту гардидем кошифи ҷаҳони ахтарон,
Бо ту гардидем ҳамроҳи нахустин нуриён [Сафарзода 1978, с.15].

Дар шеъри мазкур масъалаи кашфи кайҳон бо ёрии партия сурат мегирад, ки ин пеш аз ҳама муҳаббату садоқати муаллифи онро ба партия нишон медиҳад. Ин шеър аз  ҷустуҷӯҳои аввалини Ғоиб Сафарзода дар ин мавзуъ маҳсуб мешавад. Ҳарчанд дар он мақсад хуб ифода ёфтааст, аз лиҳози шеърият як баёни мақолавиест, ки онро наметавон чун намунаи ҳунари шоирӣ вобаста ба мавзуи фавқ талаққӣ кард. Вале дар шеърҳои дигари ӯ, ки бори ҳамин мавзуъро бар дӯш доранд,  ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ ва шеъриятро мушоҳида кардан мумкин аст:

Нишаста рӯи боли орзуҳо,

Шино кардем дар баҳри фазо мо [Сафарзода 1978, с. 29].

Ташбеҳи осмон ба баҳри бекарон ва бо боли орзу шино кардани инсон агар шеърияти онро ҳифз кунад, аз тарафи дигар таъйидкунандаи кашфи кайҳон дар асоси воқеияти тасвир аст. Ҳамин мазмунро бо ҳамин тарзи ифода дар як рубоии шоир низ вомехӯрем, ки мани худро ба маънии васеъ, яъне мо, ба кор мебарад ва дар партави ин фалакпарвозиҳо ва кайҳонгардиҳои инсон, ки дар зимн мурод аз ин нозишҳо кашфи кайҳон аз ҷониби инсон аст, аз насли хушбахт будани худ дарак медиҳад:

Ман хокниҳодаму фалакпарвозам,

Нӯшида зи чашма обу дарёбозам,

Гардид ҷаҳони ахтарон сайргаҳам,

Дар рӯи замин бувад баланд овозам [Сафарзода 1978, с. 47].

Ҳамин тариқ, тозакориҳои шоирона дар шеъри солҳои 60-70 зина ба зина густариш пайдо карда, маъниҳои тозаю бикр дар адабиёт рӯи кор меомаданд. Нигариш ба мавзуи офтоб низ аз падидаҳои тозае буд, ки пайвастагии тамом ба табиат дошт. Баёни зебою шоиронаи тулуи офтобро дар шеъри «Боз як рӯзам гузашт»-и Лоиқ Шералӣ мушоҳида менамоем:

Панҷаҳои зарҳалии офтоби субҳгаҳ

Мисли дасти дӯст мекӯбад дарамро.

Ҳамчу дасти модарам ҳар субҳ рӯи бистарам

Сила месозад сарамро [Шералӣ 1971, с. 38].

Дар ин шеър нигариш ба мавзуи офтоб бо нигоҳи тоза зоҳир гардидааст. Нурҳои офтоб тимсоли дастони дӯст пушти дари гӯяндаи шеър панҷа мезананд ва гоҳе чун дастони модар сари ӯро сила мекунад. Дар шеър гарчанде таркибу вожаҳои шоирона ба кор нарафтаанд, ҳамин ташбеҳи зебо ва баёни сода кифоят мекунад, ки шеърияти он ияброз шавад. Нигариш ба мавзуи офтоб дар шеъри Мастон. Шералӣ, ки дар солҳои мавриди назар аллакай зинаҳои камолотро тай менамуд, низ зиёд ба чашм мерасад:

Хуршед чу пушти ҷар биафтод,

Дар ҷони уфуқ шарар биафтод.

Шом омаду хаймаи сиё (?) зад,

Маҳ хаймаи шом пушти по зад [Шералӣ 1977, с. 60].

Тасвири ғуруби хуршед дар шеъри классикӣ ва муосир бо тарзу услубҳои гуногун ба чашм мерасад. Аммо ин манзара дар шеъри мазкур тамоман бо тарзи нав рӯи кор омадааст. Дарвоқеъ, пушти ҷар афтодани хуршед ба маънии ғуруб нигоҳи наву тоза дар нигариш ба ин мавзуъ маҳсуб мешавад. Пушти по задани маҳтоб хаймаи сиёҳи шомро низ аз зебоиҳои ин шеър аст. Шеъри «Ними шаб»-и шоир тасвири моҳро боз ҳам зеботару шоиронатар нишон медиҳад:

Бунафша такя бар себарга дода,

Бароҳат дар канори ҷӯй хоб аст.

Ба болини пари қу сар ниҳода,

Қамар чун духтари хушрӯй хоб аст [Шералӣ 1977, с. 46].

Ин шеър аз тасвирҳои зебою шоирона саршор аст. Тасаввури манзараи такя додани бунафша ба себаргаҳои лаби ҷӯй хеле дилангез аст. Дар ҳоле ки аз ин дида тасвири зебою шоиронатаре моро дар байти дуюм интизор аст. Оё тасаввур мекунед, ки ба болини пари қу, яъне сафедии осмон, сар ниҳодани қамар ва ташбеҳи ӯ ба духтари хушрӯю нозанини сар ба болишти пари қу ниҳода чӣ қадар зебою шоирона аст? Дар ин солҳо чунин тасвирҳо, албатта, муваффаққияти бузург барои шоирон маҳсуб мешуданд.

Ҳамин ҳоло тасвири ғуруби офтобро дар тозакориҳои Мастон Шералӣ ва Лоиқ Шералӣ дидем, акнун нигариш ба ин мавзуъро дар мисоли тасвири тулуи офтоб дар шеъри «Рӯди Варзоб»-и Ҳабибулло Файзулло мушоҳида менамоем, ки боз ҳам дилкашу шоирона қаламдод шудааст:

Бомдодон чун барояд офтоб аз пушти кӯҳ,

Чун нигини зарҳалин рахшанда дар ангушти кӯҳ,

Қабзаи мӯест гӯё ранги тиллоранги он,

Боз мегардад ба олам субҳидам аз мушти кӯҳ

[Файзулло 1977, с. 38].

Дар ин шеър моҳиятан манзараи баромадани офтоб ва паҳн гардидани нурҳои он ба олам тасвир шудааст, аммо хушку холӣ не, балки бо орои ибораҳои шоирона ва наву дастнахӯрда. Ҳатто қофияҳо дар ин шеър бо хушоҳангии худ тавонистаанд мусиқии шеърро ҷон бахшанд. Ташбеҳи офтоб ба нигини ангуштарин агар як ташбеҳи корхӯрдаю маъмул бошад, дар ангушти кӯҳ рахшидани он ташбеҳи нобу шоиронаест, ки аз ҳунари баланду нигоҳи шоиронаи Ҳабибуллло Файзулло дарак медиҳад. Ба қабзаи мӯ ташбеҳ шудани нурҳои он ва ҳангоми субҳ раҳо шуданашон аз мушти кӯҳ нигоҳи тозаю шоиронаест, ки мисолашро дар шеъри ин давра камтар вомехӯрем. Ҳамин гуна як тасвири зебою шоиронаро дар мисоли гесӯ ва ташбеҳи он ба абри сиёҳ дар рубоии Ғоиб Сафарзода мехонем, ки хеле рангинхаёлона ба қалам омадааст:

Парвози шарори бахт аз хандаи туст,

Торикии шаб зи чини афкандаи туст.

Абри сияҳи ба қуллаҳо хобида

Гесӯи зи дасти ман парокандаи туст [Сафарзода 1978, с. 127].

Руҷуъ ба мавзуи офтоб ва бардоштҳои ҷолиб аз он дар шеъри шоирони ин давра хеле зиёд ба чашм мехӯрад. Ҳамин гуна як матлаби хубу шоиронаро дар сурудаи Гулрухсор низ мебинем, ки табиат дар он бо орои тоза ва дилнишин чеҳранамоӣ мекунад. Шеъри «Меҳрубонӣ мекунам»-и шоир аз ҳамин даст аст:

Медамад субҳи сафо чун шири навҷӯшидае,

Боз аз авҷи само хандад ба сӯям офтоб.

Мекушояд чеҳраи себарга дар лабҳои ҷӯй,

Месарояд булбули сармаст аз «ҷоми шароб»...

[Сафиева 1992, с. 15].

Чун шири навдӯшида ба тасвир омадани субҳи сафо ва хандидани офтоб агарчанде дар шеъри шоирон зиёд ба кор рафтаанд, кушодани чеҳраи себарга, ки солҳо боз ба гунаи дигар, яъне шукуфтан ба кор мерафт, дар ин шеър тозагӣ дорад. Дар воқеъ, ҳамин кушодани чеҳра ба маънии шукуфтан шеърро рангу бӯйи тоза медиҳад. Руҷуъ ба мавзуи офтоб ва ба тасвир кашидани он дар шеъри Ғоиб Сафарзода низ зиёд ба чашм мехӯрад. Масалан:

Хуршед ба кӯҳ сина молиду гузашт,
Оҳанги суруду рақси мо диду гузашт.
Аз тӯйи баҳор ҷомаи зардӯзӣ
Пӯшиду чу гул шукуфту хандиду гузашт

[Сафарзода 1978, с. 125].

Дар ин пора хуршед бо чеҳраи аслии худ рӯнамоӣ мекунад, яъне он ба чизе ташбеҳ намешавад. Балки ҳамон хуршеди осмон аст, ки дар шеъри шоир ҷон мегирад ва сифатҳои инсониро соҳиб мегардад. Дар нигоҳи шоир, ҳамоно хуршед сина ба кӯҳ молида мегузарад, ба замин менигарад, шодии инсонҳоро мебинад ва чун гул мешукуфаду бо лаби хандон меравад. Ҷомаи зардӯзӣ низ чун дастовез аз инсонҳо мегирад. Албатта, фақат шоир аст, ки хуршедро соҳиби чунин қудратҳо кардааст ва сифатҳои зебои инсониро ба он пайванд додааст.

Чашмаю дарёҳо, обҳои мусаффо низ ҳамеша илҳомовари шоирони ин давра будааст. Дар шеъри ин шоирон об тимсоли покию мусаффоӣ ва зиндагибахши инсонҳо ва ободии рӯзгори онҳо қаламдод шудааст. Бартарии ин мавзуъ низ дар шеъри ин шоирон дар тарзи ифода ва тасвири он зоҳир мегардад. Нигариш ба мавзуи об дар шеъри шоироне чун Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Ғаффор Мирзо, Аминҷон Шукӯҳӣ, Муъмин Қаноат, Қутбӣ Киром, Мастон Шералӣ, Ғоиб Сафарзода, Лоиқ Шералӣ, Ҳабибулло Файзулло, Бозор Собир, Гулрухсор ва дигарон бо ифодаҳои тозаю шоирона ва мусиқии равону дилнишин қаламдод шудааст. Масалан, дар шеъри «Рӯди кӯҳӣ»-и М. Турсунзода манзарае мушоҳида мешавад, ки дар он шоир бо рӯд

ба гуфтугӯ меояд ва бо услуби равону мусиқии дилнавоз тавсифи ҳаётбахшии онро мекунад. Дар баробари ин тасвирҳои шоиронае низ дар баъзе абёти он зоҳир мегардад, ки ҳунармандона баён ёфтаанд:

Чароғи хонаи моро фурӯзӣ,

Лаби чоки биёбонро ту дӯзӣ [Турсунзода 2011, с. 91].

Мо хуб медонем, ки манбаи нури чароғи хонаи мо ҳамон рӯд аст, ки дар шеъри шоир бо назокат ифода ёфтааст. Аммо тасвири баланди шоиронаи он дар мисраи дуюм дида мешавад. Магар лабҳои аз ғояти гармии офтоб парсинхӯрдаю таракбардоштаи биёбонро дӯхтани рӯд шоирона нест?

Ҳамин гуна мурочиат ба об чун мурочиат ба инсон бо забони малеҳ дар шеъри «Чашмаи сабоҳӣ»-и Муъмин Қаноат дида мешавад:

Ачаб нармӣ, ачоиб беғуборӣ,

Чу шарми духтарони кӯҳсорӣ....

Чу нози духтарони шӯхи Дарвоз

Чӣ ширинӣ, аё сарчашмаи ноз! [Қаноат 1970, с. 39].

Шоир дар ин шеър ба чашма бо забони малеҳ ва ширин мурочиат намуда, сифатҳои хуби инсонро ба мисли «шарми духтарони кӯҳсор» ва «нози духтарони шӯхи Дарвоз», ки чун ифодагари покию мусаффоӣ ва зебоии чашма ба кор рафтаанд, ба он нисбат медиҳад.

Дар шеъри дигари Мирзо Турсунзода, чун шеъри қаблан зикрнамудаамон, низ манзараеро мушоҳида мекунем, ки дар он об бо баёни зебо ва мусиқии гуворо чун рамзи ҳаётбахши мавчудот аз қуллаҳои кӯҳ поён мефуроояд:

Пиряххо қуллаҳои кӯҳро пӯшидаанд,

Аз забони ях дарахтон обро нӯшидаанд.

Рӯдҳои чорӣ аз ҳар як дара каф бар даҳон

Мечаҳанд аз санг бар санге хурӯшон, сарфишон...

[Турсунзода 2011, с. 129].

Дар ин шеър, пеш аз ҳама, ҳадафи шоир нишон додани мақоми об дар ҳаёти инсон аст. Аз лиҳози ҳунарӣ каломи мухайял низ бо баёни зебою шоирона ҷилванамоӣ дорад, ки мо онро дар байти аввал ва дувум мебинем.

Дар шеъри шоирон бештар манзараи аз кӯҳ фаромадани рӯд ба тасвир омадааст, ки ин намоди табиати Тоҷикистон аст. Яъне дар Тоҷикистони кӯҳсори мо бештар ҳамин гӯшаи табиат илҳомовари шоирони мо будааст, ки обро чун рамзи ҳаёти тамоми мавҷудот ба қалам додаанд. Дар воқеъ, шукӯҳу шаҳоматеро, ки рӯди кӯҳӣ дорад ва бо покию мусаффоии худ ва резишҳои ошиқонааш аз шаршараҳои баланд дили ҳар бинандаро тасхир мекунад, ҳеҷ як баҳру уқёнусу дарё надорад. Барои ҳамин ҳам ҷорӣ гардидани рӯд аз кӯҳсорон тимсоли зебоии шеъри мо гардидааст. Дар осори Муъмин Қаноат чунин шеърҳоро зиёд мебинем. Масалан, дар шеъри «Обаки шӯх»-и ӯ мехонем:

Обаки шӯхе чу тифли беқарор
Мешитобад аз миёни кӯҳсор.
Бо раҳи пурсанг поён меравад,
Беибо ғалтону хезон меравад... [Қаноат 1970, с. 18].

Шеъри «Обшор»-и ӯ намунаи олитарини тасвири рӯду шаршара аст, ки мо қаблан дар бораи он гуфтем. Он бо баёни равону шоирона ва мусиқии дилнавозаш ба гӯш мефорад. Дар воқеъ, ин роҳкушои бузург қадамҳои устувори худро дар ин роҳ гузошт ва даҳҳо нафарро аз дунболи худ бурд. Акнун барои шоирони баъдӣ гапи тоза гуфтан дар тасвири рӯду чашмасорон ва обшорон шарти асосӣ буд. Дар ин роҳ аксар шоирони мо муваффақ гардиданд ва андешаҳои худро дар мавзуи об чун манбаи ҳаёт бо тасвирҳои баланди шоирона рӯи кор оварданд. Ҳамин гуна як тасвири баланду шоиронаро дар мисоли шаршара дар шеъри «Шаршара»-и Мастон Шералӣ мехонем:

Мавҷ дорад мисли овози бара
Торҳои хушсадои шаршара.

Кӯҳ мерезад, ту гӯӣ, обро

Аз сабӯи хеш бар ҷоми дара [Шералӣ 1983, с. 61].

Дар ин шеър ҳама мисраъҳо шоирона баён гардидаанд. Ташбеҳи мавҷҳои хушсадои шаршара ба овози марғуладори бара хеле шоирона аст. Байти баъдӣ боз моро ба тахайюли баланди Мастон Шералӣ дар баёни мавзуъ ва ҳунари суханофарии ӯ ошно мегардонад. Хайрхоҳии кӯҳ, ки обро аз дили худ ба табиат нисор медорад, бо орои вожаҳое чун сабӯ ва ҷом тасвири шоирро боз ҳам дилнишин кардаанд. Бо ин калимаҳои обшуста, ки аксаран дар адабиёти тасаввуфӣ ба кор мерафтанд, шоир тавонистааст манзараи шоиронаеро тасвир кунад, ки аз лиҳози ҳунарӣ хеле баланд аст. Дар ин пораи шеърӣ қофия низ наву тоза ба чашм мерасад. Қофияҳоеро чун бара, шаршара, дара фақат метавон дар шеъри муосир пайдо намуд, ки шоир дар шеъраш таҷриба кардааст. Аммо Мастон Шералӣ дар ин шеър ҳанӯз чун дар шеърҳои дигараш пойбанди тахайюл нест ва ҳамеша кӯшидааст аз моҳияти манзараи ба тасвир кашидааш мақсадеро ба хонанда манзур кунад. Байти баъдии ин шеър ифодагари мақсади ягонаи шоир аст:

Дашт аз ин ҷом мастӣ мекунад,

Чун гулистон арзи ҳастӣ мекунад [Шералӣ 1977, с. 50].

Дар ҳамин байт мақсади ягонаи шоир ошкор мешавад, ки мехоҳад обро чун манбаи ҳаёти мавҷудот ва сарсабзии табиат ба қалам бидиҳад. Дар тасаввури шоир дашт аз обе, ки кӯҳ ба ҷомаш рехта буд, менӯшад, маст мешавад ва натиҷаи ин ҳама мастиҳою сархушиҳои дашт ҳамон сарсабзии табиат ва рӯидани гулҳост, ки мо дар ин байти шоирона хондем. Айни ҳамин манзараро бо ҳамин гуна тасвир дар шеъри «Субҳи баҳор»-и Ҳабибулло Файзулло боз ҳам равшану зебо ва шоирона мебинем:

Барф чун болҳои парканда

Аз сари шохаҳо фурӯ резад.

Ғул-ғули ҷӯйҳои яхбаста

Шаҳрро об дар гулӯ резад [Файзулло 1977, с. 13].

Фурӯ рехтани барф аз шохаҳо ва ҷорӣ шудани чашмаҳои яхбаста бо баёни шоирона аз омадани баҳор хабар медиҳанд. Ташбеҳи барф ба болҳои парканда ва шаҳрро об дар гулӯ рехтани чашмаҳо далели ҳунари хуби шоирии Ҳабибулло Файзулло мебошад. Фуромадани рӯд аз кӯҳсор ва давутози он дар рӯдхонаҳои пурпечухам воқеан, дар чашми бинанда давутози оҳубараеро ба ёд меорад, ки болои сангҳо ҷастухез мезанад. Ҳамин гуна тасвири зебою шоиронаеро дар ташбеҳи рӯд бо ғизол дар шеъри «Чашмасор»-и Гулухсор мехонем:

Худро ба ҳар сӯ мезанӣ чун мурғ дар қафас,
Болои санг меҷаҳӣ ҳамчун ғизоли маст...
Эй чашмасори ман! [Сафиева 1973, с. 27].

Ин тасвир дар шеъри Ғоиб Сафарзода пеш аз шеъри Гулрухсор, дар соли 1959, хеле дилнишину барҷаста рӯи кор омадааст:

Аз дили ҳар кӯҳ оби нуқрасон
Мезанад фаввора, меояд бадар,
Ҳамчу оҳубарраи масти ҷавон
Меҷаҳад аз санг бар санги дигар [Сафарзода 1978, с. 143].

Мавзуи об ва хусусияти ҳаётбахши он дар шеъри шоирони солҳои 60-70, чунон ки дида шуд, бо орои тасвирҳои тоза, ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ ва шоирона зиёд ба кор рафтааст. Умуман, табиати зиндаи диёр дар шеъри ин шоирон ҳамеша бо чеҳраи зебою мунаққаш намудор мешавад. Дар шеъри ҳар шоире вобаста ба вусъати тахайюл ва ҷусторҳои ҳунарии ӯ дар дарунмояи шеър оро меёбад. Шеъри замони шуравӣ ва умуман солҳои мавриди назар, ки шеъри иҷтимоӣ буд, ба шоирон камтар даст медод, то гардишҳои чашмрасеро дар ҷустуҷӯҳои ҳунарии худ ба миён биёранд. Албатта, онҳо бе тасвири шоирона набуданд, аммо тасвирҳое, ки дар шеъри иҷтимоӣ ба кор мерафтанд, тасвирҳои воқеӣ ва дар навбати худ ҳикматноке буданд, ки дар адабиёти ҳазорсолаи мо анъанаи қадима доранд. Ҳамин гуна тасвирҳои шоиронаро вобаста ба мавзуи иҷтимоӣ ва ҳикмату фалсафа дар шеъри

шоирони муосир зиёд мебинем. Ғоиб Сафарзода низ дар ин роҳ кӯшишҳои чашмрасе кардааст. Масалан, дар ин дубайтии ӯ мехонем:

Машав ҳайрон, агар дар тангдастӣ
Гиребонат бигирад ёри нобоб,
Табар, ки дастааш моли дарахт аст,
Зи хуни пайкари он мехӯрад об [Сафарзода 1978, с. 123].

Дар ин шеър ҳеҷ як талоше барои тахайюл ва ибораорой ба кор нарафтааст, танҳо баёни ҳунармандонаест, ки ҳикмати як масъаларо ба гунаи шоирона баён кардааст. Дар сабки ироқӣ ҳамин гуна тафсилот зиёд дида мешавад. Шоир аввал андешаашро баён мекунад ва баъдан барои асоснок кардани андешаи худ ҳикматеро ба кор мебарад. Ин ҷо низ шоир дар баробари андешаи худ, ки дар байти аввал овардааст, ҳикматеро дар байти дуюм чун далел ба гунаи шоирона ироа менамояд.

Барои шоирони солҳои 60-70 як роҳи раҳидан аз умумигӯӣ ва гуфтани шеърҳои қолабию мақолавӣ, ки ба ҷуз бори маъно дигар бадеият ва тахайюл дар онҳо камтар дида мешуд, рӯ овардан ба табиати зиндаи диёр буд. Акнун тасвири табиат, гулу гиёҳ, обу хок, рӯду чашмасор, долу дарахт ва ҳар чи, ки ба он марбут аст, ҳам ба шеърҳои лирикӣ ва ҳам ба шеърҳои иҷтимоии шоирон ворид гардида, диди ҳунарӣ ва бадеӣ, рангинии тахайюли онҳоро боло мебурд. Дар миёни шоирони ин солҳо муваффақтарин шоире, ки шеърашро бо табиат сахт омезиш додааст, Ҳабибулло Файзулло мебошад. Дар шеъри ӯ табиати зиндаи диёр ранг мезанад. Ӯ тавонистааст лирика, иҷтимоиёт, сиёсат ва ҳама ҷанбаҳои шеъри худро бо истифодаи кулли жанрҳои адабӣ бо табиат ва тасвири бевоситаи он пайвад диҳанд. Дар шеъри «Ёди ту»-и шоир, ки дар жанри чаҳорпора суруда шудааст ва аз шаш пора иборат аст, тасвири баланду шоиронаеро мебинем, ки назирашро ҳатто адабиёти форсӣ кам дорад. Ин тасвири шоирона дар омезиш бо табиат рӯи кор омадааст:

Тугмаи зарди гули қоқуи тар

Зинати даври гиребонат кунам

Чун гули бобуна сар боло кунад,

Дастаеро зеби дастонат кунам [Файзулло 1977, с. 51].

Ҳеҷ тасаввур мекунед, ки шоири рангинхаёли мо чӣ гуна тавонистааст гули зарди қоқуро, ки чун тугма мудаввар аст, зинати даври гиребони ёр кунад? Ин беҳтарин намуна дар ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ ва диди шоиронаи Ҳабибулло Файзуллост, ки рӯнамо шудааст.

Ғоиб Сафарзода бештар дар жанри рубоӣ ва дубайтӣ тавонистааст ба тахайюл ва тасвир ҷой гузорад. Дигар аз навъҳои шеърии ӯ фақат бори ҳикмат, иҷтимоиёт ва фалсафаи зиндагиро мебаранд. Ҳадафмандӣ дар онҳо хеле қавӣ ба чашм мерасад, аммо шеърияти онҳо ҳамсони дубайтию рубоиҳояш, ки дар онҳо тавонистааст ҳунари баланди шоирӣ ва хаёлпардозиҳои худро ба намоиш гузорад, нест. Масалан, дар ин байт:

Аз абр гуҳар ба барги гул рехтааст,

Гул муҳра ба гардани худ овехтааст. [Сафарзода 1978, с. 124].

Дар воқеъ, боридани қатраҳои борон аз абр ва дурахшиданашон ба рӯи барги гул ҳамели овехтае аз дурру гуҳар дар гардани гулро мемонад, ки онро фақат шоир дида тавонистаасту содаю равшан баён доштааст.

Хусусияти бештар ба гардани як ё ду жанри шеърӣ афтодани бори тасвир ва сувари хаёлро дар шеъри Қутбӣ Киром, Мастон Шералӣ, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Сайдалӣ Маъмур ва дигарон низ мебинем, ки ҳар кадоме бори тахайюлро ба гардани жанри адабие вобаста ба табъи худ бор кардааст.

Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри Ғоиб Сафарзода бо орои тасвирҳои тоза ва нигариши нав ба мавзуъ дар ин фасли рисола бар мабнои шеъри шоирони пешкисвати замони ӯ таҳлил ва баррасӣ гардид. Дар натиҷаи ин таҳлил гуфтан метавон, ки шеъри Ғоиб Сафарзода аз лиҳози дарунмоя ва ҳунари офариниш дорои хусусиятҳои хосе мебошад, ки шеъри солҳои 60-70 дар худ дошт ва бо часпу талошҳои худӣ дар меҳвари шеъри ин шоир, мавзуи матраҳ ҳам аз нигоҳи тасвир ва ҳам аз нигоҳи фарогирии мавзуъ ба гунае пухта

арзёбӣ мегардад. Маълум мешавад, ки шеъри ӯ обуранги дохилии худро аз сарчашмаҳое чун осори мардумӣ, шеъри ҷаҳон, шеъри гузаштагон ва муосирон фаро гирифта, бо диди нисбатан нав ва нигаришҳои тоза ва шоирона таҷассум намудааст.

Мазмуну мундариҷаи шеъри Ғоиб Сафарзода дар қатори шеъри шоирони солҳои 60-70 чун армуғони тоза ба адабиёти муосири тоҷик ворид шуда, мақоми ӯро дар адабиёт ҳифз менамояд. Мавзуъҳои мавриди назар дар шеъри ӯ бо нигаришҳои хос ва диду ҳунари шоирона матраҳ шудаанд. Ҳарчанд фаъолияти эҷодии ӯ зиёд давом накардааст, шоир тавонистааст ба мавзуъҳои меҳварии шеъри солҳои 60-70 дахл намояд ва сухани дили худро барои хонандаи шеъри тоҷикӣ ироа кунад. Мақоми осори Ғоиб Сафарзода дар як давраи даҳсолаи адабиёти муосирамон арзандаи таҳсин ва омӯзиш аст ва дар ин диссертатсия муфассал ба шеъри ӯ таваҷҷуҳ гардид.

## 3.2. Эҷодиёти Ғоиб Сафарзода дар манзари нақди адабии тоҷик

Нақди адабӣ дар таърихи адабиётшиносӣ ҷойгоҳи махсусеро дорост. Дар тули таърих таваҷҷуҳ ба нақди адабӣ аз ҷониби донишмандоне чун Муҳаммади Родуёнӣ, Рашиди Ватвот, Муҳаммад Авфии Бухороӣ, Шамс Қайси Розӣ, Насриддини Тӯсӣ, Низомии Арузии Самарқандӣ, Давлатшоҳи Самарқандӣ ва садҳо тани дигар сурат гирифта, назарияҳои мухталифе дар ин бахш пайдо шудаанд. Нақди адабӣ дар адабиёти муосир низ бо шеваю тамоюлҳои хоси хеш рушд ёфта, заминаҳояшро дар муайян намудани раванди адабиёти муосир мустаҳкам намудааст. Ҳамон навъе ки аз раванди таҳқиқи адабиёти муосири тоҷик пайдост, солҳои 60-70-уми асри гузашта ва баъд аз он нақди адабӣ дар баробари дигаргуниҳои зиёд ба худ касб кардани шеър (аз қабили ба майдон омадани тамоюли тозае бо номи «шеъри нав», сифатан такмил ёфтани шеър ва навҷӯиҳо дар он) маҷрои худро аз рӯдхонаҳое ба мисли «шоирӣ барои адабиёти пролетарӣ», «адибони кишоварз», «адибони пролетар», «адабиёти шаклан миллӣ ва мазмунан сотсиалистӣ» ва монанди инҳо ба ҷониби нақди андеша, муайян намудани ҳусну қубҳи асар ва арзиши бадеии он гардонида, дар ин замина корҳои зиёдеро ба сомон расонид. Дар ин хусус як қатор мунаққидон аз қабили Муҳаммадҷон Шукуров, Соҳиб Табаров, Маъруф Раҷабӣ, Худоӣ Шарифов, Юсуф Акбаров, Абдувалӣ Давронов, Абдунабӣ Сатторов, Асомиддин Насриддин, Абдураҳмони Абдуманнон, Аскар Ҳаким, Ҷумъа Ҳамроев, Мирзо Муллоаҳмадов, Абдухолиқ Набавӣ Кароматуллоҳ. Шукруллоев ва даҳҳо тани дигар мақолаю монографияҳои зиёдеро ба чоп расониданд.

Дар қатори асарҳое, ки дар ин давра ҷараёни инкишофи шеъри муосири тоҷикро аз ягон ҷиҳат мавриди баррасӣ қарор додаанд, метавонем мақола ва рисолаҳои Раҷаб Амонов «Баҳс идома дорад» [Амонов 1976, с. 99-101], Абдулқодир Маниёзов «Шеъри нав ва баъзе масъалаҳои шеърият» [Маниёзов 1970, с. 243-251], Холиқ Мирзозода «Розҳои маҳрамона ё сурудҳои замонӣ» [Мирзозода 1976, с. 138-148], Баҳром Сирус «Назарияи

нави қофиябандӣ дар назми тоҷик» [Сирус 1972, с. 81], «Оид ба шеъри нав» [Сирус 1965, с. 112-130], Муҳаммадҷон Шукуров «Паҳлуҳои таҳқиқи бадеӣ» [Шукуров 1976], «Сухан аз лирика ва мазмуни ҳаётии он» [Шукуров 1970, с. 183-224], Худоӣ Шарифов «Нардбони умрҳо» [Шарифов 1990, с. 139-143], Юсуф Акбаров «Қисмати инсон ва қисмати шеър» [Акбаров 1980], Ҳ. Шодиқулов «Ду мавзуи муҳимми шеъри имрӯз» [Шодиқулов 1976, с. 127-132], Абдунабӣ Сатторов «Баҳс идома дорад» [Сатторов 1976, с. 101-105], «Шеър ва зиндагӣ» [Сатторов 1975, с. 116-136], Аскар Ҳаким «Шеър ва замон» [Ҳакимов 1978], «Дар қаламрави  сухан» [Ҳаким 1982], «Аз ғазал то шеъри озод» [Ҳакимов 1975, с. 123-136] Валӣ Самад «Қадри як ғазал» [Самад 1973, с. 84-95], Хуршеда Отахонова «Пайванди ҳис ва андеша» [Отахонова 1982] ва чанди дигарро ном барем.

Навгониҳое, ки дар шеъри солҳои 60-70-уми асри гузашта ба назар мерасанд, пеш аз ҳама, дар ифодаи мавзуъ ва ғояҳои иҷтимоии ҳаётсоз зоҳир мешаванд. Табиист, ки ин масъала аз муҳокимаҳои бунёдии нақди шеъри ин давра канор намондааст.

Дар ин солҳо ақидае ба миён омада буд, ки ноҳамвории эҷодиёти ҷавононро фаъолияти хуб нишон додани мунаққид ва нақди адабӣ ҳамвор мекунад. Бинобар ин, мунаққидон ба осори ҷавонон бештар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, навиштаҳои шоирону нависандагони ҷавонро баробари аз чоп баромаданашон баррасӣ карда, ҳусну қубҳи онҳоро нишон медоданд: «Албатта, ин ҳама чорабиниҳо дар роҳи тараққии эҷодии ҷавонон омили муҳим ҳастанд, барои сабзиши қалами онҳо мадади калон мерасонанд, аммо бояд рӯирост гуфт, ки сабзиши эҷодиёти ҷавонон дар навбати аввал ба худи онҳо вобаста аст» [Раҳимзода 1959, с. 130-342].

Аҳли адаб бо аввалин навиштаҳои Ғоиб Сафарзода маҳз ба воситаи рӯзномаи «Педагоги ҷавон»-и Институти педагогии ба номи Шевченко ошно гардиданд. Шеъри ӯ аз ҷониби чанд тан устодони шеършинос, ки бевосита маҳфили адабии мазкурро роҳбарӣ мекарданд, каму беш мавриди баррасӣ

қарор гирифтааст. Аз аввалин касоне, ки дар гузоришҳои худ дар бораи Ғоиб Сафарзода ва фаъолияти шоирии ӯ ибрози назар кардааст, профессор Асомиддин Насриддинов мебошад. Мавсуф соли 1959 дар «Нахлҳои умедбахш» ном мақолааш менависад: «Ғоиб Сафарзода, ки нав қалам ба даст гирифтааст, аз қадамҳои аввалин истеъдоди хуб доштани худро исбот намуд. Яке аз хислатҳои хуби Ғоиб Сафарзода дар он аст, ки аз пайи мавзуъҳои умумӣ ва забонзада нарафта, лаҳзаҳои конкретиро ҷустуҷӯ мекунад» [Сафарзода 2010, с. 114].

Ҳамин шеваи гуфторро дар навиштаҳои Боқӣ Раҳимзода низ мебинем, ки дар маъруза ва ҷамъомадҳо каму беш ба фаъолияти эҷодии шоир таваҷҷуҳ кардааст. Боқӣ Раҳимзода, ҳамон навъе ки Зиё Абдулло дар як мақолаи ёддоштии худ навиштааст, аз заҳмату талошҳои шоири ҷавон Ғоиб Сафарзода қаноатмандона ёдовар шуда, дар маҳфиле гуфта будааст: «Ба худ серталаб бошед ва ҳаргиз қонеъ набошед. Мисли Ғоиб Сафарзода» [Сафарзода 2010, с. 7].

Чунин андешаҳои умумӣ ва тавсифӣ барои пешрафти эҷодиёти як адиби ҷавон наметавонанд таъсири мусбат расонанд. Пайдост, ки ин гуна тавсифҳо фақат барои руҳбаланд кардани як адиби навроҳ хидмат мекунанду бас. Пешгуфтори ба нахустмаҷмуаи шоир «Корвони орзу» навиштаи Мирсаид Миршакар ва тақризи ба китоби мазкур навиштаи Шовалӣ Саидҷаъфаров низ дорои ҳамин хусусиятанд. Мутаассифона, нақди адабӣ (ба истисноӣ як-ду мунаққид) возеҳтар ва ҷиддитар ба навиштаҳои Ғоиб Сафарзода дар замони зинда буданаш таваҷҷуҳ накардааст.

Гоҳе агар ин ё он завқманде шеъри дар рӯзномаҳои даврӣ чопшудаи ин ё он шоирро баррасӣ менамуд, маълум буд, ки дар он арзиши адабии навиштаҳои ӯ чандон ошкор намегардид. Онҳо аксаран хотирбинона навишта мешуданд ва барои адибон чандон манфиатовар набуданд. Шояд бо сабаби он, ки ашъори Ғоиб Сафарзода дар оғози фаъолияти эҷодиаш дар маҷаллаи бонуфузе чун «Садои Шарқ» (он солҳо «Шарқи сурх») камтар чоп мегардид,

мавриди таваҷҷуҳи мунаққидони ҳирфаӣ қарор нагирифта бошад. Бинобар ин, нақдҳое аз ин дастаро, ки шеваи интиқодашон ба қонуниятҳои нақди адабӣ созгор нестанд, наметавон чун намунаи нақди осори шоирон пазируфт. Тақризи ба китоби нахустини Ғоиб Сафарзода навиштаи Шовалӣ Саидҷаъфаров низ аз ҳамин қабил нақдҳост. Дар ҳоле, ки муаллифи ин тақриз метавонист дар баробари тавсифҳои дар бештари маврид бебунёдонаи худ айби шеъри ин шоирро низ бигӯяд ва ба ин восита барои чопи беҳтари шеъри як шоири ҷавон дар оянда маслиҳатҳои судманд бидиҳад.

Омили дигари ин кам нақд шудани шеъри шоирро мо дар фаъолияти рӯзноманигории ӯ мебинем, ки бо бардоштани масъалаҳои ҷиддие дар хусуси забон бо сиёсат печутоб хӯрд ва билохира чун як нафари ситезакору моҷароҷӯ аз тарафи ҳизби ҳокими вақт ба ҷомеа муаррифӣ гардид. Табиист, ки барои ҳимояи хеш аксарият мекӯшиданд аз овардани номи чунин афрод ба забон бипарҳезанд. Далели ин гуфта аз як суҳбати телевизионии Салимшо Ҳалимшо дар соли 1987 маълум мегардад. Ба қавли ӯ, зиёда аз ду моҳ китоби Ғоиб Сафарзода дар нашриёт интизори муҳаррир буд, вале касе ҷуръати ин вазифаро ба дӯш гирифтан надошт. Вагарна, шеъри Ғоиб Сафарзода, ки аллакай дар солҳои 1968-1972 хеле устувору пухта гардида буд ва шоир дар авҷи камолот қарор дошт, аз назари нақди адабӣ дур намемонд.

Шеърҳои давраи аввали Ғоиб Сафарзода, албатта, аз айб орӣ набуданд, аз ин рӯ чанд шеъре, ки дар миёни солҳои 1963-1964 дар маҷаллаи «Шарқи Сурх» чоп шудаанд, саривақт аз ҷониби донишманди варзида Муҳаммадҷон Шукуров мавриди интиқоди ҷиддӣ қарор гирифтаанд.

Мавсуф соли 1965 шеъри «Шуд вақти сафар»-и шоирро, ки соли 1963 дар шумораи якуми маҷаллаи «Шарқи сурх» чоп гардидааст, ёдовар шуда, навиштааст:

«Ғоиб Сафарзода дар шеъри «Шуд вақти сафар» (журнали «Шарқи сурх», 1963, №1) ҷавонеро тасвир кардааст, ки нав мактабро ба охир расонида, акнун ба роҳи ҳаёт ба сафар баромада истодааст. Қаҳрамони Ғоиб

Сафарзода азми қатъие дорад, ки тамоми ҳастии худро ба хизмати халқ супорад» [Шукуров 1965, с. 78-105].

Аз ин қабил шеърҳои шоирони ҷавонро мунаққид баённомаи эҷодии онҳо дониста, дуруст иброз медорад, ки шоирони ҷавон бо эҷоди чунин шеърҳо «...дар назди худ ва қаҳрамони худ вазифаҳои ҷамъиятӣ мегузоранд. Ин гуна шеърҳо хеле ҷолиби диққатанд ва барои муайян кардани доираи шавқу ҳавас ва ҷаҳонбинии ин ҷавонон аҳаммияти калонеро моликанд» [Шукуров 1965, с.78-105].

Ҳамин тариқ, мунаққид дар давоми мақола шеъри дигари Ғоиб Сафарзодаро, ки дар шумораи ҳафтуми «Шарқи сурх» соли 1963 бо номи «Ҳукми дили ошиқ» интишор гардидааст, мавриди интиқоди ҷиддӣ қарор медиҳад. Ӯ бо дилсӯзӣ ба шоирони ҷавону ояндадор, ки гоҳе дағалона қонуниятҳои шеърро вайрон кардаанд, менависад: «Бисёр шоирони имрӯза, ки ба ҳикматгӯӣ майлу рағбате доранд ва ин майли онҳоро бечуну чаро табрик кардан лозим аст, мутаассифона, аксаран ҳамин ҳаёти асосию образии шеърро фаромӯш мекунанд. Дар натиҷа шеър аз хусусиятҳои умумӣ иборат шуда, чун гапҳои муқаррарӣ ба гӯш мерасад ва ба хонанда таъсири матлубро иҷро карда наметавонад.

Шеъри шоири навқалам Ғоиб Сафарзода «Ҳукми дили ошиқ» («Шарқи сурх», 1963, №7) ҳамин гуна аст. Чунончи ду байти он:

Шарафнокӣ, бавиҷдонӣ, вафову меҳр парвардан
Чароғи некномиро ба дилҳо зинда медорад.
Ҳамеша рост гуфтан, рост рафтан, зистан бедоғ
Бақои умрро дар зиндагӣ поянда медорад.

Натанҳо дар ин байтҳо образе нест, балки дар дигар байтҳои ин шеър ҳам образи барҷастае дида намешавад, фикри шоир аз ҳаёт ҷудост, бо зиндагӣ алоқае надорад, бинобар ин чун фикри оқилона не, балки чун фалсафафурӯшии хушк ба назар мерасад» [Шукуров 1965, с. 78-105].

Муаллиф ҳатто дар поварақ калимаи «шарафнокӣ»-и дар сатри аввали шеъри мазкур омадаро нишон дода, онро калимаи сохта ва хунуки ба ҷои «шарафмандӣ» омада гуфта, ислоҳ намудааст. Албатта, чунин интиқод барои шоире мисли Ғоиб Сафарзода бетаъсир намемонд ва пайдост, ки ӯ аз пайи ислоҳи навиштаҳои худ ва бештар тавфиқ ёфтанаш дар ин роҳ кӯшишу талош менамуд.

Далели ин гуфта баъдан дар китоби нахустини шоир «Корвони орзу» зоҳир мегардад. Шеърҳое, ки дар мақолаи Муҳаммадҷон Шукуров мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, баъдан бо таҳриру такмили нав дар китоби мазкур интишор мегарданд. Масалан, шоир шеъри «Ҳукми дили ошиқ»-ро дубора кор карда, онро бо таҳрири ҷиддитаре дар аввалин маҷмуаи худ ҷо додааст.

Банди аввали шеъри мазкур дар маҷаллаи «Шарқи сурх» (1963, №8) чунин омадааст:

Чароғи ишқро, к-аз сӯзи ду дил шуълаафшон шуд,
Чаро сардона бо ин худсарӣ хомӯш месозӣ?
Чу соҳире ба ҳар созе дилам бар даст бигрифта,
Ба ҷону дил каломи дигареро гӯш месозӣ.

Ин банд дар китоби мавриди назар такмил ёфта, бо диди нисбатан шоирона ва такмили дониши адабии шоир пухтатар гардидааст:

Чароғи ишқро, ки рӯи роҳат шуълаафшон шуд,
Чаро бозаш ту бо ин худсарӣ хомӯш хоҳӣ кард?
Диламро карда афсун бо ҳазор оҳанг чун соҳир,
Ба ҷону дил каломи дигареро гӯш хоҳӣ кард?

[Сафарзода 1978, с. 99].

Дигар бандҳои ин шеър низ дар коргоҳи эҷодии шоир ба пуррагӣ таҳриру такмил ёфтаанд. Аз варианти дуюми онҳо маълум мегардад, ки шоир камбудиҳои пешинаро хуб дарк намуда, кӯшидааст мантиқу таносуб, вазну қофия ва маънию мазмуни онро дуруст намояд. Мисоли дигареро аз банди

ҳафтуми шеъри мазкур меорем, ки дар маҷаллаи «Шарқи сурх» (1963, №8) чунин омадааст:

Агар мефаҳмӣ ин сон каҷ ҳуқуқи зиндагониро,
Замонро аз паси тирезаи бас тира мебинӣ.
Ба гулзоре, ки гулҳои тару хушранг механданд,
Фақат худро шаҳи гулҳо ба чашми хира мебинӣ.

Ин банд, ки камбудиҳое дар мантиқу таносуб ва мазмуну маъно дорад ва андешаи шоир дар он чандон равшан ифода наёфтааст, дар таҳрири нав хеле дилкашу зебо ва равону фаҳмо гардида, дар маҷмуаи шоир интишор мегардад:

Агар бар зиндагӣ ин аст оҳанги нигоҳи ту,
Зи боғи орзу рӯзе гули пажмурда мечинӣ.
Ба гулзоре, ки гулҳои тару хушранг механданд,
Фақат худро шаҳи гулҳо ба чашми хира мебинӣ.

[Сафарзода 1978, с. 99].

Таъсири нақди адабӣ ба ашъори Ғоиб Сафарзода, ба вижа шеъри мазкур, хеле равшан мушоҳида мешавад. Муаллиф банди мавриди интиқод қарордодаи Муҳаммадҷон Шукуровро лоиқи таҳрир ва дубора интишор додан надониста, онро бо як банди дигари шеъри мазкур ҳазф менамояд. Шоир агар банди мавриди интиқод қарордодаи Муҳаммадҷон Шукуровро ба хотири аз доираи мавзуи шеър дур будан ҳазф карда бошад, банди баъдиро бо сабаби такрори бандҳои дигар, орӣ аз дурустии мантиқу таносуб ва берабт будани тасвирҳои он аз шеъри мазкур буридааст:

Муқаддас, безаволу пок бошад ишқи инсонӣ,
Нахоҳад гашт бо ҳукми дили ту доғдор асло,
Ба баҳри беканоре гар чакад як қатра оби лой,
Ба рӯи он нахоҳӣ дид осор аз ғубор асло.

Воқеан, баъдҳо Ғоиб Сафарзода дуруст дарк намудаст, ки муҳтавои ин банд чандон дилнишину шоирона нест ва донистааст, ки миёни «баҳр»-у

«ғубор»-у «лой» таносуби мантиқӣ дар тасвири офаридааш пайдо нашудааст. Бинобар ин, аз баҳри банди мазкур дар таҳрири нав гузаштааст.

Ғоиб Сафарзода бо вуҷуди он ҳама бархӯрдҳое, ки каму беш нақди адабӣ бо шеъраш доштааст, маъюсу дилшикаста нагардида, талош менамудааст худро ислоҳ созад. Аз ин ҷост, ки баъди як муддати тулонӣ М. Шукуров мақолаи худро таҷдиди назар карда, дар он аз пешрафти ҳунарӣ ва такомули диди бадеии шоир ёдовар мешавад. Мақола дубора бо шакли такмилёфта дар «Маҷмуи масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик» (соли 1970) интишор ёфтааст [Шукуров 1970, с. 183-224].

Дар шакли такмилёфтаи мақолаи мазкур андешаҳои ин адабиётшинос, албатта, барои сайқали истеъдоди шоир ва ҷанбаи ҳунарии шеъри ӯ аз манфиат холӣ набуд. Муҳаммадҷон Шукуров дар мақолаи такмилдодаи «Сухан аз лирика ва мазмуни ҳаётии он» иловатан навиштааст:

«… аз дубайтиҳои зерин дар ин роҳ хеле пешрафт кардани шоир намоён аст:

Як пораи кӯҳ сарнагун рафт,
Гардид ҷудо зи кӯҳ, чун рафт?
Чун дид шукӯҳи кӯҳ гум кард,
Фарёд зи синааш бурун рафт.

Инҳо ва дигар шеърҳои охирини Ғоиб Сафарзода шаҳодат медиҳанд, ки истеъдоди ӯ хеле хуб тарбия ёфта истодааст» [Шукуров 1970, с. 183-224].

Воқеан, нақди адабӣ шеърҳои солҳои 1960-1963 навиштаи ӯро аз диди ҳунарӣ, норавонӣ, таносуби сухан ва нодурустии банду басти асар ба гунае маҳкум мекард. Далели ин гуфта дар навиштаи адабиётшинос ва мунаққид Соҳиб Табаров «Дар зиндагӣ аз хеш гузорам асаре ман» возеҳтар намоён мегардад: «Баъзе нотамомии фикр, канда шудани рабти байни байтҳо, сустии санъату воситаҳои тасвири бадеӣ дар «Шайдои ту кист?» (соли 1963) барин шеърҳои шоир ҳоло чи аз ҷавонӣ ва нотамомияти бадеию услубӣ ва чи аз ҷустуҷӯҳои ӯ гувоҳӣ медоданд» [Табаров 1984, (а) с. 398].

Ба ҳар ҳол, дар оғози роҳ ҷилои ҷавҳари истеъдоди Ғоиб Сафарзода умеди соҳибназаронро баояндаи дурахшони ӯ меафзуд. Шовалӣ Саидҷаъфаров тақризи худро ба китоби «Корвони орзу»-и шоир ба ҳамин маънӣ ҷамъбаст карда, гуфтааст: «Ғоиб Сафарзода ҳоло дар айни камолот ва туғёни эҷодист. Вай ҳаракат дорад, ки ҳар як шеър аз шеъри дигараш, ҳатто ҳар як байт аз дигараш пурмазмун бошад» [Саидҷаъфаров 1969].

Қувваи дигаре, ки пайваста Ғоиб Сафарзодаро дар ҷодаи шеъру шоирӣ раҳнамоӣ мекарду таҳрик медод, мактубҳои пайиҳами адабиётшинос ва мунаққиди варзида Соҳиб Табаров буданд. Ин донишманд дар мактубҳояш ба адибон пайваста масъалаи адабиётро ба миён мегузошт ва бурду бохти навиштаҳои онҳоро матраҳ мекард. Навиштаҳои Ғоиб Сафарзода ҳам, ки дар рӯзномаю маҷаллаҳои даврии он замон чоп мегардиданд, аз мадди назари ин донишманд дур намемонданд. Адабиётшинос дар як мактубаш ба Ғоиб Сафарзода дар хусуси шеъри «Партия»-и ӯ чунин ибрози назар кардааст: «Дирӯз «Партия» ном шеъратонро хондам ва дар ҳар як банди он тапиши дили ҷавони имрӯзи советиро шунидам...

Албатта, ин мавзуъ ва фикрҳо ҳама нав нестанд, вале шеъри публитсистӣ ва гражданӣ маҳз ҳамин гуна фикр, ҷасорати фикрию ақлӣ, ғоянокии олиро талаб мекунад.

Равияи пешгирифтаатон шоири дӯстдорам Ғаффор Мирзоро ба хотир меорад. Вале Ғаффор Мирзо ҳар рӯз, ҳар соат, ҳар дақиқа эҷод мекунад... Аммо Шумо, Ёдгорӣ, Ҳабибулло (камтар) тасодуфан, хушам ояд, хушам наояд шеър мегӯед...

Меҳнат, меҳнати пурмашаққат, меҳнати тоқатфарсо, меҳнати хуншавии дили ҳассос, пуртапиш, беқарорро дар Шумо ва шумоён кам дида истодаам. Вале мисраъҳои банди

Бо ту мо дар зиндагонӣ инқилоб андохтем,
Роҳи дунёи дигар, роҳи саодат ёфтем.
Дар замин ахтар будему лек нопайдо будем,

Аз қудуми ту ба чашми оламиён тофтем.

Чунин самимона, шоирона ва табиӣ дар ҳаққти партия гуфта шудаанд, ки ҳеҷ кас (дар чунин ҳолат) ҳақ надорад ба истеъдод ва шеърдонию шеършиносии шумо шакку шубҳа кунад.

Танҳо истеъдодро сайқал диҳед, беамон хору молаш кунеду кор фармоед» [Сафарзода 2011, (б) с. 202].

Чунон ки ба чашм мерасад, дар ин навишта манзури мунаққид маломату сарзаниши шоири ҷавон нест, балки бо нармӣ айби ӯро ба рӯяш мекашад ва дилсӯзона маслиҳат медиҳад, ки худро ислоҳ намояд. Дар ин мактуб ҳам аз камбудӣ ва ҳам аз муваффақияти адиб гуфта шудааст. Албатта, бо чунин шева муносибат кардан бо адиби ҷавон ӯро бедор ва барои такмили ҳунару истеъдод ва таҷдиди назар дар навиштаҳояш раҳнамун месозад. Як хусусияти хуби ин мактубҳо дар ин зоҳир мегардад, ки онҳо мукотибаи миёни ду нафар, адиб ва мунаққиданд, яъне дастраси умум нестанд, ки адиб дар миёни ҷомеа худро маъюс ҳис кунад ва боҳавсала ва шавқи тамом кор карданро дар болои навиштаи худ аз он таъсире, ки аз нақди умумӣ мегирад, надошта бошад. Мактубҳои интиқодӣ дар коргоҳи эҷодии адибон мақоли «илоҷи воқеа пеш аз вуқуъ»-ро мемонанд, ки бо хондани онҳо дар болои навиштаҳои худ ҷиддитар кор мекунанд ва як асари мукаммалу пухтатареро дастраси хонандагон мегардонанд.

Мактуби дигари Соҳиб Табаровро меорем, ки бо ҳамон шеваи мактуби қаблӣ навишта шудааст ва албатта, дар сайқали истеъдоди Ғоиб Сафарзода аз манфиат холӣ набуд:

«Дирӯзакак се шеъратонро хондаму шод гардидам. Аҷаб мавзуе ёфтед барои шеъри «Изҳори садоқат». Ҷӯянда ёбанда аст, – мегӯянд, рост аст. Ҳисори Тоҷикистон ва Ҳисори Булғория гӯё ҳеҷ алоқае надоранд, аммо ин ду ном дар майнаи соҳир шоҳасар ба вуҷуд оварда метавонад. Идеяи шеъратон ҳам баланд аст. Хонанда интизори чунин шеърҳо аст, бо замми ин чун «Модар»-атон аналитикӣ, философӣ ва ратсионалӣ.

Ғазалатон ҳам ба ҳақир маъқул шуд. Ғазалро доимо машқ кардан лозим аст. «Шоир ва ғазал»-и Лоҳутиро хондаед? Мазмуннокии ғазал ҳам лозим ва онро дар «Ғазал»-атон ҳис кардам.

Боз чӣ гӯям? Хурсандам. Аз ҳад хурсандам барои се шеъратон. Танҳо хафаам, ки шумо, Ёдгорӣ, Мирак, Ҳақназар, Ҳакимзодаҳо қобилияти хуб дореду он қобилиятро сайқал намедиҳед. Гоҳ-гоҳ менависед. Аз ҳамин сабаб пешравии бузург чун Ғаффор Мирзо дар шумоён нест. Аз ин тунду тезии банда хафа нашавед! Комёбиҳои нав ёратон бод» [Сафарзода 2011, (б) с. 203].

Воқеан, шеърҳое, ки дар мактуби мазкур аз онҳо тавсиф шудааст, арзиши баланди бадеӣ ва эстетикӣ доранд. Ин мактуб соли 1969 навишта шудааст ва он замон ҳунари шоирии Ғоиб Сафарзода аллакай рӯ ба камолот дошт ва навиштаҳояш мазмуну муҳтаво ва мавзуъҳои мушаххасро соҳиб буданд. Шеъри «Изҳори садоқат»-ро шоир баъд аз сафари худ ба Булғория навишта, дар он ба шакли мушаххас дидаҳою шунидаҳои худро баён медорад. Мавзуи меҳварии шеър ба ҳам монанд кардани Ҳисори Тоҷикистон ва Ҳисори Булғория аст, ки дар диди  шоир монандиҳои зиёде миёни ин ду шаҳр омезиш меёбанд ва гӯё шоир худро дар Ҳисори шодмони ватани хеш тасаввур мекунад.

Соҳиб Табаров дар баробари он, ки фикру андешаҳояшро дар бораи навиштаҳои адибони ҷавон тариқи мактуб изҳор медошт ва навиштаҳои онҳоро гоҳе бо тундию нармӣ интиқод мекарду маслиҳатҳо медод, боз чун муаллими пухтакору пуртаҷриба аз онҳо талаб менамуд, ки чунин амалҳоро (то мактуби ояндааш) анҷом диҳанд. Ба ин восита месанҷид, ки оё маслиҳатҳояш натиҷа додаанд ё не:

«...Афсус, ки ҳамин ғайратро дучанд ва пас даҳчанд накарда истодаед. Боварӣ дорам, ки дар ояндаи наздик як силсила шеърҳои оригиналии Шумо, Ёдгорӣ, Мираков ва дигаронро хоҳам хонд...» [Сафарзода 2011, (б) с. 203].

Хулоса, мактубҳое, ки дар онҳо бурду бохти шеъри Ғоибю Сафарзода ба гунае гуфта шудаанд, дар омӯзиш ва сайқали истеъдоди ӯ чун дигар гузинаҳои нақди адабӣ саҳми арзанда доранд.

Дар замони ҳаёт будани Ғоиб Сафарзода нақди адабӣ ба таври лозим ба шеъри ӯ таваҷҷуҳ накарда бошад ҳам, ӯ бо роҳи мутолиаи васеъ ва таваҷҷуҳи камобеши донишмандон ва адибоне чун Асомиддин Насриддинов, Боқӣ Раҳимзода, Муҳаммадҷон Шукуров, Соҳиб Табаров дар атрофи шеъраш истеъдоди худро сайқал дод. Воқеан, «...агар чунин ҳамсадоии истеъдодшиносона пайгирона давом мекард, шеърҳои Ғоиб Сафарзода баъдан баҳои сазовори худро аз ҷониби адабиётшиносон мегирифт» [Сафарзода 2010, с. 72].

Нақди адабӣ замоне ба шеъри Ғоиб Сафарзода рӯ овард, ки ӯ тарки ин ҷаҳон карда буд ва ҳеҷ касе дар арзишдовариҳои шеъраш интиқоди воқеӣ ва ҷиддиро лоиқ надид. Баъдҳо ҳар касе, ки дар бораи ӯ мақолае менавишт, он тобиши ёдоварӣ ва посдории хотираи ӯро дошт. Бурду бохти шеъри ин шоири ҷавон, ки дар айни камолот аз миён рафт, зери парда пинҳон монд. Дар ҳоле, ки шеърҳояш аз лиҳози ҳунарӣ, диди бадеӣ, шеърият, тозакорӣ, навҷӯӣ дар назми солҳои 70-уми асри гузашта, хосатан дар миёни шеъри ҷавонони он солҳо ба арсаи адабиёт омада мақоми худро доранд ва аз часпу талошҳои шоирона холӣ нестанд. Баъдҳо то андозае шеъри Ғоиб Сафарзода дар ёдномаю хотираҳои донишмандон ва адибону рӯзноманигорон истиқбол ёфтааст, ки ин ба таъйиди мақоми ӯ дар шеъри солҳои 60-70 далолат мекунад.

### 3.3. Мақоми Ғоиб Сафарзода дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70

Мусаллам аст, ки солҳои 60-70 барои шеъри тоҷик як давраи бисёр пуртакопӯ ва пурборанд. Ин давраро мешавад давраи комили таҳаввули шеъри тоҷик донист. Зеро дар ин солҳо шеъри тоҷик натанҳо дар заминаи қолаб ва сохтор, балки муҳтаво ва ҷанбаҳои ҳунарии он ба мисли таркибофариниҳои шоирона, нигоҳи шоирона ба мавзуъ, сурат гирифтани тасовир дар заминаи воқеият ва ворид гардидани мавзуъҳои нав, ки ағлаб тобиши ҳувиятпарастӣ ва асолатхоҳӣ доштанд, худро ба сароҳат нав кард ва як раванди тозаи ҳунариро ба вуҷуд овард. Ҳарчанд дар ин давра таваҷҷуҳ ба қолаби шеъри суннатӣ, ки шуруъ аз оғози адабиёти муосир ба таҳаввулоти сохторӣ мувоҷеҳ шуда буд, як навъ идомаи корҳои пешин ба назар мерасид, тозакориҳои бисёре дар нав кардани дарунмояи шеър ба чашм мерасад. Аз тарафи дигар, муҳимтарин вижагии шеъри ин давра нав шудани шеър аз назари сохтор аст, ки дар қолаби арузи озод бо талошҳои Муъмин Қаноат дар шеъри тоҷик бо қавонини аслии худ рӯнамо гардид ва дар шеъри шоирони дигар рушду нуму ёфт. Шоирони ҷавоне, ки дар ин солҳо ба майдон омада буданд, се шарти муҳимро пешорӯи худ доштанд. Аввал, кӯшиш мекарданд таҷрибаҳои шоирони пешинро дар сохтори шеъри суннатӣ  идома диҳанд, дувум, мавзуи шеъри худро бо тобишҳои наву шоирона бозтоб кунанд ва ниҳоят, барои рушди шеъри нимоӣ ва чаҳорпора, ки  аз анвои нави адабӣ ба шумор мерафтанд, талош варзанд. Баҳсҳои зиёд дар атрофи баъзе анвои суннатӣ онҳоро водор намуда буд, ки муҳтавои баъзе аз навъҳои адабӣ, хосатан ғазал ва рубоию дубайтиро, бо истифода аз имкониятҳои шеъри нимоӣ нав кунанд. Бо ин васила моли ҳама давру замон будани ғазал барин навъи адабиро собит кардан мехостанд. Аз ин рӯ, ғазал дар ин давра дар осори бархе шоирон рушду нумӯи тоза ёфт ва бо зиндагии инсонҳои муосир ҳамоҳанг гардид.

Дар анҷоми ин корҳои бузург, дар баробари шоирон Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Озод Аминзода,

Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Суҳайлӣ Ҷавҳаризода ва дигар ҳамнаслони онҳо, шоирони тоза ба майдони адабиёт омада ба мисли Муъмин Қаноат, Ғаффор Мирзо, Ашӯр Сафар, Қутбӣ Кором, Мастон Шералӣ, Лоиқ Шералӣ, Ҳабибулло Файзулло, Бозор Собир, Гулрухсор ва дигарон Ғоиб Сафарзода низ бо талошу кӯшишҳои пайвастаи худ тавонистааст дар рушду такомули шеъри тоҷик як даҳсола нақши худро гузорад. Аз ин нигоҳ, ҳар таҳаввулу пешрафту навгоние, ки дар шеъри тоҷик дар миёни ин солҳо ба вуҷуд меомад, дар қатори ашъори дигар шоирон дар шеъри Ғоиб Сафарзода низ таҷриба мешуд. Бинобар ин, зарур аст, ки фаъолияти ӯ бо назардошти ҳамин унсурҳо дар ин фасли рисола баррасӣ гардад.

Қисми зиёди осори Ғоиб Сафарзодаро шеъри суннатӣ ташкил медиҳад. Шеърҳои Ғоиб Сафарзода дар шаклҳои гуногуни шеъри суннатӣ - ғазал, қитъа, маснавӣ, рубоӣ, дубайтӣ суруда шудаанд. Шаклҳои чаҳорпораю арузи озод низ дар осораш дида мешаванд. Ғазал дар солҳои 60-70 дар ашъори бархе аз шоирон, аз ҷумла дар ашъори Ғоиб Сафарзода, камтар мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта буд. Вале ӯ тавонист бо теъдоди андаки ғазалҳои худ мақоми ин жанрро дар миёни дигар навъҳои шеърӣ ҳифз кунад ва онро аз ҷиҳати ғоя ва мазмун дигаргунатар мавриди истифода қарор бидиҳад.

Ғазалҳои ӯро аз лиҳози мундариҷа ва услуби нигориш метавон ба ду даста тақсим намуд. Аввал ғазалҳое, ки дар пайравӣ ва ҳавои осори классикӣ навишта шудаанд, дувум ғазалҳое, ки аз лиҳози дарунмоя, ҳунари офариниш ва мушаххасоти забону баёни муосир аз дастаи аввал тафовут доранд. Чун намунаи дастаи аввал метавонем чанд байти ғазали зеринро аз осори шоир мисол биёрем:

Номаат чун панди пирон бар дилам таъсир кард,
Кард руҳамро дигаргун, ҳикмати сад пир кард…
Гуфт: «Хомӯшӣ бар аз нахли фаромӯшӣ диҳад»,
Ин хитобат мурғи илҳоми маро шабгир кард…
«Бе мураббӣ зери гардун муътабар натвон шудан,

Моҳи навро рафта-рафта чарх оламгир кард»

[Сафарзода 1978, с. 169].

Ин ғазал дар ҳавои ғазалҳои классикон суруда шуда, дар он руҳи замони шоир камтар эҳсос мегардад ва байти мақтаи он, ки тазмин аз шеъри Сайидои Насафист ин андешаро тақвият мебахшад. Гузашта аз ин, забону баёни он низ наздик ба забону баёни ғазалҳои пешин аст. Акнун чун намунаи дастаи дувум ин байтҳоро аз ғазали дигари шоир мехонем:

Раҳи фардо шитоб мехоҳад,

Заҳмати беҳисоб мехоҳад.

Ҳар суоле, ки зиндагӣ партофт,

Бетакаллуф ҷавоб мехоҳад…

Зиндагӣ дар талоши оянда

Ҳар нафас инқилоб мехоҳад [Сафарзода 1978, с. 27].

Таркибу ибораҳо дар ин чанд байт нав буда, дар шеъри замони шоир истифода мешуданд. Ҳарчанд ин намуна дар ҳавои ғазалҳои инқилобии оғози садаи бист навишта шудааст, забон ва тарзи баёни он ба пуррагӣ ифодагари шеъри замони зиндагии шоир аст.

Аз жанрҳои маъмули суннатӣ ғазалу қитъа дар осори Ғоиб Сафарзода хеле кам ба кор рафтаанд. Бо вуҷуди ин, Ғоиб Сафарзода дар ғазалу қитъаҳои сурудаааш мувофиқ ба тавони хеш кӯшидааст, меъёри суханофариро аз лиҳози дарунмоя ва ҳунари шоирӣ нигоҳ дорад. Барои мисол ин қитъаи шоирро мехонем, ки дар ниҳояти зебоӣ ва равонӣ суруда шуда, аз лиҳози мазмуну муҳтаво устувор ва аз ҷиҳати фасоҳату балоғат ва банду басти мантиқӣ солим ба назар мерасад:

Туро дар нозукӣ аз барги гулҳо,

Ба шӯр аз мавҷи дарё офариданд.

Туро бо ин ҳама сӯзу гудозат

Зи хоки Қайсу Лайло офариданд...

Туро бо ин бузургӣ, эй дил, эй дил,

Чӣ сон дар синаи мо офариданд? [Сафарзода 1978, с. 89].

Дар миёни шеъри дар жанрҳои суннатӣ сурудаи Ғоиб Сафарзода маснавӣ ҷойгоҳи намоён дорад. Агар як омили руҷуи шоир ба ин навъи адабӣ дар серистеъмол будани он дар шеъри замони ӯ бошад, омили дигараш ҳатман жанри достонӣ будани он аст ва аз роҳи қофиябандӣ мушкили хеле аз шоиронро осон гардондааст. Ба қавли Аскар Ҳаким: «... маснавӣ, яъне шеъре, ки аз байтҳои ҳамқофия сохта мешавад, нафақат миқдори мисраъҳои ҳамқофияаш камшумор аст, балки таркибаш ҳам хеле сода аст» [Ҳакимов 1978, с. 190].

Маснавӣ дар навиштаҳои Ғоиб Сафарзода сохтори худро дигар карда, гоҳе берун аз қолаби аслии худ дар шакли арузи озод падидор гардида, гоҳе дар як достон бо чанд вазн рӯи кор омадааст. Марбут ба ин масъала маснавии «Солҳои эътиқод»-и ӯ қобили мулоҳиза аст. Оғози маснавӣ бо 8 байт дар як вазн ва бо қофияҳои аа, бб, вв суруда шуда, дар қисмати поёнии он, ки бо дарозию кӯтоҳии мисраъҳо шакли шеъри нав, арузи озод ба вуҷуд омадааст, ҳамчунаин дар шакли қофиябандӣ гоҳе ба қолаби чаҳорпора (ааба) ворид мегардад:

Расӣ то назди шогирдони пазмон, дил шитобе дошт,
Чу мавҷи рӯди пуршӯр изтиробе, печутобе дошт,
Барои ташнагони нур, нури донишу ҳикмат
Дили ту офтобе дошт [Сафарзода 1978, с. 31].

Ҳамин тариқ, маснавӣ бо қофияҳои аа, бб, вв дар шакли арузи озод давом ёфта, бо байтҳои мустақилу қофияҳои алоҳида хотима меёбад. Маснавиҳои Ғоиб Сафарзода дар мавзуъҳои табиат, ҳаёти одамон ва масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ суруда шудаанд. Дар чанд маснавии ба шахсони маъруф ба монанди Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода ва Пиримқул Сатторию дигарон бахшидаи шоир ҳунари чеҳранигории ӯ равшан намоён мешавад. Агар, аз як тараф, қофияи алоҳида доштани байтҳои маснавӣ барои чеҳранигорӣ осон бошад, аз тарафи дигар,

дар ин кор мушоҳида ва ҳунару диди баланди бадеии шоир низ зарур аст. Дар баробари муаррифии симою шахсияти қаҳрамонҳо дар маснавиҳои мазкур корномаҳои онҳо низ ба тасвир меоянд, ки ин як шарти асосии чеҳраофарӣ дар шеър аст.

Рубоӣ дар солҳои 60-70 бо таваҷҷуҳи мунаққидон дубора домани корбасти худро густурда кард. Дар ин солҳо «…рубоӣ ба яке аз маҳбубтарин навъҳои шеър» [Акбаров 1985, с. 44], табдил ёфт. Он дар осори Муъмин Қаноат, Аминҷон Шукӯҳӣ, Убайд Раҷаб, Ҳабибулло Файзулло, Мастон Шералӣ, Лоиқ  Шералӣ ва дигарон бо диду назари тоза ба ҷилва омад. Дар рушди рубоии солҳои мавриди назар Ғоиб Сафарзода низ саҳми бориз дорад. Ӯ кӯшиш менамуд чун дигар ҳамнаслони пешдасти худ рубоиро бо диди нисбатан нав рӯи кор биёрад. Дар рубоиҳои ӯ мавзуи ҷавонӣ, ишқ, иҷтимоъ бештар ба кор рафт. Рубоиҳои ӯ аз ҷиҳати мавзуъ ва мазмун гуногунпаҳлу буда, бозгӯи аҳвол ва вазъи зиндагӣ, замони бачагию даврони рушду камоли шоириаш мебошанд. Онҳо фарогири мавзуоти рӯзгори шоир буда, пайваста аз зиндагии воқеии худи шоир ва замони ӯ қисса мекунанд. Ғоиб Сафарзода тавонистааст дар сурудани рубоӣ ҳунари баланди шоирӣ ва хаёлпардозиҳои шоиронаи худро нишон диҳад.

Рубоиҳои Ғоиб Сафарзода бо муассирию тобнокӣ ва таҷаллии фикрҳои тоза, ороиши баланди ҳунарӣ ва диди бадеӣ рӯи кор омадаанд. Маълум мегардад, ки шоир дар сурудани рубоӣ таҷрибаи кофӣ доштааст. Ҷанбаи ақлию зеҳнӣ, дарки ҷаҳони пуртазод дар онҳо басо пурқувват ифода гардидааст.

Мутолиаи васеъи осори мардумӣ барои Ғоиб Сафарзода имкон додааст, ки бархе рубоиҳояшро дар ҳавои рубоиҳои халқӣ сарояд.  Масалан, дар ин рубоӣ:

Мо мегузарему ин ҷаҳон мемонад,
Ин олами пир ҷовидон мемонад.
Бигзашт агар зи даст ҳар неку баде,

Дар дафтари зиндагӣ ҳамон мемонад [Сафарзода 1978, с. 131].

Бархе аз рубоиҳои Ғоиб Сафарзода аз лиҳози забону баён ва фарогирии мавзуъ ба осори мардумӣ бештар гароиш пайдо кардаанд. Масалан, дар пораи зер мехонем:

Санге сари роҳи обаки чашма фитод,

Афтоду дигар варо гузаргоҳ надод.

Он обаки чашма баски дар роҳи сафар

Ором набуд, роҳ бар санг кушод [Сафарзода 1978, с. 47].

Дар рубоиёти Ғоиб Сафарзода, бешак, таъсири рубоиёти Умари Хайём низ ба назар мерасад. Тазодҳои зиндагӣ, шебу фароз ва талхию шириниҳои он тавъам бо шитобкории умри инсон ба тасвир омада, масъалаи моҳияти зиндагию абадият дар меҳвари онҳо қарор мегирад. Худи шоир иқрор аст, ки дар пайравӣ аз Хайём хома ба даст гирифтаасту рубоисароӣ мекунад:

Хайём, зи фитратат агар ҳаст шудам,

Дар пайравии ту хомабардаст шудам.

Афтодаву хеста равам гар зи паят,

Маъзур, зи бодаи ту сармаст шудам [Сафарзода 1978, с. 126].

Рубоиёти Ғоиб Сафарзода ба қонунияти ғоявию мундариҷаи бадеии рубоӣ ҳамчун шакли махсуси кӯтоҳи шеърӣ созгор буда, масъалаҳои гуногуни ҳастиро фарогир мебошад ва дар онҳо ҷанбаи куллии тасвир мавқеи асосиро ишғол намудааст. Рубоиҳои Ғоиб Сафарзода дар рӯҳияи баланди инсондӯстонаю некбинонаи фалсафӣ иншо гардидаанд ва ба ин гуфтаи адабиётшинос Раҳим Мусулмониён созгор мебошанд: «…рубоӣ аз ҷумлаи он жанрҳои нодири лирикӣ ба шумор меравад, ки лавозимоти шаклии вай бо мундариҷаи ғоявиаш ба ҳадди аъло мутобиқат кардааст. Шарти асосии рубоӣ ин аст, ки дар вай ягон масъала, ҳолат, қонуният, умуман ягон чизи зиндагӣ тарзе баён мешавад, ки аз он натиҷаи ибратангез ҳосил шуда бошад» [Мусулмониён 1990, с. 162].

Дар осори Ғоиб Сафарзода 45 дубайтӣ мавҷуд аст, ки бештар дар мавзуъҳои ишқу зебоӣ, ватану ватандорӣ, ҷавонӣ, орзую армон ва ҳаёти мардумони деҳа суруда шудаанд. Миқдори дубайтиҳои Ғоииб Сафарзода зиёд нест, вале вижагиҳои сабку услуб, гунҷонидани маъниҳои зиёд дар қолаби хурд ва тасвирҳои нотакрор дар онҳо шоҳиди камоли ҳунармандии шоир мебошанд. Ба қавли абиётшинос Муҳаммадҷон Шукуров: «…дар ин роҳ хеле пешрафт кардани шоир намоён аст…» [Шукуров 1970, с. 183-224].

Ғоиб Сафарзода дар навъҳои гуногуни суннатӣ шеър сурудааст. Ғайр аз ин, боз шеърҳое дорад, ки дар шакли мустазод, таркиббанд, мусаллас, мухаммас ва мусаммат эҷод шудаанд. Намунаҳои чунин ашор дар осори ӯ каманд. Дар онҳо масъалаю ҳодисаҳо аз нуқтаи назари моҳият ва ҷиҳатҳои фалсафию иҷтимоии ҳаёт бештар бою мукаммал ва рангоранг буда, ҳаёти воқеиро бо тобишу ҷилои навин дар назари хонанда ҷилвагар месозанд.

Аз жанрҳои нави адабӣ «чаҳорпора» дар эҷодиёти Ғоиб Сафарзода ба фаровонӣ истифода шудааст. Миқдори «чаҳорпора»-ҳои сурудаи Ғоиб Сафарзода 65-торо ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба дигар навъи шеърии истифодашуда дар шеъраш ба маротиб зиёд мебошад. Ғайр аз ин, нишондод дар миёни тарҷумаҳои ӯ зиёда аз бисттоаш дар шакли «чаҳорпора» рӯи кор омадаанд, ки албатта, ба рағбат ва таъсирпазирии ӯ дар ин навъи шеър аз адабиёти рус бастагӣ дорад. Замони зиндагии Ғоиб Сафарзода замони рушду такомули ин навъи шеърӣ ва арузи озод буд, ки барои шоир бетаъсир намондааст. Ин навъи шеърӣ натанҳо осори Ғоиб Сафарзодаро фаро гирифт, балки аксари шоирони ин давраро пойбанди худ карда буд. Аммо буданд шоироне, ки ба пуррагӣ пойбанди ин навъи шеър нагардида, барои боз ҳам густариш ёфтани аруз талош менамуданд. Ҳамон тавре, ки Рустам Ваҳҳоб дар хусуси эҷодиёти Муъмин Қаноат менависад: «…баръакси шоирони дигари тоҷик, ки қисми бештари шеърашонро дар ин қолаб («чаҳорпора» – М. Ҳ) сурудаанд, Муъмин Қаноат ба он пойбанд намонд ва дар оянда бештар ба арузи нав ва маснавӣ пардохт» [Ваҳҳоб 2009, с. 24].

Ғоиб Сафарзода низ аз ҷумлаи ҳамон шоироне буд, ки бештар пойбанди ин навъи шеърӣ буданд. Чаҳорпораҳое, ки Ғоиб Сафарзода сурудааст, фарогири мавзуъҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоию фарҳангӣ ва адабӣ буда, бештари онҳо ба мавзуъҳои ишқу зебоӣ ва ҷавонӣ бахшида шудаанд. Ҳарчанд чаҳорпора чун ниёзи аввалия барои инъикоси ҳаёти иҷтимоӣ рӯи кор омад, дар осори аксари шоирон ба лирикаи баланди ишқӣ гароиш пайдо кард. Дар чаҳорпораҳои Ғоиб Сафарзода дар баробари дигар мавзуъҳо, аз қабили сиёсӣ, иҷтимоӣ лирикаи баланди ишқӣ низ ҷой гирифт. Чаҳорпораҳои дар мавзуи ишқу зебоӣ навиштаи ӯ бо диди баланди бадеӣ иншо гардидаанд, ки дар ҳар кадоми онҳо нумуи тасвирҳои зебою шоиронаро мушоҳида кардан мумкин аст. Чунончи:

Қатраи ашки сари рухсори гулгуни туро
Ашк не, ман қатраи оби сафо пиндоштам.
Чашмҳои ғарқаи оби шарарбори туро
Чашм не, ман ҷоми саршори вафо пиндоштам

[Сафарзода 1978, с. 59].

Ва ё:

Кӣ имшаб дар лаби ҷӯйи мусаффо бо ту биншаста,
Ба рӯйи об аксашро бари акси ту ларзон дид?
Ба рӯйи дасти кӣ карданд бозӣ кокулони ту?
Кӣ дар барқи нигоҳат шуълаи уммед хандон дид?

[Сафарзода 1978, с. 103].

Чашмони ғарқи оби шарарборро ҷоми саршори вафо пиндоштан ва дар рӯйи об аксро дар канори акси маъшуқа ларзон дидан аз тасвиркориҳои хубу шоиронаи Ғоиб Сафарзода дар навъи чаҳорпора мебошанд. Чеҳраи қаҳрамони лирикии Ғоиб Сафарзода дар ҳама ҷо якрангу якмаром ба қалам меояд. Яъне, «...агар баъзе ҳамқаламони Ғоиб Сафарзода дар як вақт, дар як вазъият ва дар як муҳити иҷтимоӣ ба чандин ранг мубаддал гардидани қаҳрамони лирикии худро ба қалам диҳанд, ӯ ҳама вақт якрангӣ, якмаромӣ,

садоқатмандии ҳамин қаҳрамонро ба як ақидаю ҷаҳонбинӣ васф мекунад» [Табаров 1984, (б) с. 397].

Агар дар чаҳорпора қофия меъёри шинохти он бошад, пас, чаҳорпораҳои Ғоиб Сафарзода бо шакли қофиябандии абвб, аааа, аабб, абаб эҷод шуда, дар баробари ин шакли қофиябандӣ дар аксари онҳо яклухт сурат нагирифта, танҳо дар як чаҳорпора қофияҳо аз лиҳози сохтор дар пораҳои алоҳида тағйир меёбанд. Аммо ин меъёр ба моҳият ва сужети асар таъсир нарасонда, балки аз ягон ҷиҳат миёни пораҳо пайванди мантиқӣ устувор мегардад.

Аз баррасии чаҳорпораҳои Ғоиб Сафарзода маълум мегардад, ки ӯ дар сурудани ин навъи шеър пойбанди қофияи маъмулии он набуда, гоҳо барои баёни андешаҳои худ ҳатто дар як чаҳорпора талош намудааст аз тарзи қофиябандии гуногун кор бигирад.

Дигар аз тозакориҳои Ғоиб Сафарзода дар чаҳорпора омезиш додани мустазод бо ин навъи шеърӣ аст. Мо дар «Ташнаи ишқу набард» ном чаҳорпораи ӯ ҳам тарзи нави қофиябандӣ ва ҳам шакли шеъри мустазодро мушоҳида менамоем:

Умри ман пайванд шуд бо кишварам,
Кишвари хуршедрӯй,
Кишваре, ки дод ӯ болу парам,
Ҳам дили уммедҷӯй... [Сафарзода 2011, (б) с. 77].

Дар ин чаҳорпора ғайри он, ки шеър омехта бо навъи мустазод эҷод шудааст, чор навъи қофиябандиро мушоҳида мекунем. Банди аввали он бо тарзи қофиябандии нави чаҳорпора – абаб, банди дуюм бо тарзи қофиябандии маъмулии абвб, банди сеюм бо тарзи қофиябандии мусаммати мураббаъ – аааа ва банди чаҳорум комилан бо тарзи қофиябандии ғайримаъмулӣ (абваб) ва барои қолаби чаҳорпора бегона эҷод шудааст:

Ҳамсафар бо соли нав боз ин манам
Беҳарос аз гарму сард,

Дар фазои орзуҳои навин

Боз табли ғолибият мезанам,

Ташнаи ишқу набард [Сафарзода 2011, (б) с. 77].

Дар банди чаҳорум шоир мисраи дигареро илова кардааст, ки дар миёни чаҳор мисраи қофияшаванда ғариб мондааст. Аммо он дар миёни чаҳор мисраъи банди охир аз лиҳози мантиқу таносуб устувор буда, занҷирае барои пайваст ва хулосаи чаҳор мисраи дигар аст. Ин тарзи эҷоди чаҳорпора, албатта, як падидаи маъмулӣ не, балки тозакориест, ки дар осори бисёре аз шоирони он замон дида намешавад. Аксари чаҳорпораҳои Ғоиб Сафарзода дар вазнҳои мухталифи баҳрҳои аруз эҷод гардидаанд. Дар онҳо мазмун аз банде ба банди дигар нақл мешавад, сужети шеър то андозае озодона аз банд то банди дигар инкишоф меёбад ва миқдори бандҳо низ вобаста ба мазуи шеър давом меёбад. Чаҳорпораҳои «Маъвои ман», «Дар замин ҷӯед маро», «Ҳусн», «Қадамшуморӣ», «Кафшери дӯстӣ», «Ҳаёт интизори мост», «Қиммати гул», «Ҳампои зиндагӣ», «Бале, танг аст баҳри ту дили ман», «Хор ва гул», «Ҷавонӣ, содагӣ», «Ҷустуҷӯ» ва ғайра дорои ҳамин гуна хусусиятҳо буда, бо диди баланди бадеӣ ва ҳунари шоирӣ эҷод гардидаанд.

Шеъри нимоӣ ё арузи озод солҳои шастуми қарни бист дар адабиёти муосири тоҷик нуфуз пайдо кард. Тозакориҳои адабӣ дар шеъри нимоӣ фақат дар вазну қофия ва аруз набуда, балки руҳияи талаботи табиии шеър дар мисоли корбурди вожа ва таркибҳои наву замонӣ муқаддамтар донista мешуд. Ҳамчунин, тарзи ифода ва дигаргуниҳои куллӣ дар дарунмояи шеър аз афзалиятҳои шеъри нимоӣ ба ҳисоб мерафт.

Дар тамоми осори Ғоиб Сафарзода, бо шумули тарҷумаҳояш, ҳамагӣ ҳашт-даҳ  шеъри озодро пайдо кардан мумкин аст, ки баъзе аз бандҳои онҳо ба табиати шеъри нимоӣ ва ё шеъри озод наздиканд. Масалан, дар шеъри «Ҷаҳони хешро дарёб»-и  ӯ фақат банди аввалашро метавон ба табиати шеъри нимоӣ наздик донист:

Баҳорон буд,

Вақте, ки зи дастам дастаи гулро

Гирифтию гузаштам бо сарафрозӣ зи як санҷиш.

Табиат буд сарсабзу ҷавонӣ дошт,

Механдид,

Дар авҷи осмон буд парчаҳои абр дар гардиш

[Сафарзода 1978, с. 55].

Боқӣ он чи дар ин шеър дида мешавад, пораҳои чаҳорпорае ҳастанд, ки ба гунаи шикастани мисраъҳо идома ёфтаанд. Мутаассифона, бисёре аз шоирони ин давра нозукиҳои шеъри нимоиро хуб дарк накарда буданд, ки мисраи анвои мухталифи шеърро бо тарзи шикастан ба қолаби шеъри нимоӣ медароварданд ва бо ин мутмаин буданд, ки шеъри нимоӣ гуфтаанд. Ниҳоди шеъри нимоиро дар он замон камтар касе дарк карда тавонистааст. Як хусусияти аз ҳама муҳимми шеъри Нимо Юшиҷ ин аст, ки ӯ дар шеър ҷонибдори вазн аст, аммо дар шеъри вай меъёри асосӣ на байт, балки тамоми шеър аст.

Аз ин назар, бештари ашъори Ғоиб Сафарзодаро, ки ба унвони шеъри нимоӣ ба қалам омадаанд, намешавад шеъри нимоӣ ё арузи озод арзёбӣ намуд. Қисмати зиёди чаҳорпораҳо ва гоҳ-гоҳе маснавию қитъаҳояш бо шикастани мисраъ ва чида шуданашон ба тарзи пилаконӣ шакли арузи озодро гирифтаанд.

Шикасти мисраъ ва ба ҳолати зоҳирии шеъри навъи арузи озод овардани он, ки бевосита як сабаби рушд ёфтани шеъри нимоӣ дар миёни шоирони насли баъд аз солҳои 70-ум гардидааст, дар осори Ғоиб Сафарзода хеле зиёданд ва ҳамаи онҳо бо шумули чанд намунаи дигар, аз қабили қитъаю маснавӣ, табиати анвои шеъри чаҳорпораро гирифтаанд.

Агарчи шоир дар таҷрибаи шеъри нимоӣ ё арузи озод тавфиқи бештар наёфтааст, вале тозакориҳои ӯ дар навъи чаҳорпора ҳам аз лиҳози дарунмоя ва ҳам аз лиҳози сохтмони ин навъи шеър бештар зоҳир мегардад.

Албатта, дар шеърҳои «Нидои модар», «Ҷаҳони хешро дарёб», «Рӯзҳо»-и худ шоир кӯшишҳои муваффақонае барои шеър гуфтан дар арузи озодро кардааст. Аммо ҳамаи онҳо марҳилаҳои гузаришие буданд барои расидани шоир дар гуфтани шеъри арузи озод. Агар умр ба Ғоиб Сафарзодаи ҷавон вафо мекард, ӯ метавонист чун дигар ҳаммаслаконаш, ки таҷрибаҳояшон дар арузи озод дар охири солҳои 80 ва аввали солҳои 90 натиҷа дод, осори худро аз ин даст шеър низ шодоб намояд. Мутаассифона, арузи нав натанҳо дар ашъори Ғоиб Сафарзода, балки қариб дар шеъри ҳамаи ҳамнаслони ӯ дар солҳои 60-70 ҳамин гуна шинохта мешуд. Бо вуҷуди ин шоир мақоми худро дар сурудани шеъри нав, бахусус навъи чаҳорпора, дар адабиёти солҳои 60-70 ба сароҳат ҳифз намудааст.

Мавзуъҳои меҳвариии адабиёт дар солҳои 60-70 иборат аз васфи зан-модар, ватан, кӯдакӣ, дӯстӣ ва ишқу зебоӣ бо назокату бадеияти баланд ва тавъам бо гароишҳои воқеии рӯзгор, нигариш ба ояндаи неки инсонҳо, таҷассуми баланди ормонҳои миллӣ, ватанхоҳӣ, ишқу алоқа бо ҳама арзишҳои зиндагӣ зебою шоирона ва бо ҳунари баланди нигорандагӣ инъикос ёфтаанд. Афзалияти ин мавзуъҳо аз он сарчашма мегирад, ки ҳар як адиб аз гузаштаи ғании кишвар, фарҳангу маданияти қадима ва таърихи бойи миллати худ ифтихорманд гашта, дар васфи он бо муҳаббати бузург сухан меронд. Осори Ғоиб Сафарзода низ дар як давраи ниҳоят ками фаъолияти эҷодии ӯ дорои ҳамин мавзуъҳо мебошад. Аносири табиат, зиндагии мардумони деҳ, ишқу зебоӣ, симои воқеии зан-модар, бачагӣ, эҳтиром ва арҷ гузоштан ба осори гузаштагон, посдории фарҳангу забон, муҳаббат ба Ватан, шинохти миллӣ ва расидан ба асли хеш дар шеъри ӯ ҷараёни густурда дорад. «Ватан, инсон, зиндагӣ масъалаҳои асосии ашъори шоиранд ва ӯ қариб саросар дар атрофи ҳамин мавзуъҳо баҳс мекунад» [Ёров 1973].

Тасвири зан дар оғози садаи XX ҳамон симои гражданииқаҳрамони замони худ маҳсуб меёфт. Яъне, дар ин давра зан ҳамчун як узви комилҳуқуқи ҷомеа шинохта мешуд ва бештар мақому мартабаи зани

ҷамъиятиро дошт. «Дар «Ситораҳои замин»-и Муъмин Қаноат ва силсилаи шеърҳои ба нозанинони Шарқ ва зан-модар бахшидаи Мирзо Турсунзода мақому нақши ҷамъиятии зан-модар… бо образҳои барҷастаи бадеӣ ба қалам омадааст» [Акбарзода 2013, с. 32].

Солҳои 60-70 нигариш ба ин мавзуъ аз ҷониби шоирони баъдӣ ва дар ду давраи муайян кору эҷоднамуда, ба мисли Мирзо Турсунзода, Муъмин Қаноат, Ғаффор Мирзо, Ммастон Шералӣ, Ғоиб Сафарзода,  Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор ва монанди инҳо авҷ гирифт. Таваҷҷуҳ ба мавзуи зан бо диди нисбатан навтар ва озод аз ҳама банду қайдҳои ҳаёти маснуии сиёсатзада сурат гирифт. Шеърҳои ба модар бахшидаи Лоиқ Шералӣ аз аввалин шеърҳое маҳсуб меёфтанд, ки дар дунёи умеду орзуҳои модари тоҷик, як зани муштипару заҳматкаш ва модари фарзандон, модаре, ки аз деҳаи хурдакаки хеш берун набаромада, як ҷаҳон ормонҳои азалиро барои ободию осудагии фарзандон дар дил мепарварид, ба тасвир омад. ««Модарнома»-и Лоиқ, бешубҳа, натанҳо муваффақияти як худи шоир, балки муваффақияти тамоми адабиёти тоҷик аст. Дар ин ҷо урфу одатҳои пешқадами миллӣ, ки барои равшании рӯзи инсон, барои тасалло ва дилбардории мардум асрҳо боз хидмати босазо карда, имрӯз ҳам моро ба роҳи накӯкорӣ ва бахтофарӣ ҳидоят мекунанд, тавсиф шудаанд» [Ҳаким 2017, (в) с. 229].

Мавзуи модар  дар осори адибони он солҳо ба адабиёт омада, аз ҷумла дар осори Ғоиб Сафарзода, низ мавқеи густурда пайдо кардааст. Дар ашъори ӯ  симои модар, пеш аз ҳама, симои як зани кӯҳистонист, ки бо дили поку мубаррои худ дуогӯи фарзанд аст. Ғоиб Сафарзода дар шеърҳои худ модарро чун зани содаю самимии кӯҳистонӣ тасвир менамояд. Масалан:

Шаб аст, азми сафар дорам пагоҳӣ,
Ба гӯши худ шунидам аз паси дар:
«Бидеҳ, ки худ бишӯям рӯймолаш,
Хурад об ин дили ман» гуфт модар [Сафарзода 1978, с. 121].

Дар ин шеър муҳаббати модари кӯҳистонӣ ба фарзанд ба ҳадди ниҳоии худ расидааст. Яъне, модар ба хотири тасаллӣ бахшидани хеш азми шустани рӯймоли фарзанди фардо ба сафар равандаашро мекунад. Ин муҳаббату самимият бештар хоси занони кӯҳистонист, ки муҳаббаташон ба фарзанд бо ин содагию мубаррой таҷассум мегардад.

Дар шеъри дигари ӯ бузургии модар авлотар аз ҳама чизи дигар нишон дода мешавад:

Кӯҳ шуд аз пойдориаш бузург,

Чашма шуд аз беқарориаш бузург [Сафарзода 1978, с. 77].

Ба қавли Равшани Ёрмуҳаммад, Ғоиб Сафарзода дар ин шеър «…ба таври мухтасар содаю фаҳмо исбот мекунад, ки кӯҳ аз пойдорӣ, чашма аз беқарорӣ, офтоб аз нур, ишқ аз покизагӣ бузург аст. Шоир модарро аз ҳама болотар гузошта, шеърро бо байти зерин ҷамъбаст мекунад:

Шуд сари гаҳвораи фарзанди худ

Модар аз шабзиндадориаш бузург» [Ёров 1973].

Модар дар эҷодиёти Ғоиб Сафарзода дар мисоли шеърҳое чун «Ҷавон будам, ту будӣ ғамгусорам», «Се меҳр», «Хоксору меҳрубон дилсӯз дорам модаре», «Модар», «Суруди фалакпаймо» ва ғайра ҷойгоҳи махсусеро соҳиб аст. «Умуман, дар эҷодиёти Ғоиб Сафарзода ба мисли як зумра шоирони ҷавони ин давра мавзуи модар мақоми намоён пайдо мекунад» [Табаров 1984, (б) с. 393] ва дорои вижагиҳои хос мебошад.

Аз ҳамин нигоҳ, зодгоҳ ба маънии Ватан дар шеъри Ғоиб Сафарзода хусусияти вижа касб кардааст. Тасвиру бозтоби унсурҳои деҳ ва вазъи зиндагии онрӯзаи мардумони он дар шеъри ӯ нуфузи бештар дорад, ки ин падида дар ашъори шоирони он замон мушаххасан ҷараёни густурда дошт. Муҳаббат ба зодгоҳ дар шеъри ӯ  рафта-рафта ба ватани умумӣ пайванд мехӯрад. Ин муҳаббати сода ва самимӣ дар шеъри «Ёди  зодгоҳ», ки як навъ руҳияи  ҳасби ҳолии шоир аст,  дилнишин ба тасвир меояд:

Агарчи дур ҳастам аз канорат,

Канор аз савту сози обшорат,

Дил аммо ҷӯш аз ҷӯши ту дорад,

Ҳамеша майли оғӯши ту дорад [Сафарзода 1978, с. 28].

Моҳиятан ин шеърҳо аз унсурҳои мавҷудаи кӯҳистон саршоранд ва манзури шоир низ дар онҳо маҳз баёни иштиёқмандӣ ва дилбастагӣ ба зодгоҳи хеш аст. Албатта, дар маҷмуъ, мешавад инро ҷузъе аз ватанпарастию ватанхоҳии шоир донист, аммо мушаххасан моҳияти шеър ба ин гуфта далолат намекунад. Яъне, ин шеър ва чанд намунаи дигари шеъри шоирро заминае барои пайванд хӯрдани мавзуи зодгоҳ ба Ватани бузург донистан мумкин аст. Нуфузи унсурҳои деҳ дар шеъри ӯ як навъ хусусияти муқаддимавиро барои васфи Ватан (ба маънии васеъ) касб мекунад, ки аз таҷрибаҳои андӯхтаи ӯ дар ин роҳ маҳсуб меёбад.

Баъдҳо тасвири зодгоҳ дар шеъри ӯ аз маҳдудаи муҳити хурди деҳа раҳо шуда, моҳиятан ба Ватани умумӣ пайванд мехӯрад, тасвири унсурҳои деҳ ба маънии васеи Ватан ба қалам меояд. Шеърҳои «Маъвои ман», «Дар замин ҷӯед маро», «Шеър иншо мешавад», «Санги азим», «Маро бо кишварам сарсабз донед», «Гаҳвораи сангин», «Мешиносам», «Изҳори садоқат»-и Ғоиб Сафарзода дар баробари дарки хислат ва олами ботинии қаҳрамони лирикии шоир ва намунаҳои хуби манзаравию ҳасбиҳолӣ буданашон, маънии васеи Ватанро дар худ таҷассум мекунанд.

Албатта, ӯ бо супориши идораи рӯзнома баъзан шеъру мақолаҳое бахшида ба рӯзҳои даҳаи адабиёти дигар кишварҳо менавиштааст, васфи партия ва Ленинро ҳам кардааст, Ватанро ба маънии васеъ, яъне бо фарогирии тамоми Иттиҳоди Шуравӣ низ васф кардааст, аммо онҳоро дар китобҳои худ ҷой надодааст. «Ленин», «Ошёни офтоб», «Ватан», «Мерос», «Коргар» ва ғайра ашъоре мебошанд, ки ин андешаи моро тасдиқ менамоянд. Баъди марги шоир аксари ин шеърҳо аз рӯзномаҳо ва архиви ӯ бо кӯшиши Шоҳайдар Ёдгорӣ дар як қисмати китоби «Мероси ҷавонӣ» бо номи «Гулбоғи шоир» гирд омаданд. Моҳиятан шеърҳое, ки ба партия, Ленин ва

Ватани умумииттифоқӣ бахшида шудаанд, аз лиҳози банду баст, бадеият ва техникаи шеърӣ камию костагиҳои чашмрасе надоранд, Аммо, ба гумони ғолиб, ягона ҷурми ҳазф гардиданашон аз китобҳои аввалини шоир, ки худ онҳоро омода карда буд, ба табъу ғурури баланди миллатпарастонаю асолатдӯстонаи ӯ созгор наомадани ин даст шеърҳо будааст.

Таваҷҷуҳ ба мавзуи бачагӣ низ дар солҳои 60-70 густариши бештаре пайдо кард. Дар осори Муъмин Қаноат, Қутбӣ Киром, Мастон Шералӣ, Ашӯр Сафар, Ғаффор Мирзо, Лоиқ Шералӣ, Ғоиб Сафарзода, Ҳабибулло Файзулло, Бозор Собир, Гулрухсор, Сайдалӣ Маъмур ва дигарон кӯдакӣ бо ранҷу азоби ҷанги хонумонсӯз ба қалам омад. Дарди ятимӣ дили бисёриҳоро реш намуда буд. Дар ашъори ба ин мавзуъ бахшидаи шоирони давраи номбурда аксари тасвирҳо асоси воқеӣ доранд ва манзараҳое мебошанд, ки бевосита адиб онҳоро дидааст.

Тасвири ин мавзуъ дар эҷодиёти Ғоиб Сафарзода низ ҳасратбору пурдард ба қалам меояд. Гаҳвораи ӯ пас аз марги падар ҷунбид ва барои ҳамеша ӯро ба ҷустуҷӯи падар роҳнамун кард. Шоир гоҳе бо ҳасрату таассуф ва навмедӣ, гоҳи дигар бо шодмонию сарфарозӣ ва ифтихор аз замони тифлию бачагии худ ёдовар мегардад, «як лаҳзаеро ё манзараеро ҳамчун санъаткори моҳир тасвир карда, ба он на ҳамчун тамошобин менигарад, балки кӯшиш мекунад, ки моҳияти онро дарёбад, аз он хулосае барорад:

Кӯҳгардӣ кардаам дар баччагӣ,
Қуллаи бисёрро тай кардаам.
Аз бари кӯҳу камар гул чидаам,
Чун паёми навбаҳор овардаам…» [Ёров 1973].

Дар ин шеър хулосаи шоир ниёзи ҳамонлаҳзаинаи табъи ӯст, ки аз хастагиҳои рӯзгор ба ёди кӯҳгардӣ афтода, замони бачагиашро пеши назар меорад. Ва он рӯзҳоро ҳам зинаҳои зиндагонии худ арзёбӣ мекунад. Ҷавҳари аслии шеър ҳам ба хаёли рӯзҳои бачагӣ рафтани шоирро ҷиҳати лаҳзае фориғ шудан аз ташвишҳои зиндагӣ бозгӯ менамояд. Ин мавзуъ дар шеъри

«Қадамшуморӣ»-и шоир низ тасвири густурда пайдо мекунад. Ҳамин тариқ, Ғоиб Сафарзода дар бисёре аз шеърҳояш, аз ҷумла, «Қуллаҳо», «Роҳи ту», «Рӯзҳо» ва ғайра бачагиро бо ҳама паҳлуҳои муҳимми зиндагӣ ба қалам медиҳад. Мавзуи бачагӣ дар шеъри ӯ ҳамеша намоди кӯдаки кӯҳистонии дар кӯҳу камар калонгардида ва деҳқонбачае дар каф обилаи кори рӯзгор ба тасвир омадааст.

Образи дӯст низ дар намунаи эҷодиёти Ғоиб Сафарзода бештар ҷанбаи лирикӣ касб мекунад. Симои дӯст дар ашъори ӯ бо хусусиятҳои гуногун мушоҳида мешавад. Дар баробари образҳои дӯст ба мисли ёр, бародар, рафиқ маъшуқа низ мухотаби доимии шоир қарор мегирад, ки ин хусусият дар назми солҳои 60-70 дар осори шоирон зиёд ба чашм мерасад. Шоир нисбат ба мафҳуми дӯст ва дӯстӣ эҳтироми баланд дорад ва дӯстиро «овозу парвози дил» арзёбӣ мекунад:

Дӯстӣ овозу парвози дил аст,
Як нафас бе дӯст будан мушкил аст [Сафарзода 1978, с. 37].

Образи дӯст дар эҷодиёти Ғоиб Сафарзода аз ҳар ҷиҳат такомул ёфта, ҳамчун яке аз образҳои марказӣ асосан бори ормонҳои олии шоирро мекашад.

Ҳамон навъе, ки Юсуф Акбаров менависад: «…ишқ ҳамеша дар ҳамаи давру замонҳо ҳампою ҳамнафас ва шарики шодидию ғами одамон будаасту ҳаст ва табиист, ки адабиётро бо рангу бӯ, бо оҳангу таровишҳои тару тоза муаттар ва ғанӣ гардонидааст, ки исботи ин фикр адабиёти куҳану сарватманди классикии мост» [Акбаров 1985, с. 14].

Ин мавзуъ дар осори устод С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, П. Сулаймонӣ, Б. Раҳимзода, М. Миршакар, А. Шукӯҳӣ, М. Қаноат, Қ. Киром, М. Шералӣ, А. Сафар, Ғ. Мирзо, Л. Шералӣ, Ҳ. Файзулло, Б. Собир, Г. Сафиева, Г. Келдӣ, С. Маъмур ва дигарон бо диду нигаришҳои шоирона матраҳ гардидааст.

Барои Ғоиб Сафарзода ишқ як падидаи ғайричашмдошт буд, ки ногаҳон чанг ба домони ӯ зад ва дилашро такон дод. «Худхоҳ нигоре дилаш

аз сина биканд». Дар осори лирикии Ғоиб Сафарзода бештар ҳолати ботинии худи ӯ тасвир мегардад. Яъне, қаҳрамони лирикии шеъри ӯ бевосита худаш қарор мегирад.

Таҷассуми ишқу зебоиро дар осори Ғоиб Сафарзода дар шеърҳои ӯ «Ҳаёт интизори мост», «Маёзорем», «Розҳо», «Ҷаҳони хешро дарёб», «Таровати баҳорро биёр», «Шайдои ту кист?», «Туро ман боз хоҳам ёфт», «Дил», «Ҳукми дили ошиқ» ва амсоли инҳо фаровон пайдо кардан мумкин аст.

Васфи зан-модар, ватан, кӯдакӣ, дӯстӣ ва ишқу зебоӣ бо назокату бадеияти баланд ва тавъам бо гароишҳои воқеии рӯзгор, нигариш ба ояндаи неки инсонҳо, таҷассуми баланди ормонҳои миллӣ, ватанхоҳӣ, ишқу алоқа бо ҳама арзишҳои зиндагӣ зебою шоирона ва бо ҳунари баланди нигорандагӣ дар шеъри Ғоиб Сафарзода чун шеъри дигар ҳамзамонони ӯ инъикос ёфтааст. Ғоиб Сафарзода ба мавзуъҳои меҳварии шеъри солҳои 60-70 баробари дигар ҳамзамонони худ таваҷҷуҳ карда, мани худро дар шеър то андозае ҳифз кардааст. Яъне, дар шеъри ӯ пеш аз ҳама ҳузури воқеии худи ӯ зоҳир мегардад ва мавзуъҳои шеъраш бештар тавъам ба рӯзгори шоиранд. Аз ин нигоҳ, ҳунари шоирии ӯ дар офариниши мавзуъ дар шеъри солҳои мавриди назар аз дигарон кам нест. Ашъори ӯ, бетардид метавонад арзандаи таҳқиқу пажӯҳиш дар солҳои мавриди назар бошад.

Натиҷаи ин пажӯҳиш ҷиҳати баррасии шеъри ҳамзамонони шоир ва руҷуи мухтасар ба вазъи корбасти жанрҳои суннатӣ дар адабиёти муосир, бавижа, замони Ғоиб Сафарзода аз роҳи муқоиса бо шеъри ӯ хулосаеро ба бор меорад, ки ӯ тавонистааст бо руҷуи худ ба жанрҳои мавриди баррасӣ мақоми шоирии худро дар адабиёти солҳои 60-70 таъйин намояд. Гузашта аз ин, тозакорӣ ва диди нав ба мавзуъ дар намунаҳои шеъри дар жанрҳои суннатӣ сурудаи ӯ, бахусус, рубоӣ ва дубайтӣ, ки дар боби охири рисола аз лиҳози ҳунарӣ ба ин мавзуъ руҷуи бештар шудааст, равшан мушоҳида мегардад.

# ХУЛОСА

Раванди таҳаввули шеър ва ҷусторҳои ҳунарӣ дар он яке аз замина ва омилҳои асосии ташаккули адабиёти миллӣ ва тафаккури истиқлолхоҳӣ адабӣ барои адабиёти даврони истиқлоли мо гардидааст. Аз таҳқиқу пажӯҳиши донишмаандону муҳаққиқон маълум мешавад, ки адабиёти даврони Шуравӣ, махсусан адабиёти охирҳои соли 70-уми садаи XX ва баъд аз он воситаи беҳтарини бедорӣ ва шакл гирифтани хештаншиносиву худогоҳии миллӣ гардидааст.

Албатта, дар ин раванд хидмати як қатор шоирон аз қабили Ғаффор Мирзо, Мумин Қаноат, Қутбӣ Киром, Лоиқ Шералӣ, Ҳабибулло Файзулло, Ғоиб Сафарзода, Гулрухсор, Бозор Собир ва ғайра ки дар солҳои 60-70 ба арсаи эҷод омаданд, бисёр бузург ва сутудани аст.

Дар рисола мақоми яке аз ин шоирон-Ғоиб Сафарзодаро, ки дар истиқлолхоҳӣ ва таҳаввули анвои шеър ва ҳамчунон ҷусторҳои ҳунарӣ дар радифи ҳамнаслони худ нақш гузоштааст, мавриди омӯзиш қарор дода, ба чунин натиҷа расидем.

1. Таҳқиқи ҳамаҷонибаи шеър дар солҳои 60-70-уми асри XX нишон медиҳад, ки навоварӣ дар шеъри тоҷик, хосатан дар шеъри солҳои мавриди назар, танҳо бар асоси чаҳорпора, арузи озод набуда, балки дар шеъри суннатӣ аз лиҳози ҷусторҳои ҳунарӣ, нав шудани мавзуъ, забону баён, таркибу ибораоройи ва халлоқият дар сохторҳои шеър низ тасаллут дошт. Аз ин рӯ вақте дар мавриди навоварӣ дар шеъри солҳои 60-70 сухан меравад, навовариро метавон дар манзари анвои мухталифи шеър ҷустуҷӯ кард [2-М; 4-М; 7-М].

2. Бо вуҷуди ҷони тоза гирифтани шеъри нав ё арузи озод, ки солҳои 60-70 дар атрофи он баҳс сурат гирифта буд, анвои суннатӣ дар осори шоирон бо руҳи навоварона ва ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ густариши пурвусъат дошт ва то кунун ин раванд идома дорад [1-М; 4-М].

3. Арузи нав дар шеъри муосири тоҷик бо «Марши ҳуррият»-и устод

С. Айнӣ оғоз ёфт, вале моҳияти он ба дурустӣ омӯхта нашуд. Пас аз устод Айнӣ агарчанде шоирон А. Лоҳутӣ, С. Пайрав, Ҳ. Юсуфӣ ва дигарон барои нав кардани шеър талош варзиданд, дар сохтори аруз тағйирот ворид накарданд. Шеъри онҳо, хосатан шеъри С. Пайрав, ба маънии навоварӣ дар аруз дар шакли пиллаконӣ чидани мисраҳои анвои суннатӣ ва гоҳе омезиши аруз бо шеъри ҳиҷоӣ сурат гирифт. Дар ин миён А. Лоҳутӣ то андозае муваффақ шуд, ки дар тарҷумаҳои худ арузи навро таҷриба кунад. Тозакории ин шоирон дар вазни шеър бештар дар асоси корбасти вазнҳои ҳиҷоӣ ва ҷобаҷогузории задаҳои мантиқӣ дар шеър сурат гирифтааст [1-М; 2-М; 7-М].

4. Бо вуҷуди навовариҳои сохторӣ ва ҳунарие, ки бар мабнои шеъри суннатӣ сурат гирифтаанд, масъалаи навоварӣ дар вазни шеър баъди «Марши ҳуррият»-и устод С. Айнӣ таҷрибаи муваффақона надошт ва дар солҳои 60-70 дубора бо кӯшишҳои М. Қаноат бар асоси шеъри нимоӣ рӯйи кор омад [1-М; 7-М].

5. Шеъри нави солҳои 60-70, ки бо номи арузи озод шинохта мешавад, ғайр аз заминаҳои сиёсию иҷтимоӣ ва робитаҳои адабӣ бо шеъри русу Аврупо, дар сохтору мавзуъ ва ҳунари офариниш ба шеъри нави Эрону Афғонистон низ бастагии амиқ дорад. Бо назардошти ин, гуфтан мумкин аст, ки арузи нав дар солҳои 60-ум сарчашмаи аслии худро аз шеъри нави Эрон, хосатан шеъри нимоӣ гирифтааст[4-М; 7-М].

6. Арузи нав ё шеъри нимоӣ баъд аз М. Қаноат ҳам, ки дар ашъори ӯ таҷрибаҳои муваффақона дошт, барои бархе аз шоирон комилан ноошно буд. Дар тасаввури ин даст шоирон, ки аксарашон ҳамнасли М. Қаноат ва ҳатто ҷавонтар аз ӯ буданд, ба таври пиллаконӣ чидани анвои шеъри суннатӣ арузи нав дониста мешуд [4-М; 7-М].

7. Дар адабиёти муосир анвои адабии маъмуле чун мустазод, қасида, қитъа, мусаммат, таркиббанду тарҷеъбанд ва дигар навъҳои адабӣ аз ягон ҷиҳат дар шеъри муосир тағйири сохторӣ ва мавзуъ карданд. Агар то андозае мусаммати мураббаъ дар ривоҷи чаҳорпораи муосир аз назари сохтори

қофиябандӣ кумак карда бошад, мустазод барин жанри адабӣ бо тағйири сохтории худ дар шакл гирифтани арузи нав то ҷое саҳм гузошт. Гоҳе арузи нав шакли қофиябандии маснавиро соҳиб гардид, ки ба шарофати содагии ин жанри адабӣ дар тарзи қофиябандии он буд. Дар ҳар сурат ин гуна талошҳо ва қолабшиканиҳо дар шеър, ки шоирон қасди нав кардани онро доштанд, боис ба он шуд, ки бисёре аз анвои суннатӣ тағйири шакл кунанд ва бо сохторҳои мутафовит аз шеъри пешиниён рӯнамо шаванд [1-М; 2-М; 4-М; 8-М] .

8. Ғазал дар оғози адабиёти муосир вобаста ба вазъи иҷтимоӣҳолу ҳавои суннатии худро аз даст дода, бештар хусияти публитсистиро соҳиб гардидааст. Дар солҳои 60-70 бо таъсири шеъри нав бо забону баёни тоза ва тасвирҳои наву иборахои бикр дубора ба ғазали суннатӣқаробат пайдо намудааст. Бо вуҷуди баҳсҳои пайиҳам дар атрофи ғазал ва инкори он, ин жанри суннатӣ рӯ ба ривоҷ дошта, аз диди ҷусторҳои ҳунарӣ муҳтавои худро қавӣ кардааст [4-М; 7-М; 8-М].

9. Ғ. Сафарзода дар навъҳои гуногуни шеъри суннатӣ қувва озмудааст. Ғайр аз шеъри дар навъи ғазал, қитъа, маснавӣ, рубоӣ, дубайтӣ иншокардааш боз шеърҳое дорад, ки дар шакли мустазод, таркиббанд, мусаллас, мухаммас ва мусаммат суруда шудаанд. Вале намунаи чунин шеър дар осори ӯ ниҳоят кам аст. Дар ҳар яке аз навъи номбаршуда яктою дуто то сетогӣ намунаҳои шеъри шоирро пайдо кардан мумкин аст. Гарчанде ғазал ва қитъа дар шеъри ӯ мавқеи густурда надоранд, маснавӣ, рубоӣ ва дубайтӣ барин жанрҳои адабии суннатӣ бо ҷилои дарунӣ ва сохтори нави худ тавонистаанд холигии шеъри шоирро пур намуда, ҳунари шоирии ӯро таҷассум намоянд. Тозакорӣ ва нигариш ба мавзуъ бо нигоҳи нав дар намунаи шеъри дар жанрҳои суннатӣ гуфтаи ӯ, бахусус рубоӣ ва дубайтӣ, равшантар мушоҳида мешавад [1-М; 2-М; 4-М; 7-М].

10. Ғ. Сафарзода мақолаҳои адабиётшиносию нақди адабӣ, очерку мақолаҳои публитсистӣ низ менавиш ва ин пеша барои такмили шеъраш

бетаъсир набуд. Гузашта аз ин, ӯ борҳо шеъри яксолаи дар рӯзномаҳо чопгардидаро бо ҳавсала барои ҷамъбасти солона баррасӣ намуда, инчунин ба китобҳои тозанашри адибон тақризҳо интишор додааст, ки ҳар яке дар пешрафти ӯ аз манфиат холӣ нестанд. Аз ин хотир, рӯ овардан ба нақди адабӣ ва баррасии шеъри ҳамзамононаш низ як самти фаъолияти ӯ дониста мешавад [1-М; 2-М; 5-М].

11. Ташаккули шахсияти адабии шоир пеш аз ҳама бо пайвастан ба маҳфилҳо ва доираҳои бузурги адабӣ ва чопи осор дар рӯзномаю маҷаллаҳои бонуфуз сурат гирифтааст. Суханронӣ дар маҳфилу минбарҳо, шиносоӣ бо адибони баркамол ва фарогирии мактаби адабии онҳо низ дар ташаккули шахсияти адабии шоир нақши босазо дорад. Ин роҳу усулҳо ва мактабҳои бузурги адабӣ ба шоир одамият, рисолати адабӣ доштан, мардумӣ будан ва барои мардум гуфтанро омӯхтаанд [3-М; 5-М].

12. Ворид гардидани навъи шеъри чаҳорпора ба адабиёти мо аз роҳи тарҷума падидаи тозае дар ташаккули ин навъи шеърӣ гардида, ин падида солҳои баъд ҳамчун як жанр гардишҳои зиёдеро ба шеъри муосири тоҷик ворид намуд. Ғайри ин, пешравиҳои зиёде дар адабиётамон ба шарофати тарҷума сурат гирифтаанд. Тарҷумонӣ дар ҳаёти адибони солҳои 60-70, бавижа Ғ. Сафарзода, як касби пурифтихор маҳсуб мешуд. Биноан тарҷумаи бадеӣ як самти фаъолияти ӯро ташкил мекунад. Ин раванд дар татбиқи дӯстии Ғ. Сафарзода ҳамчун як адиби тарҷумон бо адибони дигар қавму миллатҳо хидмат кардааст. Тарҷумаи шеърҳои Сайёди Наво, Набӣ Хазрӣ ва дигар адибони маъруф барои такмилу таҳаввули шеъри шоир ва ташаккули шахсияти адабии ӯ нақши чашмрас дорад. Тарҷумаҳои Ғ. Сафарзода як гӯшаи торики адабиёти тарҷумавии моро, каме ҳам бошад, дар қатори дигар осори тарҷумашуда равшан мегардонанд ва барои хонандаи тоҷик аз манфиат холӣ нестанд [1-М; 2-М; 4-М].

13. Ғ. Сафарзода дар шеърҳои «Нидои модар», «Ҷаҳони хешро дарёб», «Рӯзҳо» кӯшишҳои муваффақона барои шеър гуфтан дар арузи озод

кардааст. Аммо ин ҳама марҳилаҳои гузаришие буданд барои расидани шоир ба дунёи шеъри нав. Агар умр ба Ғ. Сафарзодаи ҷавон вафо мекард, ӯ метавонист чун дигар ҳаммаслаконаш осори худро аз ин даст шеър низ шодоб намояд. Дар ин фосилаи кӯтоҳ шоир дар таҷрибаи шеъри нимоӣ ё арузи озод чандон тавфиқ наёфтааст. Вале тозакориҳои ӯ дар навъи чаҳорпора ҳам аз лиҳози дарунмоя ва ҳам аз лиҳози сохтмони ин навъи шеър бештар зоҳир мегардад. Тарзи шикасти мисраъ ва ба ҳолати зоҳирии шеъри навъи арузи озод овардани маснавӣ, ғазал, қитъа, рубоӣ, дубайтӣ ва ғайра ба ҳеҷ ваҷҳ далели тавфиқ ёфтан дар гуфтани шеъри нав нест, ки шеъри аксари шоирони солҳои 60-70 ҳамин гуна сурат мегирифт. Ин гуна шеърҳо дар осори Ғ. Сафарзода хеле зиёданд ва ағлаби онҳо бо шумули чанд намунаи қитъаю маснавӣ табиати шеъри чаҳорпорароро гирифтаанд, ки бо шикасти мисраъ ва ба шакли пиллаконӣ чида шудан ба зоҳир шеъри арузи озод пиндошта шудаанд. Шоир дар сурудани шеъри нав бештар дар навъи чаҳорпора тавфиқ ёфтааст [1-М; 2-М; 4-М; 7-М; 8-М].

14. Ғ. Сафарзода ба мавзуъҳои меҳварии шеъри солҳои 60-70 баробари дигар ҳамзамонони худ таваҷҷуҳ кардааст. Васфи зан-модар, Ватан, кӯдакӣ, дӯстӣ ва ишқу зебоӣ бо назокату бадеияти баланд ва тавъам бо гароишҳои воқеии рӯзгор, нигариш баояндаи неки инсонҳо, таҷассуми баланди ормонҳои миллӣ, ватанхоҳӣ, ишқу алоқа бо ҳама арзишҳои зиндагӣ зебою шоирона ва бо ҳунари баланди нигорандагӣ дар шеъри Ғ. Сафарзода чун дар шеъри дигар ҳамзамонони ӯ инъикос ёфтааст. Шеъри ӯ аз ҷиҳати фарогирии мавзуъ ва моҳият ғанӣ буда, метавонад дар радифи шеъри ҳамнаслонаш мавриди омӯзиш қарор бигирад [1-М; 2-М; 4-М; 8-М].

15. Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри Ғ. Сафарзода бо орои тасвирҳои тоза ва нигариши нав ба мавзуъ ҷилванамоӣ мекунанд. Шеъри Ғ. Сафарзода аз лиҳози дарунмоя ва ҳунари офариниш дорои хусусиятҳои хосе мебошад, ки шеъри солҳои 60-70 дар худ дошт ва мавзуи матраҳ ҳам аз нигоҳи тасвир ва ҳам аз нигоҳи фарогирии мавзуъ дар меҳвари шеъри ин шоир ба гунае пухта

арзёбӣ мешавад. Маълум мегардад, ки шеъри шоир обуранги дохилии худро аз сарчашмаҳое чун осори мардумӣ, шеъри ҷаҳон, шеъри гузаштагон ва муосирон дар худ гирифта, бо диди нисбатан нав ва нигаришҳои тоза ва шоирона ҷило медиҳад [1-М; 2-М; 3-М; 7-М] .

16. Ғ. Сафарзода тавонистааст дар зарфи 13 соли фаъолияти эҷодиаш роҳи худро дар ҷодаи шоирӣ ва рӯзноманигорӣ пайдо кунад ва дар ҳарду самт баробар фаъолият намояд. Тарҷума ва нақди адабӣ агарчанде як қисмати осори ками ӯро ташкил медиҳанд, дар ташаккули шахсияти адабии ӯ нақши хеле бузург бозидаанд. Дар ҳамин муддати ками фаъолияти эҷодӣ ҳам ӯ тавонистааст дар як марҳилаи муайян мақоми худро дар шеъри солҳои 60-70 пайдо бикунад [1-М; 2-М; 3-М; 5-М; 9-М].

17. Ғ. Сафарзода дар шеъри муосири тоҷик бо ашъори худ мақоми арзандаеро касб карда, дар таҳаввули ҳунарӣ ва мавзуъҳои шеър баробари ҳамнаслонаш саҳм дорад. Аз ин рӯ, мақоми ӯ дар шеъру адаби солҳои 60-70 арзанда таъйин мегардад [1-М; 2-М; 3-М; 8-М; 9-М].

# ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Аз баррасӣ ва пажӯҳишу таҳқиқи мавзуи фавқ маълум мешавад, ки оид ба забону баён, таркибу ибораоройӣ, тасвирҳои шоирона, мавзуофаринӣ, халлоқияти шоирона ва раванди навоварӣ дар анвои суннатӣ, таҳаввули сохторӣ, қолабшиканӣ ва ниҳоят, ба вуҷуд омадани чаҳорпора ва арузи нав дар шеъри садаи XX, минҷумла шеъри солҳои 60-70, то кунун дар шаклҳои гуногун пажуҳишҳои илмӣ анҷом ёфта бошанд ҳам, аммо то ҳол таҳқиқи муфассалу мукаммал марбут ба ҷанбаҳои ҳунарии шеър ба вуҷуд наомадааст.

Масъалаи ҷусторҳои ҳунарӣ дар шеъри садаи XX, хосатан шеъри солҳои 60-70 доманадор ва серпаҳлу буда, метавон бо назардошти ҷанбаҳои ҳунарии шеър перомуни мухтассоти анвои адабӣ ва рӯзгору эҷодиёти намояндагони давраи мавриди назар чандин таҳқиқи монографӣ анҷом дод. Дар диссертатсия таваққуи бештар ба ҷанбаҳои ҳунарии шеъри Ғ. Сафарзода буда, дар мабнои он таҳаввули сохтории анвои адабӣ низ мавриди таҳқиқу пажӯҳиш қарор гирифтааст. Дар баробари ин, бо натиҷагирӣ аз таҳқиқи мавзуъ барои истифодаи амалии он чунин тавсияҳо пешниҳод карда мешаванд:

1. Диссертатсия ба унвонҷӯёни дараҷаҳои илмӣ ва муҳаққиқон дар омӯзиш ва таҳқиқи вижагиҳои назми солҳои 60-70, баррасии ҷанбаҳои ҳунарии шеър ва муайян кардани таҳаввули шеър аз назари ҳунарӣ ва шоиронагӣ мусоидат карда метавонад.

2. Дар диссертатсия ба таври алоҳида мавриди омӯзиши амиқ қарор додани баъзе аз анвои суннатӣ ба мисли ғазал, маснавӣ, мустазод, ки бо таҳаввули сохторӣ ва ҳунарии худ барои шеъри нав замина фароҳам овардаанд, муҳим шуморида мешавад.

3. Бо назардошти нақди замони шуравӣ, ки бештар нақди мавзуӣ дар шеъри солҳои 60-70 будааст, зарурати таҳқиқи алоҳидаи шеъри шоирони ин давра аз назари ҳунарӣ, хосатан забону баён, таркибу ибораоройӣ, шеърият ва

шоиронагии мавзуъҳои иҷтимоӣ, навназарӣ ва навнигариро зарур дониста, равона кардани таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба омӯзиши ин масъалаҳо аз аҳаммият холӣ намедонем.

4. Тарҷумаи осори пажӯҳишии олимони русу Аврупо ва шеъри шоирони садаи XX-и ин ҳавзаҳои адабиро, бо назардошти баргардону таҳияи осори пажӯҳишию адабии Эрону Афғонистон, ки дар ташаккули шеъри нави тоҷикӣ нақш доранд, барои шинохти паҳлуҳои мухталифи назми солҳои 60-70 зарур медонем.

5. Барои таъйин намудани манзараи умумии назми солҳои 60-70-уми садаи XX зарурати таҳқиқи мероси адабии шоирони маъруфи ин давра, махсусан ҷанбаҳои ҳунарии шеъри онҳо, ба таври ҷудогона дар шакли рисолаҳои илмӣ ҷой дорад, ки ин диссертатсия дар мисоли шеъри Ғ. Сафарзода як намунаи он буда метавонад.

6. Маводи дар диссертатсия фароҳамомада барои омӯзиш ва таълими таърихи адабиёти тоҷик дар садаи XX, нақди адабӣ, сабкшиносӣ, балоғати сухан ва ҳунари нигорандагӣ, курс ва семинарҳои тахассусии факултетҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки солҳои 60-70 барои шеъри тоҷик давраи ниҳоят пурборанд. Ба ин маъно, ки шеъри тоҷик дар ин солҳо комилан рӯ ба навгароӣ ниҳод ва аз назари суннат ва навоварӣ, рушди шеъри нав, тозагии забону баён, шоиронагӣ ва ҳунари нигорандагӣ, таркибу ибораоророӣ ва дигар ҷанбаҳои ҳунарии шеър як марҳилаи бисёр пурбору печидаро пушти сар гузошт ва ба сурати комилан як шеъри навгароёна арзи ҳастӣ кард, ки мо намунаҳояшро дар осори Ғ. Сафарзода ва дигар ҳамнаслони ӯ шоҳид гаштем. Диссертатсияи мазкур, дар қатори чанд мақолаю китобҳои марбут ба шеъри ин давра, як шохаи пажуҳишҳои вижаи илмӣ дар самти ҷанбаҳои ҳунарии шеъри ин давра, дар мисоли шеъри яке аз намояндагони он буда, метавонад таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба омӯзиши масъалаҳои умдаи шеър аз назари

ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ ҷалб намояд.

Таҳқиқи густурдаи шеъри солҳои 60-70 аз назари ҷусторҳои ҳунарӣ ва таҳаввули сохтории он дар мисоли ашъори Ғ. Сафарзода аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами адабиётшиносӣ буда, дурнамои мавзуи таҳқиқии диссертатсияро собит месозад.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## I. САРЧАШМАҲО


1. Айнӣ, С. Ба Мирзо Турсунзода [Матн] / С. Айнӣ // Шарқи сурх. – 1956. – № 4. – С. 107-110.
2. Айнӣ, С. Ашъори мунтахаб [Матн] / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ., 1958. – 170 с.
3. Айнӣ, С. Ахгари инқилоб [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 264 с.
4. Асирӣ, Т. Мунтахаби ашъор [Матн] / Т. Асирӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1960. – 87 с.
5. Киром, Қ. Парвози меҳр [Матн] / К. Қутбӣ. – Душанбе: Нашрдавтоҷик., 1963. – 108 с.
6. Киром, Қ. Субҳи содиқ [Матн] / К. Қутбӣ. – Душанбе: Адиб, 1989. – 256 с.
7. Қаноат, М. Шарора [Матн] / М. Қаноат. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1960. – 104 с.
8. Қаноат, М. Ситораҳои замин [Матн] / М. Қаноат. – Душанбе: Нашрдавтоҷик., 1963. – 96 с.
9. Қаноат, М. Корвони нур [Матн] / М. Қаноат. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 144 с.
10. Қаноат, М. Гаҳвораи Сино [Матн] / М. Қаноат. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 232 с.
11. Қаноат, М. Китобҳои захмин [Матн] / М. Қаноат. – Душанбе: Маориф, 1983. – 128 с.
12. Лоҳутӣ, А. Асарҳои мунтахаб [Матн] / А. Лоҳутӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1949. – 456 с.
13. Мирзо, Ғ. Аз самими дил [Матн] / Ғ. Мирзо. – Душанбе: Нашрдавтоҷик., 1952. – 52 с.

14. Мирзо, Ғ. Рӯйи сурх [Матн] / Ғ. Мирзо. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 192с.
15. Мирзо, Ғ. Ҳангомаи дидор [Матн] / Ғ. Мирзо. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 144 с.
16. Миршакар, М. Куллиёт. Иборат аз се ҷилд. Ҷилди якум. [Матн] / М. Миршакар. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 384 с.
17. Пӯлодӣ, Т. Меваи Октябр [Матн] / Т. Пӯлодӣ. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 164 с.
18. Раҳимзода, Б. Роҳи тайшуда [Матн] / Б. Раҳимзода. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 516 с.
19. Сафарзода, Ғ. Ба дӯсти эрониам [Матн] / Ғ. Сафарзода // Тоҷикистони советӣ. – 1962. – №209. – 6 сентябр.
20. Сафарзода, Ғ. Пеш аз тулӯъи офтоб [Матн] / Ғ. Сафарзода // Тоҷикистони советӣ. – 1966. – №232.
21. Сафарзода, Ғ. Модар [Матн] / Ғ. Сафарзода // Тоҷикистони советӣ. – 1967. – №81. – 7 апрел.
22. Сафарзода, Ғ. Ҳарфи бародари ту-Қазоқ [Матн] / Ғ. Сафарзода // Тоҷикистони советӣ. – 1970. – №13. – 17 январ.
23. Сафарзода, Ғ. Савганд [Матн] / Ғоиб Сафарзода // Тоҷикистони советӣ. – 1971. – №202. – 3 декабр.
24. Сафарзода, Ғ. Мероси ҷавонӣ [Матн] / Ғ. Сафарзода. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 336 с.
25. Сафарзода, Ғ. Ҷавонӣ [Матн] / Ғ. Сафарзода. – Душанбе: Маориф, 1986. – 70 с.
26. Сафарзода, Ғ. Мунтахабот. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди якум. [Матн] / Ғ. Сафарзода. – Душанбе: Адиб, 2003. – 264 с.
27. Сафарзода, Ғ. Мунтахабот. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди дувум. [Матн] / Ғ. Сафарзода. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 232 с.

28. Сафиева, Г. Хонаи падар [Матн] / Г. Сафиева. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 80 с.
29. Сафиева, Г. Тахти сангин [Матн] / Г. Сафиева. – Душанбе: Адиб, 1992. – 160 с.
30. Сафиева, Г. Паймонаи ғазал [Матн] / Г. Сафиева. – Москва: Трансдорнаука, 2000. – 112 с.
31. Собир, Б. Бо чамидан, бо шамидан [Матн] / Б. Собир. – Душанбе: Адиб, 1987. – 208 с.
32. Собир, Б. Аз гули хор то симхор [Матн] / Б. Собир. – Москва: Интрансдорнаука, 2003. – 256 с.
33. Сулаймонӣ, Пайрав. Асарҳои мунтахаб [Матн] / С. Пайрав. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1954. – 84 с.
34. Сулаймонӣ, Пайрав. Куллиёт [Матн] / С. Пайрав. – Душанбе: Адиб, 2006. – 276 с.
35. Турсунзода, М. Асарҳои мунтахаб. Ҷилди якум. [Матн] / М. Турсунзода. – Душанбе: Нашрдавтоҷик., 1962. – 267 с.
36. Турсунзода, М. Асарҳои мунтахаб. Иборат аз се ҷилд. Ҷилди дувум [Матн] / М. Турсунзода. – Душанбе: Нашрдавтоҷик., 1962. – 312 с.
37. Турсунзода, М. Гулчини ашъор [Матн] / М. Турсунзода. – Душанбе: Адиб, 2011. – 552 с.
38. Файзулло, Ҳ. Достони роҳ [Матн] / Ҳ. Файзулло. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 112 с.
39. Ҳакимов А. Тарозуи офтоб [Матн] / А. Ҳакимов. –Душанбе: Ирфон, 1987. – 175 с.
40. Шералӣ, Л. Нӯшбод [Матн] / Л. Шералӣ. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 128 с.
41. Шералӣ, М. Раҳтӯша [Матн] / М. Шералӣ. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 144 с.

42. Шералӣ, Л. Марди роҳ [Матн] / Л. Шералӣ. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 232 с.
43. Шералӣ, Л. Вараҷи санг [Матн] / Л. Шералӣ. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 272 с.
44. Шералӣ, М. Борони сабз [Матн] / М. Шералӣ. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 208 с.
45. Шукӯҳӣ, А. Ватани сулҳ [Матн] / А. Шукӯҳӣ. – Сталинобод: Нашрдавточик., 1950. – 56 с.
46. Шукӯҳӣ, А. Шохаи райҳон [Матн] / А. Шукӯҳӣ. – Душанбе: Адиб, 2003. – 128 с.
47. Юсуфӣ, Ҳ. Маҷмуаи шеърҳо [Матн] / Ҳ. Юсуфӣ. – Сталинобод: Нашрдавточик., 1949. – 299 с.
48. Юсуфӣ Ҳ. Сатрҳои нотамом [Матн] / Ҳ. Юусуфӣ. – Душанбе: Адиб, 1987. – 336 с.

## II. АДАБИЁТИ ИЛМӢ

### а) Бо забони тоҷикӣ

49. Абдуманнон, А. Фурӯғи чеҳраҳо [Матн] / А. Абдуманнон. – Душанбе: Адиб, 2015. – 212 с.
50. Акбарзода, Ю. Нубуғи шоир ва булуғи шеър [Матн] / Ю. Акбарзода. – Хуҷанд: 2003. – 220 с.
51. Акбарзода, Ю. Адибон ва ноқидон [Матн] / Ю. Акбарзода. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 498 с.
52. Акбаров, Ю. Талаби ҳаёт ва қисмати адабиёт [Матн] / Ю. Акбаров. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 127 с.
53. Акбаров, Ю. Қисмати инсон ва қисмати шеър [Матн] / Ю. Акбаров. – Душанбе: Дониш, 1980. – 197 с.
54. Акбаров, Ю. Шеъри эҳсос ва тафаккур [Матн] / Ю. Акбаров. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 240 с.

55. Акбаров, Ю. Вазифаи муқаддаси танқиди адабӣ [Матн] Ю. Акбаров // Садои Шарқ. – 1985. – № 12. – С. 128-133.
56. Акбаров, Ю. Мактаби шоирии устод Лоҳутӣ [Матн] / Ю. Акбаров. – Душанбе: Дониш, 1987. – 92 с.
57. Акбаров, Ю. Ӯ меваи нахли орзу ночида [Матн] / Ю. Акбаров // Садои Шарқ. – 1990. – №5. – С. 106-114.
58. Амонов, Р. Лирикаи халқи тоҷик [Матн] / Р. Амонов. – Душанбе: Дониш, 1968. – 412 с.
59. Амонов, Р. Баҳс идома дорад [Матн] / Р. Амонов // Садои Шарқ. – 1976. – №12. – С. 99-101.
60. Араб, Ш. Қаламаш мурғи гӯё буд [Матн] / Ш. Араб // Гулхани Восеъ. – 2017. – №9. – 20 март.
61. Асозода, Х. Адабиёти садаи бисти форсии тоҷикӣ [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе: Сино, 1996. –161 с.
62. Асозода, Х. Адабиёти тоҷик дар садаи бист [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе: Маориф, 1999. – 447 с.
63. Асозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (давраи нав) [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. – 672 с.
64. Ахрорӣ, Ҳ., Ҳошим, Р. Кори эҷодӣ ё як навъ касби оддӣ? [Матн] / Ҳ. Ахрорӣ, Р. Ҳошим // Шарқи сурх. – 1962. –№2. – С. 129-144.
65. Ашуров, А. Диле пуршӯр омад [Матн] / А. Ашӯров // Мубориз. – 1991. – №23. – 21 феврал.
66. Бадеъ, Ж. Шеъри нав дар Эрони муосир [Матн] / Ж. Бадеъ // Садои Шарқ. – 1967. – №7. – С. 101-117.
67. Брагинский, И. С. Анъанаҳои адабиёти форсу тоҷик [Матн] / И. Брагинский // Садои Шарқ. – 1968. – №2. – С. 127-131.
68. Брагинский, И. С. Ҳаёт ва эҷодиёти С. Айнӣ [Матн] / И. Брагинский. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 194 с.

69. Ваҳҳоб, Р. Поэтикаи вазн ва хусусиятҳои ритмии назми муосири тоҷик [Матн] / Р. Ваҳҳоб. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 200 с.
70. Возеҳ, Қорӣ Раҳматуллоҳ. Туҳфат-ул-аҳбоб фи тазкират-ул-асҳоб: матни интиқодӣ [Матн] / Қ.Р. Возеҳ: бо муқаддима ва тасҳеҳи А. Ҷонфидо. – Душанбе: Дониш, 1977. – 216 с.
71. Давронов, С. Насими руҳбахш [Матн] / С. Дв ронов // Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик. Душанбе, 1972. – С. 252-262.
72. Давронов, С. Ёдгори ҷавонӣ [Матн] / С. Давронов // Садои Шарқ. – 1980. – №4. – С. 149-151.
73. Ёдгорӣ, Ш. Ошёни офтоб [Матн] / Ш. Ёдгорӣ // Комсомоли Тоҷикистон. – 1972. – №48. – 14 декабр.
74. Ёдгорӣ, Ш. Шоир ва рӯзноманигор [Матн] / Ш. Ёдгорӣ // Садои мардум. – 1992. – №23 – 7 феврал.
75. Ёров, Р. Маро бо кишварам сарсабз донед [Матн] / Р. Ёров // Маориф ва маданият. – 1973. – №12. – 30 январ.
76. Келдӣ, Г. Ғазал хуб аст, аммо... [Матн] / Г. Келдӣ // Адабиёт ва санъат. – 2002. – №51. – 20 декабр.
77. Келдӣ, Г. Растохези сухан [Матн] / Г. Келдӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2015. – 300 с.
78. Кӯчаров, А. Турсунзода: Маҳорат ва садоқат [Матн] / А. Кӯчаров. – Душанбе, 2011. – 182 с.
79. Маниёзов, А. Шеъри нав ва баъзе масъалаҳои шеърият [Матн] / А. Маниёзов // Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1970. – С. 243-251.
80. Маҳмадаминов, А. Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ [Матн] / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Сино, 1998. – 211 с.
81. Маъсумӣ, Н. Адабиёти тоҷик дар асрҳои XVIII ва нимаи аввали XIX [Матн] / Н. Маъсумӣ. – Душанбе: Нашрдавтоҷик., 1962. – 89 с.

82. Мирзоев, А. Сездаҳ мақола [Матн] / А. Мирзоев. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 288 с.
83. Мирзоева, М. Наврӯзу баҳори шоир / М. Мирзоева // Ҷумҳурият. – 2016. – №48. – 10 март.
84. Мирзозода, Х. Розҳои маҳрамона ё сурудҳои замонӣ [Матн] / Х. Мирзозода // Садои Шарқ. – 1976. – №8. – С. 138-148.
85. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди якум [Матн] / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маъориф, 1987. – 487 с.
86. Мирзоюнус, М. Бе ту хокам, бо ту афлок, Тоҷикистон [Матн] / М. Мирзоюнус // Хуҷанд. – 2005. – №12. – С. 93-98.
87. Муҳаммадиев, Ҳ. Дар ҳукми сабзаи навдамида [Матн] / Ҳ. Муҳаммадиев // Садои Шарқ. – 1973. – №5. – С. 148-151.
88. Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт [Матн] / Р. Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990. – 338 с.
89. Мусулмонқулов, Р. Асрори сухан [Матн] / Р. Мусулмонқулов. – Душанбе: Ирфон, 1980. –144 с.
90. Мусулмонқулов, Р. Фурӯғи шеъри ҷонпарвар [Матн] / Р. Мусулмонқулов. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 224 с.
91. Мусулмонқулов, Р. Анъана ва навоварӣ [Матн] / Р. Мусулмонқулов. – Душанбе: ДДТ, 1985. – 114 с.
92. Нарзиқул, М. Перомуни «Шеъри нав»-и тоҷикӣ ва арузи озод [Матн] / М. Нарзиқул // Пайванд. – Душанбе, 2016. – № 3. – С. 65-75.
93. Нодирпур, Н. Кухна ва нав [Матн] / Н. Нодирпур // Садои Шарқ. – 1968. – №2. – С. 138-144.
94. Отахонова, Х. Падидаҳои навҷӯӣ [Матн] / Х. Отахонова // Садои Шарқ. –1966. – №2. – С. 119-122.
95. Отахонова, Х. Пайванди ҳис ва андеша [Матн] / Х. Отахонова. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 244 с.

96. Отахонова Х. Таҳаввули жанри достон дар назми муосири тоҷик [Матн] / Х. Отахонова. – Душанбе: Дониш, 1983. –264 с.
97. Рафеъзод, Р. Ташнаи ишқу набард [Матн] / Р. Рафеъзод // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2008. – №201. – 9 июл.
98. Раҳимзода, Б. Баъзе мулоҳизаҳо доир ба кори навқаламон [Матн] / Б. Раҳимзода // Шарқи сурх. – 1959. – №6. – С. 130-342.
99. Раҳмонов, Ш. Мусаммат. Таҳаввул ва ташаккули он [Матн] / Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Дониш, 1987. – 172 с.
100. Раҳмонов, Ш. Шеър ва Айнӣ [Матн] / Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Маориф, 1994. – 192 с.
101. Раҳмонов, Ш. Таҳаввули воҳидҳо ва созмони жанрҳои лирикӣ дар назми форсу тоҷик [Матн] / Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Пайванд, 2010. – 310 с.
102. Раҷабӣ, М. То ба охир ҷоми дасташро нахӯрд [Матн] / М. Раҷабӣ // Садои Шарқ. – 2015. – №9 – С.14-44.
103. Саидӣ, Н. Шеъри нав дар Афғонистон [Матн] / Н. Саидӣ // Садои Шарқ. – 1968. – №2. – С. 110-118.
104. Саидҷаъфаров, Ш. Корвони орзу [Матн] / Ш. Саидҷаъфаров // Маориф ва маданият. – 1969. – №135. – 15 ноябр.
105. Самад, В. Қадри як ғазал [Матн] / В. Самад // Садои Шарқ. – 1973. – №3. – С. 84-95.
106. Самадов, А. Шигардҳои тарҷума [Матн] / А. Самадов. – Душанбе: Сабрина-К, 2016. – 184 с.
107. Сатторов, А. Шеър ва зиндагӣ [Матн] / А. Сатторов // Садои Шарқ. – 1975. – №10. – С. 116-136.
108. Сатторов, А. Баҳс идома дорад [Матн] / А. Сатторов // Садои Шарқ. – 1976. – №12. – С. 101-105.
109. Сафарзода, З. Ҷавонии ҷовидон [Матн] / З. Сафарзода. – Душанбе: Шарқи озод, 2010. – 176 с.

110. Саъдуллоев, А. Ғоиб ҳамеша бо мост [Матн] / А. Саъдуллоев // Садои Шарқ. – 2010. – №2. – С. 112-116.
111. Сиддиқов, С. Қиссаи таълифи як рубоии Савдо [Матн] / С. Сиддиқов // Илм ва ҳаёт. – 1990. – №11. – С. 21-22.
112. Сирус, Б. Оид ба шеъри нав [Матн] /Б. Сирус // Садои Шарқ. – 1965. – №8. – С. 112-130.
113. Сирус, Б. Назарияи нави қофиябандӣ дар назми тоҷик [Матн] / Б. Сирус. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 48 с.
114. Суярӣ, З. Ёди дӯст [Матн] / З. Суярӣ // Адабиёт ва санъат. – 1990. – №44. – 1 ноябр.
115. Табарӣ, М. Шоири шеърҳои ливо [Матн] / М. Табарӣ // Ҷумҳурият. – 2016. – №221. – 8 ноябр.
116. Табаров, Пайрав Сулаймонӣ [Матн] / С. Табаров. – Душанбе, 1962. – 395 с.
117. Табаров, С. Симои ҷовидонии пешво дар адабиёти тоҷик [Матн] / С. Табаров. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 261 с.
118. Табаров, С. Ҳаёт, адабиёт реализм. Иборат аз панҷ ҷилд. Ҷилди сеюм [Матн] / С. Табаров. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 208 с.
119. Табаров, С. Ҳаёт, адабиёт, реализм. Иборат аз панҷ ҷилд. Ҷилди чорум [Матн] / С. Табаров. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 400 с.
120. Темурзода, Ҷ. Як мушт орзу [Матн] / Ҷ. Темурзода // Тоҷикистони советӣ. – 1989. – №261. – 12 ноябр.
121. Темурзода, Ҷ. Занҷири гусаста [Матн] / Ҷ. Темурзода // Паёми Душанбе. – 1990. – №11. – 29 март.
122. Хоҷаева, М. Дар ҷустуҷӯи ҷони сухан [Матн] / М. Хоҷаев. – Хуҷанд, 1993. – 80 с.
123. Ҳайдаршоҳ, Х. Падида [Матн] / Х. Ҳайдаршоҳ // Ҷавонони Тоҷикистон. – 1990. – №7. – 28 феврал.

124. Ҳакимов, А. Аз ғазал то шеъри озод [Матн] / А. Ҳакимов // Садои Шарқ. – 1975. – №12. – С. 123-136.
125. Ҳакимов, А. Шеър ва замон [Матн] / А. Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 252 с.
126. Ҳакимов, А. Дар қаламрави сухан [Матн] / А. Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 224 с.
127. Ҳаким, А. Маҷмуаи осор. Иборат аз ҳафт ҷилд. Ҷилди сеюм [Матн] / А. Ҳаким. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – 512 с.
128. Ҳаким, А. Маҷмуаи осор. Иборат аз ҳафт ҷилд. Ҷилди чорум [Матн] / А. Ҳаким. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – 564 с.
129. Ҳаким, А. Маҷмуаи осор. Иборат аз ҳафт ҷилд. Ҷилди панҷум [Матн] / А. Ҳаким. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – 652 с.
130. Ҳакимова, С. Шеър, ҳунар ва иҷтимоъ [Матн] / С. Ҳакимова. – Хуҷанд: Ношир, 2018. – 336 с.
131. Ҳамроев, Ҷ. Таърихи танқиди адабӣ [Матн] / Ҷ. Ҳамроев. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 435 с.
132. Ҳамроев, Ҷ. Таърихи адабиёти навини тоҷик [Матн] / Ҷ. Ҳамроев. – Тошканд: Тамаддун, 2015. – 544 с.
133. Ҳасанзод, С. Ошёни андеша [Матн] / С. Ҳасанзод // Ҷумҳурият. – 2016. – №104. – 1 июн.
134. Ҳодизода, Р. Аз гузашта ва ҳозираи адабиёти тоҷик [Матн] / Р. Ҳодизода. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 144 с.
135. Ҳодизода, Р. Дар бораи баъзе майлҳо дар шеъри муосири тоҷик [Матн] / Р. Ҳодизода // Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик: маҷмуа. – Душанбе: Ирфон, 1970. – С. 225-230.
136. Ҳошим, Р. Сухан аз устодон ва дӯстон [Матн] / Ҳ. Раҳим. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 272 с.

137. Ҳусейнзода, Ш. Баъзе майлҳо дар шеъри муосири тоҷик [Матн] / Ш. Ҳусейнзода // Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик: маҷмуа. – Душанбе: Ирфон, 1970. – С. 225-242.
138. Ҷалолов, С. Навдаҳои бишкаста дар боғи пургул [Матн] / С. Ҷалолов // Тоҷикистони советӣ. – 1989. – №48. – 19 феврал.
139. Шакурӣ, М. Садри Бухоро. Чопи дувум бо тасҳеҳ, такмил ва иловаҳо [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 330 с.
140. Шакурӣ, М. Шеъри тоҷик ба кадом сӯ меравад? [Матн] / М. Шакурӣ // Фаслномаи Рӯдакӣ. – 2008. – №5. – С. 105-118.
141. Шамсиддинов, М. Қадри меҳнати шоён [Матн] / М. Шамсиддинов // Мубориз. – 1991. – №23. – 21 феврал.
142. Шарифов, Х. Функсияи маърифатии қасида [Матн] / Х. Шарифов // Ёдбуди устод Рӯдакӣ: маҷмуа. – Душанбе: Дониш, 1978. – С. 103-111.
143. Шарифов, Х. Мазмун ва ифода дар шеъри имрӯзи тоҷик [Матн] / Х. Шарифов // Садои Шарқ. – 1983. – №3. –С. 128 – 133.
144. Шарифов, Х. Нардбони умрҳо [Матн] / Х. Шарифов // Садои Шарқ. – 1990. – №6. – С. 139-143.
145. Шарифов, Х., Тоиров, У. Назмшиносӣ [Матн] / Х. Шарифов, У. Тоиров. – Душанбе: Ҳумо, 2005. – 384 с.
146. Шодиқулов, Ҳ. Ду мавзуи муҳимми шеъри имрӯз [Матн] / Ҳ. Шодиқулов // Садои Шарқ. – 1976. –№3. – С. 127-132.
147. Шукуров, М. Сухан аз лирика ва мазмуни ҳаётии он [Матн] / М. Шукуров // Садои Шарқ. – 1965. – №2. – С.78-105.
148. Шукуров, М. Сухан аз лирика ва мазмуни ҳаётии он [Матн] / М. Шукуров // Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик: маҷмуа. – Душанбе: Ирфон, 1970. – С.183-224.
149. Шукуров, М. Диди эстетикии халқ ва насри реалистӣ. [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 160 с.

150. Шукуров, М. Паҳлуҳои таҳқиқи бадеӣ. [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 281 с.
151. Шукуров, М., Акбаров, Ю. Анъана ва навоварӣ [Матн] / М. Шукуров, Ю. Акбаров. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 36 с.

**б) Бо хатти форсӣ**

152. Бечка, Иржи. Адабиёти форсӣ дар Тоҷикистон [Матн] / Иржи Бечка. – Теҳрон: Интишороти «Илмӣ ва фарҳангӣ», 1372. – 280 с.
153. Зиё, Шарифҷон-махдум. Тазкори ашъор [Матн] / Шарифҷон Садри Зиё; ба тасҳеҳи С. Сиддиқ; бо кӯшиши М. Шакурии Бухороӣ. – Чопи аввал. – Теҳрон: Интишороти «Суруш», 1380 = 2001. – 428 с.
154. Ҳойирӣ, Абдулҳодӣ. Мафҳуми навини озодиҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар навиштаҳои порсии Осиёи Миёна [Матн] / Абдулҳодӣ Ҳойирӣ // Теҳрон: моҳномаи фарҳангии «Симурғ», 1363. – №7-9. – С. 303-354.
155. Хонларӣ, Парвиз. Шеър ва ҳунар [Матн] / Парвиз Нотили Хонларӣ. – Теҳрон: Эрон чоп, 1354. – 372 с.
156. Хонларӣ, Парвиз. Вазни шеъри форсӣ [Матн] / Парвиз Нотили Хонларӣ. – Теҳрон: Бунёди фарҳангии Эрон, 1354. – 303 с.
157. Сартр, Ж.П. Адабиёт чист? [Матн] / Жан Поль Сартр. – Теҳрон: Чопи «Нон», 1348. – 252 с.
158. Шеърдӯст, Алиасғар. Ёдгори рӯзгор [Матн] / Алиасғари Шеърдӯст. – Теҳрон: Суруш, 1377. – 619 с.
159. Шеърдӯст, Алиасғар.Чашмандози шеъри имрӯзи Тоҷикистон [Матн] / Алиасғари Шеърдӯст. – Теҳрон: Алҳудо, 1376. – 328 с.
160. Қазва, Алиризо. Хуршедҳои гумшуда [Матн] / Алиризо Қазва. – Теҳрон: Ҳавзаи ҳунарӣ, 1376. – 634 с.
161. Кадканӣ, Шафеӣ. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ [Матн] / Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон: Интишороти «Огоҳ», 1366. – 732 с.

162. Кадканӣ, Шафеӣ. Мусиқии шеър [Матн] / Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон: Интишороти «Огоҳ», 1370. – 678 с.
163. Гарморудӣ, Алӣ Мусавӣ. Аз садр то соқа [Матн] / Алӣ Мусавии Гарморудӣ. – Теҳрон: Қадёнӣ, 1388. – 844 с.
164. Меҳрдод, М. Забеҳулло, Б. Зангулазанон гузашт борон, сайре дар шеъри муосири Тоҷикистон [Матн] / Муҷиби Меҳрдод, Беҳрӯзи Забеҳулло. – Кобул: Ормоншаҳр, 1390. – 111 с.
165. Ёҳақӣ, Муҳаммадҷаъфар. Ҷӯйбори лаҳзаҳо [Матн] / Муҳаммадҷаъфар Ёҳақӣ. – Теҳрон: Ҷомӣ, 1378. – 440 с.
166. Ёҳақӣ, Муҳаммадҷаъфар. Аз Ҷайҳун то Вахш [Матн] / Муҳаммадҷаъфар Ёҳақӣ. – Машҳад: Остони қудси разавӣ, 1378. – 304 с.
167. Ҳитчиниский, Кит. Адабиёти тоҷик аз Инқилоби Октябр то давраи исталинизи дойӣ [Матн] / Кит Ҳитчинский. // Теҳрон: Маҷаллаи «Адабистон», 1368. – №3. – С. 334-354.

### в) Бо забони русӣ

168. Брагинский, И.С. Из истории таджикской и персидской литературы [Текст] / И.С. Брагинский. – М: Наука, 1972. – 524 с.
169. Бертелс, Е. Э. История персидско-таджикской литературы. Избранные труды [Текст] / Е.Э.Бертелс. – М.: Восточная литература, 1960. – 556 с.
170. Белинский, В.В. Разделение поэзии на роды и виды. Избранное [Текст] / В.В. Белинский. – М.: Худож. Литература, 1959. – 374 с.
171. Луначарский, А.В. Вл. Маяковский [Текст] // Статьи о литературе – М.: Художественная литература, 1957. – С. 312-398.
172. Плеханов, Г.В. Литература и эстетика [Текст] / Г.В. Плеханов. Т.2. – М.: Наука, 1958. – 671 с.

173. Рипка, Ян. История персидской и таджикской литературы [Текст] / Ян. Рипка. – М.: Прогресс, 1970. –  418 с.

## III. ФАРҲАНГУ ЛУҒОТ

### а) Бо забони тоҷикӣ

174. Адибони Тоҷикистон Маълумотнома. (Мураттиб: Гулназар Келдӣ) [Матн]. – Душанбе: Адиб, 2003. – 735 с.
175. Адибони Тоҷикистон. Маълумотнома. (Таҳия ва танзими Асрори Сомонӣ ва Маҷид Салим) [Матн]. – Душанбе: Адиб, 2014. – 320 с.
176. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Иборат аз 3 ҷилд. Ҷ. 3 [Матн]. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи тоҷик, 1989. – 560 с.
177. Энсиклопедияи советии тоҷик. Иборат аз ҳашт ҷилд. Ҷилди 1 [Матн]. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи советии тоҷик, 1978. – 666 с.
178. Энсиклопедияи советии тоҷик: Иборат аз ҳашт ҷилд. Ҷилди 6 [Матн]. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи тоҷик, 1986. – 640 с.
179. Энсиклопедияи советии тоҷик. Иборат аз ҳашт ҷилд. Ҷилди 8 [Матн]. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи советии тоҷик, 1988. – 544 с.

## НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:


[1-М]. Ҳамзаев, М. Шоирро аз дунёи шеър бояд ҷуст [Матн] / М. Ҳамзаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – №4/4 (206). – С. 274-278.

[2-М].Ҳамзаев, М. Мавқеи рубоӣ дар ашъори Ғоиб Сафарзода [Матн] / М. Ҳамзаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №5. – С. 266-269.

[3-М].Ҳамзаев, М. Тарҷумаи бадеӣ ва ҳунари тарҷумонии Ғоиб Сафарзода [Матн] / М. Ҳамзаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №6. – С. 238-242.

[4-М].Ҳамзаев, М. Таҳаввули маснавӣ дар адабиёти муосир [Матн] /М. Ҳамзаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – №6. – С. 175-181.

[5-М].Имомзода, М.С., Ҳамзаев, М.Қ. Ғоиб Сафарзода ва матбуот [Матн] / М.С. Имомзода, М.Қ. Ҳамзаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №3. – С. 152-157.


### II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмию адабӣ:


[6-М].Ҳамзаев, М. (Сабурӣ, М.) Он чи бомаъност, худ пайдо шавад [Матн] / М. Ҳамзаев // Садои Шарқ. – 2019. – №11. – С. 171-191.

[7-М].Ҳамзаев, М. (Сабурӣ, М.) Ҷусторҳои ҳунарӣ дар шеъри тоҷики садаи XX [Матн] / М. Ҳамзаев // Садои Шарқ. – 2020. – №12. – С. 153-174.

[8-М]. Ҳамзаев, М.Қ. Рубоӣ дар коргоҳи эҷодии Ғоиб Сафарзода[Матн]/ М.Қ. Ҳамзаев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Пешвои

миллат ва рушди илм дар Тоҷикистон», ба ифтихори 145-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон, бунёдгузори адабиёти муосири тоҷик устод Садриддини Айнӣ ва бахшида ба Рӯзи илми тоҷик (Хуҷанд, 27.04.2023). – Хуҷанд: Ношир, 2023. – С. 585-589.

[9-М]. Ҳамзаев, М. Нақши тарҷумаи осори бадеӣ дар таҳкими робитаҳои адабӣ (Нигоҳе ба фаъолияти тарҷумонии Ғоиб Сафарзода) [Матн]/ М.Қ. Ҳамзаев // Маҷмуи мақолаҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявии«Масъалаҳои мубрами филологияи Шарқ ва равобити адабӣ» (Хуҷанд, 26-27.04.2024). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2024. – С. 449-454.